**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**
**ФАКУЛТЕТИ МОЛИЯВИЮ ИҚТИСОДӢ**
**КАФЕДРАИ ИҚТИСОДИЁТИ ҶАҲОНӢ**

**Саидмуродова М.А., Қурбоналиев Қ.И.**

# ИҚТИСОДИЁТИ ҶАҲОНӢ

## ВАСОИТИ ТАЪЛИМӢ



**Душанбе-2023**

**УДК:339.48(075.8)(575.3)**
**ББК:65.5(2Т)**
**С-14**

**Муаллифон:** н.и.и., дотсент **Саидмуродова Малика Абдуваҳобовна**
ассистент **Қурбоналиев Қароматулло Исмоилович**

**Муқарризон: Ҷумъаев Баҳовaддин**
**Муқарризон: Ҷумъаев Баҳовaддин Маҳмадназарович -** д.и.и., профессор, мудири кафедраи иқтисоди ҷаҳонии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон
**Гулов Шералӣ Маҳмадсаидович** - дотсенти кафедраи андоз ва андозбандии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Васоити таълимӣ аз фанни иқтисодиёти ҷаҳонӣ низоми бозори ҷаҳонӣ; ташаккули талабот ва пешниҳод ба мол ва омилҳои истеҳсолот, ки дар муомилоти байналмилалӣ қарор доранд; воситаҳои таҳлил ва барномасозии иқтисодиёти миллӣ аз нуқтаи назари ҳамкории он бо иқтисодиёти мамлакатҳои дигар; тамоюлҳои рушди бозорҳои молиявӣ; роҳҳои такмил додани низоми ҷаҳонии иқтисодиётро дар назар дорад.
Дар шароити афзудани нақши робитаҳои иктисодии берунӣ дар тараққиёти хочагии халк ва фаъолияти сохторҳои гуногуни тиҷоратӣ ба иқтисодчиёни соҳибихтисос, ки дар ин соҳа тайёрии махсус доранд, зиёд мешавад.

Тахассуси иқтисодиёти ҷаҳон омӯзиши масъалаҳои гуногуни башариятро дар самти инкишофи иҷтимоию иқтисодӣ, раванди гузариш аз байналмилалигардонии ҳаёти хоҷагидорӣ ба ҷаҳонишавии истеҳсолот, молия, сармоягузорӣ, тиҷорат ва дигар шаклҳои муносибатҳоро байни мамлакатҳо фаро гирифтааст.

Ин васоит ҳамчун роҳнамо барои донишҷуёни ихтисосҳои иқтисодӣ ва мутахассисони соҳа пешбинӣ шудааст.

Васоити таълимӣ дар ҷаласаи кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонӣ «28» ноябри соли 2022, суратмаҷлиси № 4 баррасӣ ва аз ҷониби ШМ-и факултети молиявию иқтисодӣ « » соли 2022, суратмаҷлиси № ба ШИМ ДМТ пешниҳод гардидааст,

Аз тарафи Шӯрои илмию методии ДМТ таҳти суратмаҷлиси № аз « » январи соли 2023 ба чоп тавсия шудааст.

**Мундарича:**

**Сарсухан……………………………………………………………4**
**МАВЗУИ 1. Иқтисодиёти ҷаҳон хамчун низом..............................6**
**МАВЗУИ 2. Тақсимоти байналхалқии меҳнат (ТБМ)……………15**
**МАВЗУИ 3. Сохтори сохавии иқтисодиёти чаҳонӣ………………28**
**МАВЗУИ 4. Сохтори сохавии иқтисодиёти чаҳонӣ………………44**
**МАВЗУИ 5.** ***Иктисодиёти рушди устувор………………………….57***
***МАВЗУИ 5.1.Иктисодиёти ИМА…………………………………59***
**МАВЗӮИ5.2.Иктисодиёти Иттифоки Аврупо (ИА)............69**
**МАВЗӮИ №5.3.Иктисодиёти Япония……………………………82**
**МАВЗӮИ №5.4.Мамлакатхои нави индустрияви (МНИ)*............97***
**МАВЗУИ 6. Хусусиятхои мамлакатхои дорои иктисодиёти ру ба инкишоф……………………………………………………………113**
**МАВЗӮИ №6.1.Назарияхои асосии иктисодиёти ру ба инкишоф………………………………………………………..127**
**МАВЗУИ 7.Иктисодиёти давраи гузариш: Моделхои иктисодиёти давраи гузариш…………………………………………………………139**
**МАВЗӮИ 7.1.Хусусиятхои давраи гузариши мамлакатхои Аврупои Марказию Шаркӣ (АМШ)………………………………………..154**
**МАВЗӮИ 7.2.Иттиходи Давлатхои мустакил (ИДМ), Иттиҳоди иқтисодии Осиёи Марказӣ (ИИОМ) ва Созмони хамкории Шанхай (СҲШ)………………………………………………………………..163**
**МАВЗӮИ 7.3.Хитой дар иктисодиёти чахон……………………191**
**МАВЗУИ 8. Проблемахои умумибашарии иктисодиёти чахони……………………………………………………………………201**
**Рӯйхати корҳои курсӣ** барои донишҷӯёни ихтисоси 25010300 - иқтисодиёти ҷаҳонӣ …………………………………………………222

**Сарсухан**

Дар шароити афзудани накши робитаҳои иктисодии берунӣ дар тараккиёти хочагии халк ва фаъолияти сохторҳои гуногуни тиҷоратӣ ба иқтисодчиёни соҳибихтисос, ки дар ин соҳа тайёрии махсус доранд, зиёд мешавад.

Тахассуси иқтисодиёти ҷаҳон омӯзиши масъалаҳои гуногуни башариятро дар самти инкишофи иҷтимоию иқтисодӣ, раванди гузариш аз байналмилалигардонии ҳаёти хоҷагидорӣ ба ҷаҳонишавии истеҳсолот, молия, сармоягузорӣ, тиҷорат ва дигар шаклҳои муносибатҳоро байни мамлакатҳо фаро гирифтааст.

Васоити таълимӣ татқиқотҳои бунёдиро дар соҳаи назарияи тиҷорати байналмилалӣ, содироти сармоя, ҳаракати байналхалқии қувваи корӣ, мубодилаи байналхалқии технология, молияи байналмилалӣ ва ҳамгироии байналмилалӣ, инчунин омӯзиши фанҳои амалӣ, ки малакаҳои амалиро дар соҳаи фаъолияти иқтисодии хориҷиро ташаккул медиҳанд, дар бар мегирад.

Имрӯзҳо равандҳои геополитикӣ мураккабу печида боқӣ монда, боиси афзоиши мухолифату низоъҳо, шиддат гирифтани рақобат ва талоши кишварҳо барои тавсеаи нуфуз дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон гардидаанд. Ин ҳолат боиси ба миён омадани таҳдиду хатарҳои бесобиқаи амниятӣ гардида, дар маҷмӯъ, ба сохтори бунёдии муносибатҳои байналмилалӣ таъсири ҷиддӣ мерасонад.

Дар чунин шароит Тоҷикистон ба хотири таъмин намудани манфиатҳои миллӣ ва ҳифзи арзишҳои анъанавии худ сиёсати хориҷии мутавозин ва санҷидаро идома медиҳад.

Дар ин замина, давлати мо азм дорад, ки дар асоси сиёсати «дарҳои кушода»-и хориҷии худ робитаҳои дӯстӣ ва ҳамкории мутақобилан судманду созандаи дуҷониба ва бисёрҷонибаро бо ҳамаи кишварҳои ҷаҳон тавсеа бахшида, рушд диҳад. Идомаи робитаҳои фаъол ва рушду таҳкими маҷмӯи муносибатҳо бо шарикони стратегӣ, анъанавӣ ва боэътимод самти муҳимми сиёсати хориҷии моро ташкил медиҳад.

Дар баробари ин, мо саъю талошро ҷиҳати таъмин намудани рушди устувор ва тақвияти рӯҳияи ҳусни ҳамҷаворӣ, эътимод ва дӯстии пойдор дар минтақаи Осиёи Марказӣ идома медиҳем. Тоҷикистон ҳамкориҳои худро бо шариконы байналмилалӣ, аз ҷумла Созмони Милали Муттаҳид, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Созмони ҳамкории Шанхай, Созмони Аҳдномаи амнияти дастҷамъӣ, Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо, Созмони ҳамкории иқтисодӣ, Созмони ҳамкории исломӣ ва дигар сохторҳои бисёрҷониба ҳамчун узви фаъол идома хоҳад дод.

Дар ин раванд, ҳамкории мо бо сохторҳои байналмилалии молиявӣ ва дигар шарикони рушд дар сатҳи баланд қарор дошта, минбаъд низ густариш дода мешавад.

Дараҷаи баланди омодагии умумии иқтисодӣ ва касбӣ ба иқтисодчиёни байналмилалӣ имкон медиҳад, ки худро дар соҳаҳои алоқаманди фаъолияти иқтисодӣ: маъмурӣ, ташкилию идоракунӣ, экспертӣ-таҳлилӣ ва илмию методӣ амалӣ гардонанд.Иқтисодиёти ҷаҳонии муосир гуногунгоранг ва гуногунҷанба буда, дар шароити муосир ҳар як «ҷузъи» он бо дигар ҷузъҳо робита дорад ва ба қонунҳои муайян итоат мекунад - ва онҳо ҳар лаҳза тағйир меёбанд. Иқтисодиёти ҷаҳонӣ ҳамчун илм давра ба давра ташаккул меёбад. Вай сатҳҳои гуногун - аз муносибатҳои иқтисодии берунии давлатӣ сар карда, то фаъолияти иктисодии берунии корхонаҳоро фаро мегирад.

Ва мисли ҳама гуна ихтисосҳои иқтисодӣ, он барои кор кардан дар соҳаҳои гуногун - дар вазоратҳо, бонкҳо ва корхонаҳои тиҷоратӣ ва муассисаҳои давлатӣ ва марказҳои тадқиқотӣ ва ғайраҳо дониш ва малакаҳоро пешбинӣ мекунад. Дар соҳаи таҳлили равандҳои иқтисоди ҷаҳонӣ ва муносибатҳои иқтисодии байналхалқӣ иқтисодчиён - тадқиқотчиён ва мутахасисони дорои таҷрибаи дараҷаи олӣ тайёр карда мешаванд.а мешаванд.

# МАВЗӮИ №1

## Иқтисодиёти ҷаҳон хамчун низом

1. **Мазмун ва моҳияти иқтисодиёти ҷаҳон.**
2. **Таърихи ташаккулёби ва мархилахои тараккиёти иқтисодиёти ҷаҳонӣ.**
3. **Конуниятхои тараккиёти иқтисодиёти ҷаҳонӣ.**
4. **Нишонидахандахои асосии ташаккул ва тараккиёти иқтисодиёти ҷаҳонӣ. Системаи счетхои миллӣ ва байналхалқӣ.**
5. **Гурӯҳбандии мамлакатҳо аз руи нишондихандахои иқтисодӣ.**

### 1. Мазмун ва мохияти иқтисодиёти ҷаҳон.

Мафҳумҳои «иқтисодиёти ҷаҳонӣ», «хоҷагии ҷаҳонӣ», «хоҷагии умумиҷаҳонӣ» мафҳумҳои ҳаммаъно мебошанд. Иқтисодчиёни гуногун ин мафҳумро бо ду маъно шарҳ медиҳанд: бо маънои мушаххас ва маънои васеъ. Бо маънои васеъ иқтисодиёти ҷаҳонӣ ин маҷмӯи хоҷагиҳои ба ҳам вобаста ва ба ҳам алоқаманди давлатҳои ҷаҳон мебошад, ки аз рӯи қонуниятҳои объективии иқтисодиёти бозорӣ тараққӣ мекунанд. Бо маънои мушаххас иқтисодиёти ҷаҳонӣ ин маҷмӯи соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёти миллии давлатҳои ҷаҳон, ки дар муносибатҳои иқтисодии байни давлатҳо иштирок менамоянд, мебошад. Предмети омӯзиши фанни иқтисодиёти ҷаҳонӣ аз як тараф иқтисодиёти давлатҳои тараққикарда, рӯ ба тараққӣ ва дар давраи гузариш буда, аз тарафи дигар бошад муносибатҳои тарафайни иқтисодии байни ин давлатҳо ба амалоянда мебошад.

Иқтисодиёти ҷаҳонро иқтисодчиён ҳамчун система тавсиф медиҳанд, зеро ягон давлати ҷаҳон дар алоҳидагӣ мавҷуд буда наметавонад ва ба воситаи муносибатҳои иқтисодии тарафайни хориҷӣ тамоми талаботи худро дар молу хизматҳои зарурӣ қонеъ мегардонад. Ҳамин тариқ, давлатҳо дар иқтисодиёти ҷаҳон ба воситаи ҳаракати байналхалқии омилҳои истеҳсолот ба ҳамдигар алоқаманд гардида дар ин асос шаклҳои зерини муносибатҳои байналхалқии иқтисодӣ ба вучуд меоянд:

-тиҷорати байналхалқии мол ва хизмат;

-ҳаракати байналхалқии сармоя;

-ҳаракати байналхалқии қувваи корӣ;

-мубодилаи байналхалқии технология;

-муносибатҳои ҳисобию асъорӣ.

Заминаҳои асосии пайдоиш ва ташаккули иқтисодиёти ҷаҳон инҳоянд:

1.Тақсимоти байналхалқии меҳнат, ки асоси моддии иқтисодиёти ҷаҳонро ташкил медихад.

2.Байналмиллалигардонии ҳаёти хочагидорӣ бо роҳи истифодаи шаклҳои васеи МИБ.

Хусусиятҳои асосии хоҷагии ҷаҳони муосир инхоянд:

-инкишофи ҳаракати байналхалқии омилхои истеҳсолот, пеш аз ҳама дар шакли содирот-воридоти сармоя, қувваи корӣ, технология;

-дар асоси ин рушди шаклҳои байналхалқии истеҳсолот дар корхонаҳое, кидар якчанд мамлакатҳо чойгиранд, пеш аз хама дар ҳудуди корпоратсияҳои фаромиллалӣ;

-сиёсати иқтисодии давлатҳо, ки дастгирии ҳаракати байналхалқии молҳо ва омилҳои истеҳсолотро дар асоси муносибатҳои дутарафа ва бисёртарафа пешбинӣ мекунад;

-бавучудоии иқтисодиёти типи кушода дар чаҳорчубаи давлатҳо ва иттиходияҳои байнидавлатӣ.

**2.Таърихи ташаккулёбӣ ва мархилаҳои тараққиёти иқтисодиёти ҷаҳонӣ.**

Мувофиқи ақидаҳои мутахассисон ташаккулёбии иқтисодиёти ҷаҳонӣ ҳанӯз ҳазоросолаҳо пеш аз мубодилаи байни давлатҳои қадимтарин – Мисру Рим, Кавказу Руси Кадим бо натиҷаҳои меҳнати онҳо оғоз ёфтааст. Ҳанӯз дар давраҳои қадим қабилаҳои ин давлатҳо бо маҳсулоти мисин ва чубу тахтагини худ мубодила мекарданд. Ҳамин тариқ, тадқиқотчиён дар натиҷаи кофтуковҳои археологӣ аз Уралу Кавказ маҳсулоти мисини мисрӣ ва аз Мисру Рим маҳсулоти давлатҳои Русу Кавказро дарёфт намуданд. Маконе, ки аваллин бор давлатҳои қадим бо якдигар тиҷоратро оғоз намуданд, минтақаи Баҳри Миёназамин мебошад. Мамлакатҳои соҳили он маҳз ба воситаи ин баҳр бо якдигар тиҷорат мекарданд. Бинобар ин олимон минтақаи баҳри

Миёназаминро ядрои хоҷагии ҷаҳонӣ меноманд. Мунтазам ба ин минтақа давлатҳои минтақаҳои хамсоя хамрох мешуданд: аввал Осиёи Ҷанубӣ, баъд Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, Сибиру Урал, Америкаи Шимолӣ, баъд Америкаи Ҷанубӣ ва Австралия ва оқибат минтакаҳои дурдасти Африкаи тропикӣ.

Ба ташаккулёбии хоҷагии ҷаҳонӣ васеъ гардидани муносибатҳои тиҷоратии давлатҳо ва экспидитсияҳои бузурги географӣ бо сардории Магелану Ҷеймс Кук, Колумбу Васко да Гамма муоидат намуданд, ки дар натиҷаи онҳо давлатҳои дунё боз ҳам бештар оиди дигар давлатҳои ҷаҳон маълумот пайдо намуда бо онҳо муносибатҳои берунитиҷоратиро ба роҳ мемонданд. Ба инкишофи иқтисодиёти ҷаҳонӣ, инчунин инқилоби илмӣ-техникӣ, ба вучуд омадани воситаҳои муосири нақлиёту алоқа ва муносибатҳои нави молиявӣ суръат бахшиданд. Ҳамин тарик, то охири асри IX хоҷагии ҷаҳонӣ пурра ташаккул ёфт.

Марҳилаҳои ташаккули иқтисодиёти ҷаҳонӣ инхоянд:

Марҳилаи якум- асрҳои 15-17-ро дар бар мегирад, ки онро Марҳилаи ҳукмронии сармояи тиҷоратӣ меноманд. Хусусиятҳои ин марҳила чунинанд:

-васеъшавии масоҳати тиҷорати байналхалқӣ;

-зиёдгардии номгӯи маҳсулоти тиҷоратӣ;

-кушодашавии аввалин биржаҳои молӣ дар ҷаҳон;

- аввалин бор болоравии нарх ва беқурбшавии пул.

Марҳилаи дуюм-асрҳои 18-19-ро дар бар мегирад, ки Марҳилаи ҳукмронии сармояи саноатӣ мебошад. Хусусиятҳои ин марҳила чунинанд:

-зиёдшавии истеҳсолоти саноатӣ дар ҷаҳон;

-ба вучуд омадани аввалин бӯҳронҳои иқтисодӣ дар ҷаҳон (соли 1825 аввалин бӯҳрони ҷаҳонӣ);

Марҳилаи сеюм асрҳои 20- 21-ро дар бар мегирад ва онро Марҳилаи ҳукмронии сармояи молиявӣ меноманд. Ин марҳила дорои хусусиятҳои зерин аст:

-аҳамияти зиёд пайдо кардани содироти сармоя нисбат ба содироти мол, яъне кушодани корхонаҳо дар хориҷа;

-ба роҳ мондани фаъолияти васеи ширкатҳои фаромиллалӣ- ширкатҳое, ки аз руи сармоя ба як мамлакат  таааллуқ дошта аз рӯи фаъолият байналхалқӣ мебошанд;

- таъсисёбӣ ва фаъолияти ташкилотҳои байналхалқии иқтисодӣ.

**3.Қонуниятҳои тараққиёти иқтисодиёти ҷаҳонӣ.**

Қонуниятҳои тараққиёти хоҷагии ҷаҳонӣ новобаста  ба сохтори давлат ва сатҳи инкишофи он барои ҳамаи давлатҳои ҷаҳон умумӣ ва ягона мебошанд. Ба назар нагирифтани чунин қонуниятҳо давлатҳоро ба  бӯҳронҳои иқтисодӣ дучор менамояд. Умуман чунин қонуниятҳои тараққиёти хоҷагии ҷаҳонӣ амал мекунанд:

1.Афзудани характери кушоди иқтисодиёти давлатҳои алоҳида, яъне аз ҷиҳати робитаҳои иқтисодии хориҷӣ кушода шудани иқтисодиёти давлат.

Иқтисодиёти кушод гуфта чунин хочагии миллиеро мефаҳманд, ки  барои фаъолияти субъектҳои  хоҷагидори хориҷӣ ба соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти худ роҳ кушода  робитаҳои иқтисодии хориҷиро бо дигар давлатҳои ҷаҳон васеъ ба роҳ мемонад. Дар чунин хоҷагӣ  таносуби гардиши тиҷорати беруна ва робитаҳои иқтисодии хориҷӣ ба даромади миллӣ омили асосии рушди иқтисодӣ баромад мекунад. Иқтисодиёти кушод чунин нишондиҳандаҳоро дорад:

**Квотаи содиротӣ:** :
$$C_k = \frac{C}{ММД} \times 100$$

**Квотаи воридотӣ:**
$$B_k = \frac{B}{ММД} \times 100$$

**Квотаи берунитиҷоратӣ:**
$$TX_x = \frac{C + B}{ММД} \times 100\%$$

2.Байналмиллалишавии тараққиёти илму техника.Тараққиёти ҳар як давлат аз истифодаи васеи комёбиҳои илмӣ- техникӣ вобаста мебошад. Бинобар ин давлатҳо шаклҳои гуногуни мубодилаи технологиро ба таври васеъ истифода мебаранд: ташкил ва иштирок дар конференсияҳо, семинар ва симпозиумҳои байналхалқӣ ва мубодилаи ахборот ва китобу маҷаллаҳои технологӣ дар онҳо; воридоти мошинаю таҷҳизот; ҳичрати қувваи кории баландихтисос;  тиҷорати

ихтироот, патентҳо ва литсензияҳо; бастани созишномаҳои байнидавлатӣ оид ба ҳамкории тадқиқотию технологӣ.

3.Таъсири самараи нишондиҳандагӣ (демонстрационный эффект), яъне аз тарафи давлатҳо истифода намудани бартариҳои моделҳои муайяни истеҳсолот , истеъмолот, идоракунии иқтисодӣ ва танзим.

**4.Нишонидаҳандаҳои асосии ташаккул ва тараққиёти иқтисодиёти ҷаҳонӣ. Системаи счетҳои миллӣ ва байналхалқӣ.**

Робитаҳои асосии байни соҳаҳои фаъолияти иқтисодиро ба воситаи системаи счётҳои миллӣ, ки аз тарафи ташкилотҳои байналхалқӣ кор карда баромада шудааст ифода менамоянд.

**Системаи счётҳои миллӣ** ин маҷмӯи қоидаҳои қабулшудаи байналхалқии баҳисобгирии фаъолияти иқтисодӣ, ки ҳамаи робитаҳои макроиқтисодии асосиро, аз ҷумла таъсири тарафайни иқтисодиёти миллӣ ва иқтисодиёти ҷаҳониро дар маҷмӯъ таҷассум менамояд, мебошад. ССМ барои ҳамаи мамлакатҳои ҷаҳон новобаста аз сатҳи тараққиёти иқтисодӣ-иҷтимоии ягона буда ҳангоми таҳлили вазъияти иқтисодӣ ва коркарди барномаи инкишофи иқтисодӣ ниҳоят муҳим мебошад. Нишондиҳандаҳои ССМ вазъият ва сатҳи тараққиёти иқтисодии хоҷагии миллиро инъикос менамоянд, ки ин имконияти муқоиса намудани мамлакатҳоро дар хоҷагии ҷаҳонӣ фарохам меорад. Нишондиҳандаҳои асосии ССМ ин МММ, ММД, ДМ ва ғайра мебошанд.

*ММД* ин арзиши ниҳоии тамоми маҳсулот ва хизмате, ки дар ҳудуди иқтисодиёти миллӣ дар давоми вақти муайян истеҳсол шудааст мебошад.

*МММ* ин арзиши ниҳоии тамоми молу хадамот, ки аз тарафи шаҳрвандони мамлакат новобаста аз макони ҷойгиршавии онҳо дар давоми вақти муайян истеҳсол шудааст, мебошад.

Дигар нишондиҳандаи муҳими ССМ даромади миллӣ мебошад. ДМ ин суммаи даромадҳои ибтидоии резидентҳои мамлакат, яъне музди меҳнат, фоида, даромад аз моликият, андоз ба истеҳсолот ва воридот мебошанд.

**Барои ҳисоби ММД аз формулаҳои зерин истифода мебаранд:**

- МММх= C+Ig+G+Nx
- МММд= A+T+W+%+R+P
- ММС= МММ-А

- DM= MMC- T
- DШ= DM-аъзохаккӣ ба фонди сугурта- андоз аз фоидаи корхона-фоидаи таксимношудаи корхона+маблагхои трансфертӣ
- ДШ (DI)= ДШ-Анд.шахсӣ

**(Шарҳи нишондиҳандаҳо мушаххас дода мешавад.)**

Барои муқоисаи байни мамлакатҳо нишондиҳандаи хос – даромад ба сари аҳолӣ, ки бо доллар ҳисоб карда мешавад, ниҳоят қулай мебошад. Аз рӯи ин нишондиҳанда мавқеи пешбарандаро мамлакатҳои тараққикардаи иқтисодӣ ишғол мекунанд. Мисол, ММД ба сари аҳолӣ соли 2022 дар мамлакатҳои зерин бо нишондоди ХБА чунин буд (бо долл): Люксембург- 134754; Сингапур-116486; Ирландия-106456; Катар-93521; Норвегия-79201; Швейтсария 77324; Макао- 73802; ИМА- 69288; АМА 66766. Дар Россия ин нишондиҳанда соли 2022 32803 долл., Хитой- 19338 долл; дар Тоҷикистон-4288 долл. буд.

**5. Гурӯҳбандии мамлакатҳо аз рӯи нишондиҳандаҳои иқтисодӣ.**

Гуногунии маҷмӯи нишондиҳандаҳои тараққиёти иқтисодии мамлакатҳои ҷаҳон имконияти баҳо додани сатҳи тараққиёти иқтисодии онҳоро аз якчанд нуқтаи назар фароҳам меорад. Барои ин якчанд нишондиҳандаҳои асосиро истифода мебаранд, ба монанди :

-МММ-и мутлақ ва нисбӣ (ММД),

-ДМ ва даромад ба сар аҳолӣ,

-сохтори соҳавии иқтисодиёти миллӣ,

-сохтори содирот ва воридоти мамлакат,

-сатҳ ва сифати зиндагии аҳолӣ ва ғайра

Якчанд тарзи муайян намудани мавқеи мамлакатҳо дар хоҷагии ҷаҳонӣ вуҷуд дорад. Яке аз тарзҳои оддӣ- ҷудо намудани мамлакатҳо ба гурӯҳҳо аз рӯи сатҳи даромад ба сари аҳолӣ мебошад. Ин тарз аз тарафи СММ, ФБА, БҶТТ истифода бурда шуда нишондиҳандаи даромад ба сари аҳолӣ ҳар сол ҳисоб карда мешавад. Масалан, БҶТТ аз рӯи даромад ба сар аҳолӣ се гурӯҳи мамлакатҳоро ҷудо мекунад:

-мамлакатҳо бо даромади баланд ба сари аҳолӣ – аз 12616  долл. зиёд ( 27 мамлакат),

-мамлакатхо бо даромади миёна ба сари аҳолӣ - аз 1036 долл. то 12616 (68 мамлакат),

-мамлакатҳо бо даромади паст  ба сари аҳолӣ –на зиёда аз 1035 долл. (аз 49 зиёд мамлакат).

Аз рӯи дараҷаи тараққиёти иқтисодӣ, ки дараҷаи тараққиёти соҳаи саноат, ҳаҷми умумии истеҳсолот, ҳиссаи маҳсулоти саноатӣ  дар содироти умумӣ ва ҳаҷми ММД ба сари аҳолиро нишон медиҳад, мамлакатҳоро ба се гурӯҳ ҷудо мекунанд:

Мамлакатҳои тараққикардаи саноатӣ, ки 25- то буда 1,2 млрд. аҳолӣ  (23% аҳолии ҷаҳон) доранд ва 70%-и ММД-и ҷаҳонӣ ва 70-75% истеҳсолоти ҷаҳонии саноатиро ташкил медиханд. ММД ба сари аҳолӣ дар ин гурӯҳи мамлакатҳо аз 10 то 25 ҳаз. долларро ташкил дода ба онҳо қариб 70%-и гардиши берунитиҷоратии ҷаҳонӣ рост меояд.

Мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ, ки 120-то буда қисми зиёди мамлакатҳои Осиё, Африка ва Америкаи Лотиниро дар бар мегиранд. Ба ин гурӯҳи мамлакатҳо 40%-и ММД-и ҷаҳонӣ ва 26%-и содироти  ҷаҳонӣ  рост меояд. Онҳо бо сатҳи миёна ва пасти даромад фарқ мекунанд

Мамлакатҳои нави саноатӣ, ки баъди солҳои 60-уми асри 20 дар арсаи ҷаҳонӣ бо  суръати баланди рушди иқтисодӣ, ҳаҷми рузафзуни содирот, ҳиссаи баланди истеҳсолоти саноати худро намоён карданд. Ба ин мамлакатҳо пеш аз ҳама мамлакатҳои Осиёи  Ҷанубу Шарқӣ, Осиёи Шарқӣ ва Америкаи Лотинӣ ба монанди, Гонконг, Сингапур, Малайзия, Турсия, Ҳиндустон, Бразилия, Аргентина ва дигарҳо дохил мешаванд.

Дигар нишондиҳанда ин сохти иқтисодӣ-ичтимоии давлат мебошад, ки мувофиқи он давлатҳоро ба чунин гурӯҳҳо  ҷудо менамоянд:

-давлатҳои сохти иқтисоди бозорӣ

-давлатҳои иқтисодиёташон дар давраи гузариш, ки мамлакатҳои Аврупои Шарқӣ ва собиқ  мамлакатҳои ИЧШС-ро дар бар мегирад. Ҳиссаи ин мамлакатҳо дар истеҳсолоти ҷаҳонии саноатӣ аз ибтидои солхои 90-ум зиёда аз 10%-ро ташкил медихад.

-давлатҳои сотсиалистӣ (Куба, Ветнам, Кореяи Шимолӣ)

**Адабиёт:**


1. Бабурина, О. Н. Мировая экономика и международные экономические отношения : учебник / О.Н. Бабурина. – Москва : ИНФРА-М, 2021. – 275 с.
2. Васильева, Т. Н. Мировая экономика : конспект лекций / Т. Н. Васильева, Л. В. Васильев. – 4 -е изд., стер. – Москва : ФЛИНТА, 2021. – 161 с.
3. Дерен, В. И. Мировая экономика и международные экономические отношения : учебник и практикум для вузов / В. И. Дерен. – 2-е изд., испр. и доп. – Москва : Издательство Юрайт, 2021. – 588 с.
4. Заволокина, Л. И. Мировая экономика : учебное пособие для вузов / Л. И. Заволокина, Н. А. Диесперова. – Москва : Издательство Юрайт, 2021. – 182 с.
5. Кузнецова, Г. В. Россия в системе международных экономических отношений : учебник и практикум для вузов / Г. В. Кузнецова. – 2-е изд., перераб. и доп. – Москва : Издательство Юрайт, 2021. – 393 с.
6. Ломакин, В.К. Мировая экономика: учебник для студентов вузов, обучающихся по экономическим специальностям и направлениям / В.К. Ломакин. – 5-е изд., перераб. и доп. – М. : ЮНИТИ-ДАНА, 2019. – 687 с.
7. Любецкий, В. В. Мировая экономика и международные экономические отношения : учебник / В.В. Любецкий. – М. : Инфра-М, 2019. – 350 с.
8. Международные экономические отношения в глобальной экономике : учебник для вузов / И. Н. Платонова [и др.] ; под общей редакцией И. Н. Платоновой. – Москва : Издательство Юрайт, 2021. – 528 с.
9. Международные экономические отношения. Активные методы обучения: Уч. пос. / Л. В. Новокшонова, М. Л. Горбунова, Т. С. Морозова и др.; Под ред. Л. В. Новокшоновой – М.: Магистр: НИЦ Инфра-М, 2019. – 128 с.
10. Мировая экономика в 2 ч. Часть 1 : учебник для вузов / Б. М. Смитиенко [и др.] ; под редакцией Б. М. Смитиенко, Н. В. Лукьянович. – 4-е изд., перераб. и доп. – Москва : Издательство Юрайт, 2021. – 216 с.


**Тестҳо оиди мавзӯи 1.**

**1.Сатҳи рушди иқтисодии кишвар бо нишондиҳандаҳои зерин чен карда мешавад:** A) Маҷмӯи ММД ба ҳар сари аҳолӣ; B) ҳиссаи истеҳсолот дар ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ; C) маҷмӯи умумии маҳсулоти истеҳсолшуда; D) тавозуни савдои кишвар; E) саноати кимиё.

**2.Баъзе кишварҳои сарватманд аз ҷиҳати саноат рушдёфта нестанд ва ба гурӯҳи кишварҳои рӯ ба тараққӣ дохил мешаванд, чунки хусусиятҳои зерин доранд:** A) сохтори аграрии иқтисодиёт; B) сатҳи даромади миллӣ ба ҳар сари

аҳолӣ; C) табиати монополии иқтисодиёт; D) хусусиятҳои сохтори институтсионалии иқтисодиёт; E) Иқлими мусоиди инвеститсионӣ.

**3.Дар шароити муосир зиёда аз 70% содироти ҷаҳонро чунин кишварҳо таъмин мекунанд**: A) кишварҳои рушдёфтаи саноатӣ; B) рӯ ба инкишоф; C) дар давраи гузариш қарордошта; D) кишварҳои рушдёфтаи саноатӣ ва рӯ ба инкишоф; E) кишварҳои нави саноатӣ.

**4.Хусусиятҳои иқтисоди кушод инҳоянд:** A) содирот аз воридот зиёд аст; B) гардиши тиҷорати хориҷӣ 25 фоизи ММД-ро ташкил медиҳад; C) воридот аз содирот; D) гардиши тиҷорати хориҷӣ 10% ММД-ро ташкил медиҳад; E) содироту воридот баробаранд.

**5.Хусусиятҳои иқтисоди кушод инҳоянд:** A) содирот аз воридот зиёд аст; B) гардиши тиҷорати хориҷӣ 25 фоизи ММД-ро ташкил медиҳад; C) воридот аз содирот; D) гардиши тиҷорати хориҷӣ 10% ММД-ро ташкил медиҳад; E) содироту воридот баробаранд.

**6.Кадоме аз гурӯҳи давлатҳои зерин ба ҷаҳони Араб тааллуқ доранд?** A) Германия, ШМА, Канада, Мексика; B) Швеция, Люксембург, Руминия, Полша; C) Тоҷикистон, Қирғизистон, Туркманистон, Афғонистон; D) Мозамбик, Зимбабве, Эфиопия, Алҷазоир; E) Арабистони Саудӣ, Аморати Муттаҳидаи Араб, Ироқ, Кувейт.

**7.Иқтисодиёти ҷаҳон чанд марҳиларо паси сар намудааст?** A) Панҷ м арҳила;B) Ду марҳила; C) Се марҳила; D) Як марҳила; E) Чор марҳила.

**8.Низоми иқтисодиёти ҷаҳонӣ кадом элементҳоро дар бар мегирад?** A) Иқтисодиётҳои миллӣ, гурӯҳҳои ҳамгироӣ, ширкатҳои фаромиллалӣ, созмонҳои байналмиллалӣ, сохторхои давлатӣ; B) Мамлакатҳои тараққикарда, мамлакатҳои нави саноатӣ, мамлакатҳои ру ба инкишоф, мамлакатҳои давраи гузариш;C) Хоҷагии қишлоқ, соҳаи саноат, саноати к оркард, саноати истихроҷ, фирмахои миллӣ; D) Хоҷагии қишлоқ, соҳаи саноат, саноати коркард, мамлакатҳои нави саноатӣ; E) Мамлакатҳои нави саноатӣ, созмонҳои байналмиллалӣ.

**9. Иқтисодиёти ҷаҳон чанд марҳиларо паси сар намудааст?** A) Панҷ марҳила; B) Ду марҳила; C) Се марҳила; D) Як марҳила;E) Чор марҳила.

**10. Низоми иқтисодиёти ҷаҳонӣ кадом элементҳоро дар бар мегирад?** A) Иқтисодиётҳои миллӣ, гурӯҳҳои ҳамгирой, ширкатҳои фаромиллалӣ, созмонҳои байналмиллалӣ, сохторхои давлатӣ; B) Мамлакатҳои тараққикарда, мамлакатҳои нави саноатӣ, мамлакатҳои ру ба инкишоф, мамлакатҳои давраи гузариш; C) Хоҷагии қишлоқ, соҳаи саноат, саноати коркард, саноати истихроҷ, фирмахои миллӣ; D) Хоҷагии қишлоқ, соҳаи саноат, саноати коркард, мамлакатҳои нави саноатӣ; E) Мамлакатҳои нави саноатӣ, созмонҳои байналмиллалӣ.

## МАВЗӮИ №2

### Тақсимоти байналхалқии меҳнат (ТБМ)

**1.Мафхум ва мохияти Тақсимоти байналхалқии меҳнат (ТБМ).**

**2. Омилхои асоси ва нишондихиндахои ТБМ.**

**3.Назарияхои асосии ТБМ.**

**4.Шаклхои асосии ТБМ.**

**5. Равандхои байналмиллалигардонӣ, умумибашаригардонӣ ва фаромиллаликунонӣ дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ.**

1.Заминаи асосии муттахидшавии иктисодиёти миллии давлатхо ба хочагии чахони ТБМ мебошад. ТБМ ин раванди таърихии махсусгардонии давлатхо дар истехсолоти намудхои муайяни махсулот мебошад, ки барои мубодила дар бозори чахони ва конеъ гардонидани талаботи худ дар намудхои дигари махсулот равона карда шудааст. Иштирок дар ТБМ ба хар як давлат имконият медихид, ки талаботи худро ба махсулоти гуногун бо харочотхои нисбан кам конеъ гардонад.

ТБМ дар давраи пайдошавиаш яъне асрхои 17-18 ва то охирхои асри 18 нимаи аввали асри 19 дар бартариятхои табии асос меёфт: фаркият дар шароитхои иклимию чугрофи ва захирахои табиии давлатхои алохида самти махсусгардонии онхоро дар истехсоли махсулоти гуногун муайян мекард. ТБМ бе мубодила вучуд дошта наметавонад. Бинобар ин асоси объективии мубодилаи байналхалкии махсулот, хадамот ва технология, инкишифи

хамкории истехсоли, илми-техники, тичорати байни хамаи давлатхои чахон новобаста аз сатхи тараккиёти иктисоди ва хусусиятхои сохтори ичтимои мебошад.

Максади  асосии иштироки давлатхо дар ТБМ новобаста аз фаркияти ичтимои-иктисоди кушиши онхо барои ба даст овардани фоидаи иктисоди мебошад. Самарае ки мамлакатхо хангоми иштирок дар ТБМ ба  даст меоранд дар натичаи амали шудани конуни арзиш ба даст оварда мешавад, ки он дар фаркияти байни арзиши милли ва байналмиллали  асос меёбад.

Бартариятхои ТБМ дар мубодилаи байналхалки дар он зухур мешавад, ки хар як давлат бо назардошти шартхои мусоид ба фоидаи  дар шакли фаркияти арзиши миллию байналхалкии махсулоти содиркунанда ноил мегардад.

Гайр аз ин ба сарфаи харочотхои дохили бо рохи даст кашидан аз истехсолоти илли молу хадамот аз хисоби воридоти нисбатан арзон меоварад.

Дар баробари ин чихати дигари иштироки давлатхо дар ТБМ ин истифодаи имконитхои он барои халли проблемахои глобалии дар назди одамият буда бо кушиши хамаи давлатхои чахон мебошад.

**2.**Дар шароити  хозира  вобаста ба дарачаи тараккиёт самти ТБМ ва сатхи он нобаробар мебошад. Дар давлатхои тараккикарда истехсолот барои истеъмолкунандагони хоричи равона карда шуда, талаботи дохилиашон аз хисоби  воридот конеъ гардонида мешавад. Дар давлатхои ру ба инкишоф максади асоси васеъ кардани бозори дохили мебошад. Хамин тарик, чунин омилхои таъсиркунанда, ки иштироки мамлакатхоро дар ТБМ ифода мекунанд, инхоянд:

**А) <u>Имконияти бозори дохили</u>.**

Давлатхои калон бо бозори мутаракки имкониятхои бештар барои дарёфти омилхои истехсолот ва махсулоти истеъмоли дар ин бозор доранд. Аз ин сабаб талаботи камтар ба махсусгардонии байналхалки ва мубодила доранд. Аммо дар баробари ин рушди талабот  дар давлат ба васеъкунии воридот ва зарурияти чуброни он аз хисоби васеъкунии содирот меоварад.

**Б) <u>Сатхи тараккиёти иктисодии мамлакат</u>.**

Хар кадар иктидори иктисодии давлат камтар бошад, зарурияти иштироки он дар ТБМ бо максади пурра конеъ гардонидани талабот хамон кадар зиёдтар аст.

**В) <u>Таъминоти давлат бо захирахои табии.</u>**

Таъминоти баланди давлат бо як намуди захирахои табии  ва инчунин таъминоти пасти он бо дигар намуди захирахои табии зарурияти иштироки фаъолонаи давлатро дар ТБМ талаб мекунад.

**Г)<u>Дарачаи кушод будани иктисодиёти милли.</u>**

Бояд дар назар дошт, ки омилхои номбаршуда дар зохирёбии худ мутлак нестанд. Таъсироти онхо ба ин ё он дарача кам карда мешаванд. Мисол : тагйирёбии ракобатнокии махсулоти давлат , махдудияти содирот ва  г. Асос дар раванди  тараккиёти ТБМ дар он аст, хар як иштирокчи дар он манфиатхои худро мечуяд. Раванди тараккиёти ТБМ масъалаи бахисобгирии хачм ва дарачаи ТБМ-ро ба миён меорад. **Нишондихандахои ТБМ инхоянд:**

**1.хиссаи умумии содирот дар хачми махсулоти  умумии истехсолкардащуда;**

**2.хиссаи умумии  соха дар арзиши умумии содирот;**

**3.дарачаи тараккиёти сохахои махсусгардонидашудаи содироти нисбат ба дарачаи тараккиёти саноати давлат.**

Дар сатхи минтакави ба сифати нишондихандахои тараккиёти ТБМ чунин нишондихандахо  истифода карда мешаванд.

**1.Коэффисиенти рушди гардиши тичорати байнихамдигари нисбати рушди истехсолоти чамъиятии давлатхои алокаманд.**

**2.Хиссаи гардиши тичорати байнихамдигари дар истехсолоти чамъиятии ин давлатхо.**

**3.Коэффисиенти пешравии рушди гардиши тичорати нисбати рушди умумии гардиши тичорати беруна.**

Баъзе иктисодчиён ба сифати нишондихиндахои асосии тараккиёти ТБМ квотаи содироти, воридоти, гардиши тичорати беруна, хиссаи давлат дар тичорати байналхалки аз руи молхои алохида, гардиши тичорати беруна ба хар сари ахоли ва г. истифода мешаванд.

Таксимоти байналхалции мехнатро дар аввал тахминан хамчун ду чанбаи ба хамдигар алокаманд муайян кардан мумкин аст: яъне,

1) **«Содиротӣ»:** хангоме, ки дар мамлакатхо ва ноҳияҳои алоҳида хаҷми истеҳсолот аз талаботи дохилӣ барзиёд аст;

2) **«Воридотӣ»**: вакте, ки аз ҳисоби воридоти маҳсулот хаҷми истеъмол аз имкониятҳои дохилии истеҳсолӣ зиёд мешавад.

**3.** Назарияхои ТБМ аз даврахои пеш дар тадкикотхои олимони иктисодшинос, ба монанди А.Смит ва  Д. Рикардо инъикос ёфта буданд. А.Смит дар тадкикоти худ «Тадкикот оиди табиат ва сабабхои боигарии халкхо» заруриятн тичорати озодро исбот мекард. Ба фикри вай махдудиятхои гуногун дар рохи тичорати озод ба ташаккулёбии таксимоти мехнат байни минтакахои алохида ва давлатхо монеа мешавад. Бартарафкунии ин монеахо ва васеъкунии мубодилаи байналхалки бояд ба махсусгардонии иктисодхои милли ва шиддат ёфтани алокамандии тарафайни онхо оварад, ки он дар натича ба инкишофи хочагии чахони меоварад. Гояхои А. Смитро дигар олимони машхури иктисодшинос ба монанди Д.Рикардо, Р. Торенс, Д. Милл давом додаанд. Дастоварди асосии классикон дар назарияи илмии ТБМ назарияи бартариятхои нисбии Д. Рикардо мебошад. Асоси  ин назарияро фаркиятхои табиии иктисодиёти миллии мамлакатхо , яъне фаркиятхои чугрофи ва иклими, ташкил медиханд. Як гурухи давлатхо бояд саноатро инкишоф диханд, дигар гурухи мамлакатхо бошад дар истехсоли махсулоти хочагии кишлок ва  ашёи хом  махсус гардонида шаванд. Мубодилаи мутакобили махсулот ба баландшавии сатхи некуахволии ин давлатхо меоварад.

Назарияхои муосири ТБМ аз тарафи олимони Гарб кор карда шуда асосан назарияхо оиди модернизацияи ТБМ мебошанд.

Тадкикотхои олимони Гарбро дар сохаи модернизатсия шартан ба ду гурух чудо кардан мумкин аст:

1. Вариантхои гуногуни консепсияи «бахамвобастагии давлатхо»;
2. Тавсияхои мушахаси накшахои ислохоти модели ТБМ-и мавчудбуда.

Гояи консепсияи «бахамвобастагии давлатхо» аз солхои 70-ум дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ нихоят васеъ пахн гаштааст. Он дар навбати худ хамчун замина барои ба миён омадани назарияхои нави ТБМ баромад мекунад. Гояхои ин консепсия аз тарафи давлатхои мутараккии саноати ва ташкилохои байналхалки баён карда шудаанд.

Яке аз намояндагони ин консепсия К. Нувенхузе барои асоснок намудани гояхои худ ба омилхои экологи ру меоварад, ки барои хамаи давлатхо ягона мебошанд. Ба онхо номуътадилии мухити атроф ва махдудияти захирахои замин дохил мешаванд. Ба акидаи вай вобастагии давлатхои ру ба инкишоф аз давлатхои мутаракки дар техника ва технология, ва давлатхои мутаракки аз давлатхои ру ба инкишоф дар ашёи хом мебошад. Бинобар ин вобастагии мутакобилаи мамлакатхо аз хамдигар вучуд дорад. ТБМ низ бояд дар хамин вобастаги асос ёбад.

Дигар иктисодчи Р.Купер (ШМА) низ ба масъалаи бахамвобастаги дар шароитхои гуногун ру меоварад. Ба акидаи вай чор намуди бахамвобастаги мавчуд аст:

- бахамвобастагии сохтори;
- бахамвобастагии максадхо дар сохаи сиёсати иктисоди;
- бахамвобастагии омилхои берунии тараккиёти иктисоди;
- бахамвобастагии сиёси.

Ин консепсия дар навбати худ барои кор карда баромадани дигар назария назарияи ислохоти ТБМ асос гардид. Мохияти назарияи ислохоти ТБМ дар он аст, ки давлатхои ру ба инкишоф бояд аз сиёсати протексионисти даст кашанд ва ба таври васеъ сармояи хоричиро ба иктисодиёти худ чалб намоянд. Дар замони муосир аксар давлатхо гояи ин назарияро истифода мебаранд ва дар натича корхонахои муштарак, минтакахои озоди сохибкориро ташкил кардаанд.

Асоси амалии ин назария ба фикри иктисодчиёни Гарб дар он ифода меёбад, ки самти барохмонии сиёсати рушди саноати дар мамлакатхои ру ба инкишоф дигар карда шавад. Онхо бояд дар истехсоли махсулоти мехнатталаб, омилталаб барои содирот бо максади конеъ гардонидани талаботхои давлатхои мутаракки махсус гардонида шаванд. Мамлакатхои мутаракки

бошанд дар навбати худ дар сохахои илмталаб бо истифодаи комёбихои прогресси илми-техники махсус гардонида мешаванд..

Ин назари пай дар пай дар амал чори карда мешавад. Махсусгардонии сохави бошад дар се кадам амали гардонида мешавад:

- мамлакатхои мутаракки асосан молхоеро истехсол мекунанд, ки мутахассисони баландихтисос ва технологияи муосирро талаб мекунанд;
- давлатхои нисбатан тараккикарда аз катори далатхои ру ба инкишоф дар истехсоли махсулоти мехнатталаб ва коркарди ашёи хом махсус гардонида мешаванд. Давлатхои кафомонда ба ин схема дохил карда намешаванд;

мамлакатхои мутаракки саноати бошанд диккати асосиро ба истехсоли махсулоти илмталаб ва сармояталаб чалб мекунанд.

**4.** ТБМ дорои сохтори дохили ва усулхои тараккиёти худ мебошад. Ду шакли асосии ТБМ-ро чудо мекунанд:

1.Махсусгардонии байналхалкии истехсолот

2.Кооператсияи байналхалкии истехсолот

Махсусгардонии байналхалкии истехсолот дар ду самт ташаккул меёбад- истехсоли ва минтакави. Дар навбати худ самти истехсоли ба чунин кисмхо таксим мешавад:

-махсусгардонии байнисохави

-махсугардонии дохилисохави

-махсусгардонии корхонахои алохида

Махсусгардонии минтакави бошад ба чунин намудхо таксим мешавад:

-давлатхои алохида;

-гурухи давлатхо;

-минтакахо.

Ба сифати шаклхои асосии махсусгардонии байналхалкии истехсолот истифода мешаванд:

-махсусгардонии предмети;

-махсусгардонии кисми (детали), яъне истехсоли кисмхои таркибии як махсулот;

-махсусгардонии технологи ё даври, яъне давра ба давра истехсол кардани махсулоти саноати кимиё;

Махсусгардонии байналхалкии истехсолот бо назардошти муносибатхои чамъияти инкишоф меёбад. Аммо барои баланд бардоштани самаранокии истехсолот, ба даст даровардани фоидаи иктисодии махсусгардонии байналхалкии истехсолот, ноил шудан ба максадхои комплексии иктисодиёт онро бо кооператсияи байналхалкии истехсолот бояд пурра кард.

Кооператсия байналхалкии истехсолот ин раванди амикгардонии муносибатхои истехсолии корхонахои мустакили давлатхои гуногун мебошад. Кооператсияи байналхалкии истехсолот барои фирмахо имконияти кам кардани харочотхои истехсоли ва гардиши молро медихад, ки дар натича ба паст кардани арзиши махсулот ва ракобатнокии он меоварад.

Кооператсия байналхалкии истехсолот шаклхои гуногун дорад:

1. Кооператсия байналхалкии истехсоли-технологи, ки ба он дохил мешаванд:

-пешниходи лицензия ва истифодаи хукуки моликиятдори;

-кооператсия дар сохаи сохтмон;

-мукаммалгардонии идоракунии истехсолот.

2.Хамкории иктисоди-тичорати;

3.Хизматрасонии баъди фуруш ;

Инчунин се усули асосии барохмонии муносибатхои кооператсиони мавчуданд:

-амалигардонии барномахои муштарак;

-махсусгардони дар шакли шартнома;

- -ташкили корхонахои муштарак.

**5.** Дар зери мафхуми «байналмиллалигардони» иштироки давлат дар хочагии чахони фахмида мешавад. Ин раванд бо нишондихандахои гуногун чен карда мешавад:

-Нишондихандахои иштирок дар тичорати чахони:

**<u>Ҳиссаи тиҷорати хориҷӣ</u>** - ҳаҷми умумии амалиёти содиротӣ ва воридотии ҳамин мамлакатро бо шариконаш, ё ин ки бо ҳамаи иттиҳоди

ҷаҳонӣ нишон медиҳад. Дар шакли формула ин ҳисса намуди зерин дорад%

$$TX_x = \frac{C + B}{ММД} \times 100\%$$ : **дар ин ҷо**

**$TX_x$ - ҳиссаи тиҷорати хориҷӣ;**

**С - ҳаҷми содирот;**

**В - ҳаҷми воридот;**

**ММД – ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ**

Ҳиссаи тиҷорати хориҷӣ ҳамчун нишондиҳандаи ҷалб карда шудани мамлакат дар тақсимоти байналхалқии меҳнат характери маҳдуд дорад, чунки тавсифи сифатии амалиьти тиҷорати хориҷиро дода наметавонад.

Оид ба сатҳи ҷалб шудани мамлакат ба хоҷагии ҷаҳонӣ мувофиқи нишондиҳандаи ҳиссаи воридот метавон баҳо дод.

**<u>Ҳиссаи воридот</u>** кадом қисми маҷмӯи маҳсулоти дохилии мамлакатро ташкил кардан ва ҳамчунин маҳдудияти захиравии онро дар истеҳсолоти молҳои зарурӣ нишон медиҳад.

Дар шакли формула ин ёисса чунин навишта мешавад;

$$B_k = \frac{B}{ММД} \times 100$$ : дар ин ҷо

**$B_к$ - ҳиссаи воридот;**

**В - ҳаҷми воридот;**

**ММД - ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ**

Нишондиҳандаи нисбатан ҳақиқии иштироки мамлакат дар тақсимоти байналхалқии меҳнат, аз ҷиҳати ҷалб намудани захираҳои мамлакати алоҳида ба системаи хоҷагии ҷаҳонӣ нишондиҳандаи ҳиссаи содирот мебошад.

**<u>Ҳиссаи содирот</u>** – сатҳи вобастагии истеҳсолоти хоҷагии миллиро аз фурўши молҳои дохилї дар бозорҳои содиротии мамлакатњои дигар оид

ба истењсоли миќдори муайяни молҳо барои фуруш дар бозори ҷаҳонӣ нишон медиҳадӯ Дар шакли формула ин ҳисса чунин навишта мешавад

: $$C_k = \frac{C}{ММД} \times 100$$ дар ин чо

**Ск – ҳиссаи содирот;**

**С - хаҷми содирот;**

**ММД – ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти дохилӣ**

Ҳар қадар ҳиссаи содирот баланд бошад: захираҳои мамлакат ба тақсимоти байналхалқии меҳнат ҳамон қадар зиёдтар ҷалб карда мешаванд. Вусъати ҳиссаи содирот ба фарқияти байни ҳаҷми истеҳсоли маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ва андозаи истеъмол дар дохили мамлакат вобаста аст. Мутобиқи бузургии ҳиссаи содирот самти махсусгардонии мамлакатро дар тиҷорати байналхалқӣ муайян кардан мумкин аст. Масалан: махсусгардонии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар асоси он, ки ҳиссаи содироти соҳаҳои пахтатозакунӣ ва алюминий назар ба ҳисоби миёнаи маҳсулоти миллӣ баланд аст, муайян кардан мумкин аст.

Муайянкунии хеле амиқи кушод будани иқтисодиёти миллӣ ҷой дорад, ки нафақат таъсири тиҷорати хориҷии молҳо ва хадамотро, балки таъсири ҳаракати байналхалқии сармояро низ чун омилҳои асосии рушди иқтисодиёти миллӣ дар шароити глабализатсия дар бар мегирад. Мувофиқи ин усул сатҳи кушод будани иқтисодиёти миллӣ бо формулаи

**0,5 (а+в+с)х100/ММД**

муайян карда мешавад, ки дар ин ҷо, а - гардиши хориҷии тиҷорат; в – гардиши хориҷии хадамот; с – инвеститсияҳои мустақими хориҷӣ; ММД – маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ мебошанд. Аҳамияти ин усул аз он иборат аст, ки вай имконияти гузаронидани мониторинги дигаргуниҳои сохтории дар иқтисодиёти кушод ва дар гузариш қарор доштаро медиҳад.

Ба гайр аз ин нишондиханидахои мутлаки тичорати байналхалки низ зарур мебошанд-, мисол арзиши содирот ба сари ахоли: ИМА-3200долл.,Хитой-150 долл., Россия –700 долл.

-Нишондихандаи иштироки мамлакат дар харакати байналхалкии сармоя:

а)хачми сармоягузорихои хоричи нисбат ба ММД;

б)хачми сармоягузорихои милли нисбат ММД;

в) хачми карзи беруна нисбат ба ММД,

г) Хачми пардохтхо нисбат ба даромадхо аз содирот

-нишондихандахои иштироки мамлакат дар харакати байналхалкии кувваи кори:

-нишондихандаи иштироки мамлакат дар мубодилаи байналхалкии технология:

Фаромиллаликунонии хочагии чахони бо фаъолияти КФ вобастаги дорад. КФ чунин сохтори хочагидорие мебошад, ки сармояаш ба як давлат таалук дошта ширкатхои фаръи ва духтариаш дар мамлакатхои гуногун фаъолият мекунанд. КФ аз нимаи дуюми асри 20 дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ ба миён омада шумораи ширкатхои модарии онхо дар замони муосир ба 50 хазор ва шумораи ширкатхои фаръии онхо ба 300 хазор расидааст. Ширкатхои модарии КФ асосан дар мамлакатхои мутаракки ва ширкатхои фаръии онхо дар мамлакатхои ру ба инкишоф чойгир кунонида шудаанд. Фаъолияти КФ хамзамон хеле васеъ мебошад. Хиссаи асосии онхо ба ИМА, Иттиходи Аврупо ва Чопон рост меояд. Хачми махсулоти истехсолкардаи онхо хар сол зиёда аз 1 трлн. долларро ташкил медихад. Шумораи коргарони онхо ба 73 млн. нафар мерасад.

Дар адабиёти хоричи шаклхои мухталифи ТНК мавчуд аст. Чунин намудхои КФ-ро чудо мекунанд.

1.ширкатхои фаромиллали

2.ширкатхои глобали

3.ширкатхои байналмиллали

4.ширкатхои бисёрмиллали

КФ як навъ кувваи муосири харакатдихандаи хочагии чахони буда онро ба бозори ягонаи мол, хадамот, сармоя, кувваи кори ва технология мубаддал намудааст. Раванди ба бозори ягонаи мол, хадамот, сармоя, кувваи кори ва технология мубаддал гардидани хочагии чахониро умумибашаригардони меноманд. Мохиятан ин раванд дарачаи нисбатан баланди байналмиллалигардони ва инкишофи минбаъдаи он ба хисоб меравад. Яъне дар замони муосир хочагии чахони ба бозори ягона барои 10-хо хазор КФ мубаддал гардида хамаи минтакахо барои фаъолияти онхо кушода мебошанд.

Максади КФ-хои муосир дар боробари максимизацияи фоида максимизацияи бозор мебошад. Зеро дар акси хол ракибони хоричи чои онхоро, на факат дар бозорхои хоричи балки дар бозори милли, забт карда мегиранд. Дар замони муосир бозорхои чахонии бисёр намуди молхо аллакай байни КФ таксим карда шудаанд: «Айбиэм» -бозори компьютеру программахои он, Эксон- бозори махсулоти нафт, Макдоналдс- бозори хуроквори, Форд ва Ченерал моторз –бозори мошинахои сабукрав ва варзиши… Хамин тарик чихати дигари сиёсати максимизацияи бозор шиддатёбии ракобати байналхалки мебошад. Ин натичаи асосии раванди умумибашаригардони мебошад,. Азбаски он ба азбайнравии бисёр ширкатхои милли дар натичаи тоб наовардан ба ракобати шадид меоварад кисми зиёди одамон ба мукобили он баромад мекунанд.

**Адабиёт:**


1. Губина М. А. Мировая экономика и международные экономические отношения. Практикум : учебное пособие для бакалавриата и специалитета / М. А. Губина, А. Г. Коваль, З. С. Подоба, С. Ф. Сутырин. — Москва : Издательство Юрайт, 2019. — 306 с.
2. Дерен, В. И. Мировая экономика и международные экономические отношения : учебник и практикум для вузов / В. И. Дерен. — 2-е изд., испр. и доп. — Москва : Издательство Юрайт, 2019. — 588 с.
3. Зубенко В. В. Мировая экономика и международные экономические отношения : учебник и практикум для академического бакалавриата / В. В. Зубенко,

О. В. Игнатова, Н. Л. Орлова, В. А. Зубенко. — Москва : Издательство Юрайт, 2019. — 409 с.

4. Колесов В. П. Мировая экономика. Экономика стран и регионов : учебник для академического бакалавриата / В. П. Колесов [и др.] ; под редакцией В. П. Колесова, М. Н. Осьмой. — Москва : Издательство Юрайт, 2019. — 519 с.

5. Погорлецкий А. И. Мировая экономика и международные экономические отношения : учебник для бакалавриата и специалитета / А. И. Погорлецкий [и др.] ; под редакцией А. И. Погорлецкого, С. Ф. Сутырина. — Москва : Издательство Юрайт, 2019. — 499 с.

6. Хасбулатов Р. И. Международные корпорации в мировой экономике. Учебник. — М.: Юрайт. 2020. 396 с.

7. Хасбулатов Р. И. Мировая экономика. Учебник для вузов. В 2 частях. Часть 2. — М.: Юрайт. 2019. 692 с.

8. Чеботарев Н. Ф. Мировая экономика и международные экономические отношения. Учебник. — М.: Дашков и Ко. 2020. 350 с.

9. Шимко П. Д. Мировая экономика и международные экономические отношения. Практикум. Учебно-практическое пособие. — М.: КноРус. 2020. 276 с.

10. Шимко П. Д. Мировая экономика и международные экономические отношения. Учебник. — М.: КноРус. 2020. 366 с.

**Тестҳо оиди мавзӯи 2.**

**1 Махсусгардонии технологӣ қисми таркибии кадом намуди махсусгардонии байналхалқист?** A) Махсусгардонии истеҳсолӣ; B) Махсусгардонии байнисоҳавӣ; C) Махсусгардонии предметӣ; D) Махсусгардонии қисмӣ; E) Махсусгардонии оддӣ.

**2. Кадоме аз ширкатҳои фаромилалии дар поён овардашуда ба Чопон тааллуқ доранд?** A) Нестле; B) Ҷенерал моторс; C) Форд; D) Опел; E) Тойота.

**3. Ширкатҳои фаромиллалӣ бештар мутааллиқи кадом гурӯҳи давлатҳо мебошанд?** A) Давлатҳои аъзои ИДМ;B) Давлатҳои дар сохти гузариш буда; C) Давлатҳои мутараққӣ; D) Давлатҳои нави саноатӣ; E) Давлатҳои аъзои ОПЕК.

**4. Хусусияти хоси иқтисодиёти кушод чунин ҳисобида мешавад?** A) Либерализатсияи робитаи иқтисодии берунӣ; B) Истифодабарии протексионизм дар тиҷорат бо дигар мамлакат; C) Зиёд намудани монеаҳои гумрукӣ; D) Роҳи озод ба маълумотҳои макроиқтисодии мамлакатҳои алоҳида;E) Сиёсати дарҳои пушида.

**5. Нишондиҳандаҳои анъанавии микдории иқтисодиёти кушод?** A) ММД; B) Квотакунонии содирот; C) МММ ба як нафар аҳолӣ; D) Квотакунонии воридот; E) Квотаи воридотӣ, квотаи содиротӣ, квотаи тиҷорати берунӣ.

**6. Мафҳуми ШФМ ин?** A) Фирмаи бузург - пешсаф дар якчанд соҳаҳои иқтисодиёт дар дохили мамлакат; B) Иттифоқи фирмаҳо дар як ё якчанд доираҳои иқтисодиёт; C) Фирмаи бузург, ки истеҳсол ва фурӯши ҳиссаи калони як навъи маҳсулотро танзим мекунад; D) Ширкати миллӣ бо филиалҳои хориҷӣ ва активҳое, ки истеҳсоли молҳои муайянро танзим мекунад; E) Ширкате, ки аз нуқтаи назари моликият миллӣ буда, дар якчанд мамлакат филиалҳои хориҷӣ ва активҳо дорад ва фаъолияташ байналмилалӣаст.

**7. Кадоме аз муассисаҳои мазкур ба ширкатҳои фаромилалии истеҳсолӣ дохил карда намешаванд?** A) Нестле; B) Митсубиси корпорейшн; C) Дойч бэнк; D) Тойота корпорейшн; E) Форд;

**8. Шаклҳои асосии тақсимоти байналхалқии меҳнатро қайд кунед?** A) Тақсимоти байналхалқии меҳнат ва интегратсияи иқтисодии байналхалқӣ; B) Тиҷорати байналхалқӣ, ҳаракати байналхалқии сармоя, муҷирати байналхалқии қувваи корӣ, мубодилаи байналхалқии технологӣ, муносибатҳои байналхалқии асъори қарзӣ, интегратсияи иктисодӣ; C) Махсусгардонии байналхалқӣ ва кооператсияи байналхалқии истеҳсолот; D) Мубодилаи тестӣ ва муносибатҳои байналхалқии асъори қарзӣ; E) Махсусгардонии байналхалқии сиёсӣ, муносибатҳои байналхалқии асъори қарзӣ;

**9. Махсусгардонии байналхалқии истеҳсолот ва кооператсияи байналхалқии истеҳсолот ин?** A) Намудҳои асосии тақсимоти оддии меҳнат мебошанд; B) Шаклҳои асосии тақсимоти байналхалқии меҳнат мебошанд; C) Раванди

стихиявии ба ҳам наздикшавии хоҷагиҳои миллии мамлакатҳои гуногун мебошанд; D) Шаклҳои асосии таҳвили технология мебошанд; E) Сохтори таркибии тақсимоти дохилиширкатии меҳнат мебошанд.

**10. Шаклҳои асосии тақсимоти байналхалқии меҳнатро қайд кунед?** A) Тақсимоти байналхалқии меҳнат ва интегратсияи иқтисодии байналхалқӣ; B) Тиҷорати байналхалқӣ, ҳаракати байналхалқии сармоя, муҷирати байналхалқии қувваи корӣ, мубодилаи байналхалқии технологӣ, муносибатҳои байналхалқии асъори қарзӣ, интегратсияи иктисодӣ; C) Махсусгардонии байналхалқӣ ва кооператсияи байналхалқии истеҳсолот; D) Мубодилаи тестӣ ва муносибатҳои байналхалқии асъори қарзӣ; E) Махсусгардонии байналхалқии сиёсӣ, муносибатҳои байналхалқии асъори қарзӣ;

# МАВЗӮИ №3

## Сохтори сохавии иқтисодиёти чаҳонӣ

**1.Мохияти сохтори сохавии иқтисодиёти чахонӣ: саноат , хизматрасони ва хочагии кишлок.**

**2.Сохахои саноати коркард ва истихроч дар чахон**

**3.Сохаи хизматрасони дар чахон.**

**4.Хусусиятхои фарккунандаи сохаи хочаигии кишлок дар мамлакатхои мутаракки ва ру ба таракки. Проблемаи озука дар мамлакатхои ру ба таракки.**

**1.** Хочагии чахони муосир дорои сохтори сохавии ташаккулефта мебошад , ки аз сохахои хочагии кишлок , саноат ва хадамот иборат мебошад. Хар як соха дар худ як катор сохахо , зерсохахоро муттахид намуда дар истехсолоти чахонии молу хадамот мавкеи муайянро ишгол мекунад.

Сохтори сохавии иктисодиёт бо маънои васеъ мачмуи гуруххои сифатан якхелаи вохидхои хочагидориро мефахмонад. Он бо шароитхои махсуси истехсолот дар системаи таксимоти чамъиятии мехнат тавсиф меебад ва ин шароитхо дар чараёни истехсолоти васеъ накши муайянро мебозанд.

Агар комебихои сохавиро дар тули таърих аз назар гузаронем, онхо аввал дар рушди босуръати « сохахои якумдарача» (хочагии кишлок ва саноати

коркард), баъд дар «сохахои дуюмдарача» (саноат ва сохтмон) ва нихоят дар «сохахои сеюмдарача» (сохахои доираи хадамот) зохир гаштаанд.

Доираи хадамот баъзан хамчун сохаи гайриистехсоли тавсиф карда мешавад, лекин сохаи гайриистехсолии хочагии халк хисобидани он нодуруст аст. Зеро сохаи хадамот хамаи сохахоро таъмин мекунад. Дар замони муосир хачми махсулоти сохаи хадамот аз хачми махсулоти сохаи саноат хам зиёд аст. Аммо ба хар хол асоси хочагии халки чахонро саноат ва хочагии халк ташкил медихад.1/3 хиссаи ММД-и иктисодиёти чахонро саноат, 1/10 хиссаашро хочагии кишлок ташкил медихад. Ба сохаи хадамот 55-60%-и ММД-и чахони рост меояд.

Дар иктисодиёти мамлакатхои тараккикарда хиссаи доираи хадамот дар давраи инкишофи баъдисаноати хеле афзуда 40-60%-и ММД ва хиссаи сохаи саноат 30-40%-и ММД-ро ташкил медихад. Дар сохтори ММД-и ин мамлакатхо солхои 60-90-уми асри 20 хиссаи хочагии кишлок мунтазам паст шуд (соли 1960-6,5%, соли 1980-4,2%, соли 1995-3%, солҳои 2000-ум тақрибан 1,5-2%). Дар баробари тамоили дарозмудати кайдшуда дигаргунихои гуфташуда бо он шарх дода мешаванд, ки тахти таъсири прогресси илми-техники аз хочагии кишлок чудо шудани бисер намудхои фаъолият ва ба сохахои алохидаи саноат ва доираи хадамот табдил ефтани онхо руй дод. Дар як вакт, инчунин, интеграцияи хочагии кишлок, саноат ва тичорат ба комплекси агросаноати, ки шакли нави робитахои истехсолиро ифода мекунанд, руй дода истодааст.

**Хиссаи сохахои саноат дар мамлакатхо•**

| | | |
|---|---|---|
| Эбугазтаъминкуни | 8% | 5% |
| Саноати истихроч | 9% | 46% |
| Саноати коркард | 85% | 50% |
| | Мам-хои тараккик-да | Мам-хои ру ба инкишоф |

• сарчашма: Нашрияи омории СММ аз соли 2000.сах.532

Мамлакатхои нави саноати ва собик мамлакатхои шурави такрибан чи аз руи ММД ба сари ахоли ва чи аз руи сохтори сохавии иктисодиет дар як сатхи тараккиёт иктисоди мебошанд. Дар хар ду гурухи мамлакатхо хиссаи нисбатан баланди хочагии кишлок (6-10%-и ММД) нигох дошта мешавад ва он мунтазам ба сатхи мамлакатхои тараккикардаи саноати (2-4%) наздик шуда истодааст. Вазни киесии саноат дар ММД-и хар ду гурухи мамлакатхо дар сатхи мамлакатхои собик шурави (25-40%) буда, хатто аз он зиёдтар аст. Ин бо сатхи на он кадар баланди доираи хадамот дар ММД вобаста аст (45-55%). Дар сохтори сохавии ММД-и мамлакатхои ру ба тараккии мисли пештар хиссаи хочагии кишлок баланд аст (20-35%). Хиссаи саноат дар ММД-и ин мамлакатхо он кадар баланд нест (10-25%), асосан дар мамлакатхо-содиркунандахои ашёи хоми минерали ва сузишвори, холо он ки хиссаи саноати коркард дар худуди 5-15% мебошад.

**2.** Дар сохтори сохавии саноат хиссаи сохахои истихроч бардавом паст шуда хиссаи сохахои саноати коркард, махсусан саноати мошинсози ва химия афзуда истодааст. Дар саноати коркарди мамлакатхои тараккикарда маркази вазн аз сохахои сармояталаб (металургия, саноатихимия) ба сохахои илмталаб (электроника) гузашта истодааст. Мавкеи озодшударо мамлакатхои нави саноати боз хам бештар забт карда сохахои мехнатталаби анъанавиро ба мамлакатхо ру ба инкишофи сатхи паст ва миёна мегузаронанд.

Аз нимаи 2-уми солхои 90-уми инкишофи босуръати истехсолоти автоматизиронидашуда огоз ефт. Ин маънои мархилаи навро дар ташкили истехсолоти компютеризонидашудаи интегронидашуда дорад. Аллакай соли 2000 кариб 1/3 хиссаи коркарди механики дар мошинсозии Аврупои Гарби бо тачхизоти идорашавандаи ракамии программави ичро мешавад.То соли 2015 ба комплекси мошинсозии ИМА кариб 40-50% маблаги умумии мачмуи солонаи маблаггузорихо ба саноати коркард рост хохад омад. Дар байни сохахои мошинсози дар маркази сиёсати муосири давлатии саноати саноати авиаракетивию кайхони, микроэлектроника ва автомобилсози меистад. Дар айни замон ба саноати авиаракетавию кайхони ва электротехника дар ИМА 44% ва 28% мувофикан, дар Япония 25% ба электротехника, дар Германия-47%

ва 29%, дар Франция 50% ва 43%, дар Британияи Кабир 45% ва 40%, Италия 30%-и ба хар ду соха мачмуи харочотхои давлатии ба корхои илмию тадкикотию конструктории саноати коркард равонашуда рост меояд. Дар Япония хачми истехсолоти роботхои саноати дар солхои 1991-2015 такрибан 10 маротиба ва дастгоххои идорашавандаи ракамии программави 4 маротиба меафзояд, ки ин назар ба мошинсозии умуми бо суръати баланди зиёд намудани иктидори истехсолоти мувофикро талаб мекунад. Пешравихои сохтори дар хочагии чахони асосан дар дохили комплексхои сохавии ташкилшуда руй дода дар тагйирёбии таносубхои байнисохави нисбатан бештар зохир мешаванд.

Нафт дар бозори чахонии сузишвори мавкеи баландро ишгол намуда истихрочи он дар миёнаи солхои 90-ум 3,3-3,4 млрд. тоннаро ташкил менамуд (аз он чумла соли 1996 аз руи мамлакатхо (дар млн. тонна): Арабистони Сауди-410; ИМА-325, Россия-290, Эрон-185, Норвегия-155, Хитой-155, Венесуэла-150, Мексика-145). Ба мамлакатхо аъзохои ОПЕК (Ташкилоти мамлакатхои истехсолкунандагони нафт) 43% мачмуи истихрочи чахонии нафт рост меояд. Ба содирот кариб нисфи тамоми нафти истихрочшаванда дар чахон равона карда мешавад. Хиссаи мамлакатхо- аъзохои ОПЕК дар содироти чахонии нафт кариб 65%-ро ташкил мекунад. Пастшавии нархи нафт дар миёнаи солхои 80-уми асри 20 мамлакатхоро водор намуд, ки истихрочи онро кам намуда квотахои махдудкунандаро ба истихрочи он мукаррар намоянд, то ин ки нархи нафтро нигох дошта онро то хадди имконпазир баланд намоянд. Лекин соли 1998 нархи нафт тахти таъсири бухрони молияви боз паст шуд , ки дар натича талабот ба захирахои энергетики, пеш аз хама, дар мамлакатхои ру ба тараккии Осиёи Шарки ва Чанубу Шарки кам шуд. Айни замон истихрочи чахонии нафт кам карда шуда нархи нафт баланд мебошад.

**30 давлати ıстеҳсолкунандаи нафт дар ҷаҳон**

| № | давлат | З ахира(бочка) |
|---|---|---|
| 1 | Венесуэла | 302 300 000 000 |

| | | |
|---|---|---|
| **2** | **Саудовская Аравия** | **266 200 000 000** |
| **3** | **Канада** | **170 500 000 000** |
| **4** | **Иран** | **157 200 000 000** |
| **5** | **Ирак** | **148 800 000 000** |
| **6** | **Кувейт** | **101 500 000 000** |
| **7** | **ОАЭ** | **97 800 000 000** |
| **8** | **Россия** | **80 000 000 000** |
| **9** | **Ливия** | **48 360 000 000** |
| **10** | **Нигерия** | **37 450 000 000** |
| **11** | **Казахстан** | **30 000 000 000** |
| **12** | **Китай** | **25 630 000 000** |
| **13** | **Катар** | **25 240 000 000** |
| **14** | **Бразилия** | **12 630 000 000** |
| **15** | **Алжир** | **12 200 000 000** |
| **16** | **Ангола** | **9 523 000 000** |
| **17** | **Эквадор** | **8 273 000 000** |
| **18** | **Азербайджан** | **7 000 000 000** |
| **19** | **Мексика** | **6 630 000 000** |
| **20** | **Норвегия** | **6 376 000 000** |
| **21** | **Оман** | **5 373 000 000** |
| **22** | **Судан** | **5 000 000 000** |
| **23** | **Индия** | **4 495 000 000** |
| **24** | **Египет** | **4 400 000 000** |
| **25** | **Вьетнам** | **4 400 000 000** |
| **26** | **Южный Судан** | **3 750 000 000** |
| **27** | **Малайзия** | **3 600 000 000** |
| **28** | **Индонезия** | **3 310 000 000** |
| **29** | **Йемен** | **3 000 000 000** |
| **30** | **Сирия** | **2 500 000 000** |

Кисми асосии иктидорхои саноати коркарди нафт дар мамлакатхои тараккикарда чойгир кунонида шудааст, аз он чумла дар ИМА –21%, Аврупои Гарби –20%, Япония-6%. Ба хиссаи Россия 17% рост меояд.

Истихрочи чахонии газ мунтазам зиёд шуда истодааст. Агар соли 1970 истихрочи газ 1 трлн. м3, бошад, соли 2000 он ба 2,2 трлн. м3 расид, аз он чумла дар Россия –570 млрд м3, ИМА-540, Канада-155, Нидерланды-84, Британияи Кабир-74, Индонезия-63, Алчазоир-58млрд м3. Барои зиёд шудани

истеъмоли газ дар хочагии чахони шароитхои хеле мусоид фарохам оварда шудаанд: арзон будани истихрочи он, захирахои зиёди кашфшуда, кулай будани истифода ва тахвили он, тозагии экологи .То соли 2015 ба хисоби миёна дар 1 сол ба 3% зиёд шудани истеъмоли чахонии газ пешбини шудааст. Махсусан истифодаи фаъолонаи газ дар коркарди электроэнергетика дар мамлакатхои тараккикарда ба назар мерасад. Аз тамоми гази истихрочшаванда кариб 15% он содир карда мешавад. Содиргарони асосии гази табии Россия (30%-и содироти чахони) Нидерланды, Канада, Норвегия, Алчазоир мебошанд. Воридгарони асоси ИМА, Япония, Германия, Франция ва Италия мебошанд. Кариб 75% гази содиршаванда ба воситаи газопроводхо ва 25%-аш ба воситаи киштихои газкашон (аз Индонезия ба Япония, аз Алчазоир ба Аврупои Гарби) тахвил меебад.

Истихрочи чахонии ангишт дар солхои 90-уми ба камшави огоз кард: аз 4,95 миллиард тонн дар с 1990 то 4,2 миллиард тонн дар с 1997. Ба шумораи мамлакатхои ангиштистихрочкунандаи калонтарин дохил мешаванд: Хитой – 1160 млн тонн, ИМА –927 млн. тонн, Германия –265 млн. тонн, Россия –245 млн. тонн, Хиндустон-240 млн. тонн. Барои кор карда баромадани электроэнергетика ва гарми 65% истихрочи умумии ангишт ва кисми бокимондаи он бештар ба металургия равона карда мешавад.

Бо сабаби кам шудани чойхои осон дастрасбудаи конхои ангишт ва киммат гаштани истихрочи он бо рохи шахтави истихрочи умумии ангишт дар Россия, Британияи Кабир, Германия, Франция нихоят кам шуда истодааст. Танхо истихрочи кушоди ангишт фоиданок аст ,ки зиёд шудани онро дар ИМА ,Австралия , ЮАР асоснок мекунад . Хар сол ба хисоби миёна 8–9 % истихрочи чахонии нафт ба содирот равона карда мешавад. Содиркунандагони калонтарини ангишт Австралия, ИМА, ЮАР, Польша ва воридкунандагони асоси Япония , Кореяи Чвнуби, Италия мебошанд. Германия ва Британияи Кабир аз содиркунандагони ангишт ба воридкунандагони он табдил ефтаанд, зеро ангишти Австралия ва ЮАР назар ба истихрочи он дар худи мамлакатхои дигаршавандаро се маротиба арзон аст

Коркарди электроэнергетика аз 5 триллиард КВТ соат соли 1970 то 11,5 триллион КВТ соли 1990 ва 13,4 триллион КВТ соли 2000 зиёд шуд. Ба

шумораи истехсолкунандагони калонтарини электроэнергетика дохил мешавад ; ИМА- 3600 миллиард КВТ соат, Япония – 930 миллиард КВТ, Германия –6500, Франция-440миллиард КВТ соат. Ба хиссаи мамлакатхои тараккикарда 65% тамоми коркарди электроэнергетика, мамлакатхои ру ба тараккѝ –22%, мамлакатхои иктисодиёташон дар давраи гузариш 13% рост меояд. Дар мамлакатхои ИДМ солхои 90-ум коркарди электроэнергетика кам шуд .

Дар сохтори истехсолоти чахонии электроэнергетика 62% ба электростанцияхои олави, 20% ба гидроэлектростанцияхо, 17% ба электростанцияхои атоми ва 1% ба сарчашмахои альтернативии энергия электростанцияхои геотермави, офтоби, шамоли ва гайра рост меояд.

Дар саноати химиявии чахон тахвили истехсолоти анъанави (нурихои минерали, кислотахо) руй дода истодааст. Мамлакатхои тараккикарда боз хам бештар дар истехсоли махсулоти илмталаби баланд (доруворихо, пластмасахои конструкциони ва гайра) махсусгардони шуда истодаанд.

Металургияи сиёх ва рангаи чахони дар мамлакатхои нави саноати ва постиндустриали бештар марказонида шудаанд. Зиёдшавии гудозиши маъданхо факат дар мамлакатхои «нав кашфшуда» (Австралия, Канада ЮАР) ба амал меояд, ки бо аз хад зиед таъмин будани ин мамлакатхо бо ашеи хоми металурги ва сузишвори ифода карда мешавад.

**3.**Хамаи доирахои хамкорихои байналхалки ба хадамоти инкишофёфта, ки идома ва инкишофи истехсолоти муосирро ифода мекунад, мухточанд. Хочагихои постиндустриали махз тавасутимухити ахбороти ташаккул ва инкишоф меёбад. Системаи автоинформация ба хамаи меъёрхои иктисодиёти муосир чори карда шудааст. Расонидани ахдамот ба доираи махсус чудо карда шудааст, доираи сеюмдарача баъди саноат ва комплекси агросаноати ба хисоб меравад..

Хусуссиятхои асосии доираи хадамот ташаккул ёфтани доираи калони ахбороти хамчун унсури мухими иттиходияи чахони, интенсификацияи истехсолот, ки доираи хадамот ва тагйиротхоро дар таносуби байни истехсолоти модди ва истехсолоти хадамот чудо менамояд, мебошанд.

Ба сохаи хадамот дохил мешаванд:

-сохахои анъанави: наклиёт, алока ва тичорат;

-сохахои фаъолияти хочагидори, ба монанди: молия, карз, сугурта, машваратдихи, хадамоти ахбороти ва дигар хадамоти кори;

-сохахои ичтимоию мадани: илм ва хизматрасонии илми, маъориф, тиб ва тарбияи чисмони, хизматрасонии ичтимои, хизматрасонии маиши, хочагии манзилию коммунали, санъат, фарханг, саехат ва дигар хизматрасонии рекреациони.

Дар мадди аввал сохахои хадамоти анъанавиро мавриди омузиш карор медихем. Наклиёт ба яке аз сохахои мухимтарини хадомоти анъанави дохил шуда хиссаи он дар ММД-и чахони аз 4 то 9%-ро ташкил медихад.

Наклиёт чудо мешавад ба наклиёти хавой, бахри, замини ва кубури (зеризамини). Хар сол дар чахон бо тамоми намудхои наклиёт зиёда аз 100 млрд. тонн бор ва зиёда 1 трлн. мусофирон хамлу накл карда мешаванд. Дар ин тахвилотхо зиёда аз 650 млн. автомобиль 40 хазор киштихои бахри, 10 хазор хавопаймохои рейси ва 200 хазор локомативхо иштирок мекунанд.

Дар шароитхои муосир дар баробари воситахои анъанавии алока (радио, телефон, телеграф, телефакс) воситахои муосири электрони– коммутаторхои кучонидашаванда, алокаи факсимили, нахи- оптики, кайхони (спутники) истифодаи шабакаи интернет бошиддат афзуда истодааст.

Инкишофи шабакаи алока дар чахон хеле нобаробар инкишоф меебад. Ба хиссаи ИМА 40% тамоми хатхои телефонии чахон рост меояд. Аз руи мавчудияти воситахои муосири алока дар мамлакатхои чахон ба хазор нафар чои аввалро ИМА ишгол мекунад. Канада аз руи микдори абонетхои шабакаи интернет ба хазор нафар дар чахон чои аввалро мегирад.

Сатхи телефонизацияи дар мамлакатхои ИДМ холо хам хеле аз талаботхои муосир кафо мемонад. Дар махалхои хочагии кишлок факат 1\3 хиссаи муассисахои тичорати, тибби ва мактабхо бо телефон таъмин карда шудаанду халос.

Яке аз сохахои нисбатан серамали хадамот туризм, махсусан туризми байналхалки мебошад. Микдори туристони байналхалки мунтазам зиёд шуда истодаанд: соли 1950-25 млн. нафар; 1970-160 млн. нафар, 1990-420 млн. нафар

2000-600 млн. нафар. Туризм дар тамоми мамлакатхои чахон зиёда аз 100 млн. одамро ба чои кор таъмин мекунад.

Даромади аз хисоби туризми байналхалки бадастоваранда дар мачмуи даромад аз содироти молу хадамот дар ИМА ва Британияи Кабир-5%, Франция ва Дания-7-8%, Италия ва Швейцария-11-12%, Португалия зиёда аз 20%, Испания ва Австрия 30-35%-ро ташкил медихад. Дар Точикистон туризм хамчун яке аз сохахои хадамот нихоят суст инкишоф ефтааст. Микдори туристоне, ки аз мамлакат ба хорича сафар мекунанд, назар ба микдори туристони хоричи дар мамлакат чанд маротиба зиёд аст. Ин маънои балански номусоиди даромадхои асъориро аз туризм барои мамлакат дорад.

Содироти чахонии хадамот бо ракамхои зерин тавсиф када мешавад: соли 1970 0,1 трлн. доллар; соли 1980-0,4 трлн. доллар, соли 1990-0,9 трлн. доллар; соли 2000-1,4 трлн. доллар, яъне он доимо меафзуд. Солхои 80-90-уми асри 20 ба содироти чахонии хадамот 20-25%-и тамоми содироти чахонии молу хизмат рост меомад. Дар як вакт дар сохтори содироти чахонии хадамот тагйиротхои калон ба амал омаданд: хиссаи хадамоти наклиёти мунтазам паст шуда истодааст (аз 35% соли 1975 то 24% соли 1996), хиссаи харакати туризми байналхалки зиёд шуда истодааст (мувофикан аз 24% то 32%). Хадамоти кори нисбатан васеъ истифода шуда истодааст. Дар бозори чахонии хадамот мамлакатхои тараккикарда бартари доранд. Ба онхо кариб 10%-и содироти чахонии хадамот ва такрибан хамин кадар воридоти дохилии хадамот рост меояд. Махсусан ИМА мавкеи асосиро дар бозори чахони хадамот ишгол мекунад, ки ба он 18% тамоми содироти чахонии хадамот рост меояд. Хисаи мамлакатхо ру ба инкишоф дар тичорати чахонии хадамот мунтазам зиёд шуда истодааст. Баъзеи онхо содиргарони калонтарини хадамот гаштаанд: Кореяи Чануби-содироти хадамоти инжинери консультациони ва сохтмони, Мексика-содироти хадамоти туристи. Хиссаи мамлакатхои иктисодиеташон дар давраи гузариш дар содироти чахонии хадамот 4%-ро ташкил медихад, аз он чумла Россия-1%. Ин мамлакатхо ба имкониятхои азими инкишофи туризм, транзит, тахвилхои бахри, хадамоти инжинери-консультациони ва сохтмон сохиб мебошанд.

**4.** Хочагии кишлок ва сохахои ба он наздик-хочагии чангал, шикор, мохидори, -на танхо фаъолияти кадим, балки нисбатан васеъ пахншудаи одамон мебошанд. Дар мамлакатхои тараккикарда ва собик мамлакатхои шурави дахсолахои охир чараёни интеграцияи агросаноати руй дода истодааст, ки муттахидшавии ташкилию тичоратии корхонахои хочагии кишлок ва саноатро ифода мекунад. Дар натичаи ин чараен ташаккулёбии комплекси агросаноати ба вучуд меояд. Комплекси агросаноати системаи ягонаи корхонахои хочагии кишлок ва саноат мебошад, ки ба воситаи алокахои устувори истехсолию тичоратии дар муносибатхои моликияти ва шартномахо асосёфта муттахид гаштаанд.

Коплекси агросаноати тамоми занчири истехсолиро фаро гирифта се доираро дар бар мегирад:

Доираи якум- саноат,ки барои хочагии кишлок воситахои истехсолотро истехсол намуда хизматрасонии истехсолию техникии онро ичро менамояд;

Доираи дуюм- худи хочагии кишлок ( заминдорию чорводори).

Доираи сеюм – сохахои наклиёти, азнавкоркардабарои ва фуруши озукаворию ашеи хоми хочагии кишлок.

Дар мамлакатхои тараккикарда хиссаи доираи 3-юм беист афзуда вазни хоси истехсолоти худи хочагии кишлок кам шуда истодааст (дар ИМА дар ин доира 75% тамоми арзиши махсулоти озука ташаккул меебад). Умуман, дар миёнаи солхои 90-уми асри 20 таносуби байни ин се доираи комплекси аграри дар мамлакатхои тараккикарда 3:1:6 буд. Дар натича хочагии кишлоки ИМА дар ММД-аш 2%-ро ташкил карда дар он 2,5% коргарони мамлакат фаъолият мекунанд, холо он ки тамоми комплекси аграри дар ММД 18%-ро ташкил карда дар он 20% коргарони мамлакат фаъолият мекунанд.

Дар мамлакатхои иктисодиёташон дар давраи гузариш хиссаи хочагии кишлок дар сохтори комплекси агросаноати назар ба мамлакатхои Гарб хеле зиёд аст, ки ин инкишофи сусти сохаи коркарди ашеи хоми хочагии кишлок, аз он чумла саноати хуроквориро инъикос менамояд. Хамин тарик, дар комплекси аграрии Россия 30% коргарон (аз он чумла 15% дар хочагии кишлок) машгул буда хиссаи он дар ММД-и мамлакат 6,7%-ро ташкил мекунад.

Дар мамлакатхо ру ба инкишоф хочагии кишлоки истеъмолоти анъанави бартари дорад. Доираи анъанави бо миллионхо китъахои заминии хурд пешниход мешаванд, ки махсулоти он  асосан барои таъмини оилаи дехконон кифоя асту халос. Бештар заминдории ибтидои хукмфармо аст, ки омилхои истехсолоташ югу сипори чубин мебошанд. На кам аз 20 млн. оила дар заминхои аз бешазор озодшуда заминдори мекунанд.

Хочагии кишлоки чахони аз ду сохаи бузурги ба хам алокаманд: заминдори (растанипарвари) ва чорвопарвари ташкил меебад. Таносуби байни ин сохахо таъти таъсири  пешравихо дар мамлакатхои тараккикардаи саноати тагйир меебад, ки бо бартари пайдо кардани чорвопарвари назар ба растанипарвари асоснок намуда мешавад. Хамин, тарик дар Швеция ва Финляндия ба чорвопарвари 75-80% мачмуи махсулоти хочагии кишлок рост меояд. Дар ИМА вазни хоси чорвопарвари нисбатан камтар аст-кариб 55%, дар Франция –53%. Дар Италия ин соха 40-45%-и махсулоти хочагии кишлокро истехсол мекунад, ки ин бо шароитхои на он кадар мусоиди табии барои чорвопарвари зарур асоснок карда мешавад.

Хочагии кишлоки мамлакатхои тараккикарда баъди баохиррасии бозсозии саноати ба мархилае дохил шуд, ки бо истифодаи васеи биотехнология тавсиф дода мешавад. «Инкилоби сабз»  дар мамлакатхои ру ба инкишоф, ки ихтирои навъхои серхосили зироатхои хочагии кишлок, обьери ва истифодаи технологияи муосир, нурихо ва воситахои химояи растанихоро дар бар мегирад, ба афзоиши истехсоли махсулоти озукавори оварда расонида бо хамин кисман масъалаи озукаро дар иктисодиёт чахон хал намуд. Ҷомеаи ҷаҳонӣ солҳои охир ба масоили таъминоти озуқаворӣ ва инкишофи қувваҳои истеҳсолкунандаи соҳаи кишоварзӣ диққати ҷиддӣ дода истодааст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ аз солҳои аввали соҳибистиқлолӣ оиди таъмини амнияти озуқаворӣ барномаҳои махсуси стратегии Ҳукуматӣ қабул ва амалӣ гашта истодаанд, ки баҳри ҳарчи зудтар татбиқ гаштани онҳо омӯхтани таҷрибаи баъзе давлатҳои ҷаҳон дар ин ҷода зарур аст. Ба масоили озуқаворӣ дар маънои васеъ истеҳсол, тақсимот, мубодила ва истеъмолоти маводи озуқа дар ҷаҳон ва мамлакатҳои алоҳида

дохил мешавад. Дар маънои маҳдуд бошад масоили озуқаворӣ таъмини тамоми аҳолиро бо маҳсулоти хӯрока дар назар дорад. Дар миёни тамоилҳои зиёди масоили озуқаворӣ яке аз асоситарини он чӣ тавр ва дар кадом дараҷа таъмин сохтани аҳолӣ бо озуқаворӣ мебошад.

Амнияти озуқаворони дилхоҳ давлат метавонад таъмин бошад, агар:

- аҳолии мамлакат аз маҳсулоти ғизоии аз ҷиҳати табиӣ муфиди истеҳсоли ватанӣ бо назардошти меъёрҳои илман асосноки вобаста ба ҷинс, синну сол. шароитҳои иқлимӣ ва анъанаҳои миллӣ таъмин бошад;
- нархи маводи истеъмолӣ ба ҳамаи аҳолӣ новобаста аз миллат ва касб дастрас бошад.;
- захираи стратегии озуқа барои вазъи фавқуллода,ҷанг ва офатҳои табиӣ муҳайё карда шуда бошад (ин захира ҳангоми гуруснагӣ дар мамлакат ва ҷорӣ намудани меъёри тақсимоти маҳсулоти озуқа метавонад барои панҷ сол кифоягӣ кунад)[i];
- сектори аграрӣ рушди босуботу захиравӣ дошта бошад,ки имконияти афзун намудани истеҳсоли озуқавориро баҳри зиёдгардонии захираҳо ҳангоми ҳолатҳои фавқуллода пайдо карда тавонад;
- илм дар сатҳи баланди дастовардҳои ҷаҳонӣ қарор дошта, тамоми соҳаҳои ҳаётан зарурирo бо технологияи навтарин таъмин сохта, генофонди миллатро дастгирӣ ва беҳтар намояд.

Барои ноил шудан ба ин мақсадҳо таҳлил ва истифодаи таҷрибаи ҷаҳонӣ оиди таъмини амнияти озуқаворӣ бо роҳи инкишофи соҳаи кишоварзии ватанӣ зарур аст.

Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, мамлакатҳои Аврупоӣ, Чин ва Япония танзими давлатии сектори аграриро бо мақсади баромадан аз бӯҳрони иқтисодӣ, худтаъминсозии кишварҳояшон бо озуқаворӣ ва аз байн бурдани қафомонии соҳаи кишоварзӣ аз соҳаҳои дигари иқтисодиёти миллӣ, ҳанӯз дар солҳои 50-уми асри 20 амалӣ гардонида буданд.Сиёсати онҳо баҳри баланд бардоштани ҳаҷми истеҳсолот дар дохили кишвар равона гардида, таркибан ёрдампулиҳои бевоситаро ба истеҳсолкунандагон барои харидории техника, маводҳои сохтмонӣ ва ба даст овардани технология дар бар мегирифт.

Вазифаҳои дар боло номбаркардашуда сари вақт иҷро гардиданд ва дар назди ин мамлакатҳо масълаи дигар- васеъ намудани бозори фурӯши маҳсулоти озуқаворӣ ба вуҷуд омад. Пур шудани бозор аз маҳсулоти озуқаворӣ сиёсати давлатро ба ҷониби ҳалли масоили иҷтимоӣ таъғир дода, онро ба дастгирии даромади истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ, ба танзимдарории нархҳо, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ ва ҷустуҷӯи бозори фурӯши маҳсулот равона намуд. Иёлоти Муттаҳидаи Амрико яке аз давлатҳоест,ки сиёсати танзими давлатии соҳаи кишоварзиаш бо мақсади таъмини пешвогӣ дар истеҳсол ва содироти маҳсулоти кишоварзӣ ва амнияти озуқаворӣ равона гардидааст.

Аз ҷониби Ҳукумати ИМА барномаҳои соҳаи кишоварзӣ ба тавре тарҳрезӣ гардидаанд,ки боиси дар амал ҷорӣ намудан ва батанзимдарории истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва таъмини таносуби талаботу таклифоти бозор ва аз байн бурдани бӯҳрони барзиёдистеҳсолкунӣ гардиданд. Барои ноил гардидан ба ин мақсадҳо дар аввал ба ҳиссаҷудокунии заминҳои корам аз рӯи маҳсулотҳои алоҳида ва баъдан бошад, назорат бо роҳи тақсим кардани маблағҳои давлатӣ дар миёни фермерҳои дар истеҳсоли маҳсулот иштироккунанда сурат гирифт.Ташкили фонди захиравии ИМА бо он асоснок карда шудааст,ки аввал ҳамаи заминҳои захиравӣ барои кишт истифода шуданд ва дар нимаи солҳои 80-ум хатари амнияти озуқаворӣ ба миён омад.

Қабули қонун « Оиди амнияти озуқаворechи ИМА» истеҳсолоти кишоварзиро ҳамчун яке аз соҳаҳои муҳими иқтисодиёти ИМА муайян намуда,истифодаи самараноки захираҳои кишоварзиро дар таъмини амнияти озуқаворӣ аввалиндараҷа шуморид. Инчунин дар ИМА дастгирии буҷавӣ аз тарафи давлат барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ ба роҳ монда шудааст,ки боиси ҳавасмандгардонии истеҳсолкунандагони маводи озуқаворӣ гардидааст.

Қисми зиёди барномаҳои иҷтимоӣ,ки тарзи ҳаёти солим ва истеъмолоти муфидро дар ИМА тарғиб мекунанд, барои таъмини аҳолии камбизоат,кӯдакон ва нафақахӯрон пешбини шудааст,маҳз дар доираи ҳалли масоили таъмини амнияти озуқаворӣ амалӣ мегарданд.

Аз нуқтаи назари ноил гардидан ба амнияти озуқаворӣ дар дараҷаи истеҳсол ва истеъмоли ғалладонагиҳо таҷрибаи Чин (Хитой), ки дар мӯҳлати бисёр кӯтоҳ (аз соли 1995) тавонист ба худтаъминкунии баланд расида, мавқеи худро дар бозорҳои ҷаҳонӣ доимӣ гардонад, истифода бурдан мумкин аст. Чин ҳаҷми истеҳсоли ҷуворимаккаро дар ҳамин давра ду маротиба зиёд намуд,ки боиси қонеъ гардонидани талаботи дохилии мамлакат ва иштироки доимии он дар бозорҳои содиротии ҷаҳонӣ гардида, дар замони муосир Чинро ба яке аз давлатҳои калонтарини истеҳсолкунандаи ғалла, биринҷ ва ҷуворимакка табдил дод. Чин сиёсати таъмини дараҷаи баланди амнияти озуқаворӣ ва бунёди рушди устуворро дар ин соҳа ташкил намуда бошад, ҳам танҳо дар солҳои охир ба он ноил гардида истодааст. Дар давоми солҳои зиёд сиёсати расмии ин давлат барои ҳарчи бештар истеҳсол намудани маҳсулот бо мақсади қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ бо маводи озуқаворӣ мебошад.

Чин ҷаҳиши босуръатеро дар доираи инкишофи соҳаҳои хоҷагии халқ, аз ҷумла соҳаи иҷтимоӣ амалӣ намуда, ҳаҷми чоркаратаи маҷмӯи маҳсулоти миллиро таъмин сохт. Дар ин давра ҳаёти иҷтимоии аҳолӣ рӯ ба беҳбудӣ оварда,ҳосили баланди зироатҳои ғалладонагӣ захираи маводи озуқавориро дар мамлакат афзун намуда, боиси аз талаботи бозор зиёд гардидани таклифоти маҳсулоти хӯрока шуд. Захираи маводи ғалладонагии Чин наздики 20%-и истеъмолоти солонаро ташкил медиҳад, ки ҳаҷман ба Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва Иттиҳоди Аврупоӣ баробар аст.

Дар охир ҳаминро қайд кардан зарур аст, ки дар ҷаҳони муосир ҳар як давлат метавонад вобаста ба шароитҳои иқтисодию иҷтимоии худ роҳҳои гуногуни таъмини амнияти озуқавории худро роҳандозӣ намояд, ки аз ҷумлаи онҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад.

**Адабиёт :**

11. Бабурина, О. Н. Мировая экономика и международные экономические отношения : учебник / О.Н. Бабурина. – Москва : ИНФРА-М, 2021. – 275 с.

Васильева, Т. Н. Мировая экономика : конспект лекций / Т. Н. Васильева, Л. В. Васильев. – 4 -е изд., стер. – Москва : ФЛИНТА, 2021. – 161 с.

12. Дерен, В. И. Мировая экономика и международные экономические отношения : учебник и практикум для вузов / В. И. Дерен. – 2-е изд., испр. и доп. – Москва : Издательство Юрайт, 2021. – 588 с.

13. Заволокина, Л. И. Мировая экономика : учебное пособие для вузов / Л. И. Заволокина, Н. А. Диесперова. – Москва : Издательство Юрайт, 2021. – 182 с.

14. Кузнецова, Г. В. Россия в системе международных экономических отношений : учебник и практикум для вузов / Г. В. Кузнецова. – 2-е изд., перераб. и доп. – Москва : Издательство Юрайт, 2021. – 393 с.

15. Ломакин, В.К. Мировая экономика: учебник для студентов вузов, обучающихся по экономическим специальностям и направлениям / В.К. Ломакин. – 5-е изд., перераб. и доп. – М. : ЮНИТИ-ДАНА, 2019. – 687 с.

16. Любецкий, В. В. Мировая экономика и международные экономические отношения : учебник / В.В. Любецкий. – М. : Инфра-М, 2019. – 350 с.

17. Международные экономические отношения в глобальной экономике : учебник для вузов / И. Н. Платонова [и др.] ; под общей редакцией И. Н. Платоновой. – Москва : Издательство Юрайт, 2021. – 528 с.

18. Международные экономические отношения. Активные методы обучения: Уч. пос. / Л. В. Новокшонова, М. Л. Горбунова, Т. С. Морозова и др.; Под ред. Л. В. Новокшоновой – М.: Магистр: НИЦ Инфра-М, 2019. – 128 с.

19. Мировая экономика в 2 ч. Часть 1 : учебник для вузов / Б. М. Смитиенко [и др.] ; под редакцией Б. М. Смитиенко, Н. В. Лукьянович. – 4-е изд., перераб. и доп. – Москва : Издательство Юрайт, 2021. – 216 с.

20. Мировая экономика в 2 ч. Часть 2 : учебник для вузов / Б. М. Смитиенко [и др.] ; под редакцией Б. М. Смитиенко, Н. В. Лукьянович. – 4-е изд., перераб. и доп. – Москва : Издательство Юрайт, 2021. – 236 с.

21. Мировая экономика в 2 ч. Часть 1. : учебник для вузов / Р. И. Хасбулатов [и др.] ; под редакцией Р. И. Хасбулатова. – 2-е изд., перераб. и доп. – Москва : Издательство Юрайт, 2021. – 689 с

---

**Тестхо оиди мавзуи 3.**

**1. Ҳиссаи кадом монополия ҳиссаи зиёди содироти нафти ҷаҳониро ташкил медиҳад?** A) ОПЕК; B) Тойота;C) РАО-ЕС; D) Бритиш-Петролеум; E) АСЕАН;

**2. Кадоме аз ширкатҳои фаромилалии дар поён овардашуда ба Ҷопон тааллуқ доранд?** A) Нестле; B) Ҷенерал моторс; C) Форд; D) Опел; E) Тойота.

**3. Кадом қисми аҳолии ҷаҳон дар соҳаи хоҷагии қишлоқ банд аст?** А) Дар мамалакатҳои ру ба инкишоф зиндагӣ карда истода; В) Дар мамалакатҳои тараккикарда зиндагӣ карда истода; С) Дар мамалакатҳои ру ба инкишоф зиндагӣ накарда истода; D) Дар мамалакатҳои нави саноатӣ зиндагӣ карда истода; Е) Дар мамалакатҳои Иттифоқи Аврупо зиндагӣ карда истода;

**4. Кадом соҳаҳо ба хоҷагии қишлоқ дохил мешаванд?** А) Саноати истихроҷ ва коркард; В) Нақлиёт ва алоқа; С) Чорводорӣ ва заминдорӣ; D) Нақлиёт ва хурока; Е) Саноат ва алоқа.

**5. Маҷмӯи арзиши ниҳоии молу хадамот, ки дар давоми як сол дар мамлакат истеҳсол шудааст- ин?** А) Маҷмӯи маҳсулоти миллӣ; В) Мачмӯи маҳсулоти дохила; С) Даромади миллӣ; D) Даромади давлатӣ; Е) Амортизация;

**6. Шарҳи дурусти гуфтаҳои зеринро тасдиқ намоед?** А) Дар замони муосир ҳаҷми маҳсулоти соҳаи хадамот аз ҳаҷми маҳсулоти соҳаи саноат ҳам ниҳоят кам аст; В) Аз 1/3 ҳиссаи ММД-и иқтисодиёти ҷаҳонро хоҷагии қишлоқ, 1/10 ҳиссаашро соҳаи хадамот ташкил медиҳад ва ба саноат 55-60%-и ММД-и ҷаҳонӣ рост меояд; С) Дар сохтори соҳавии саноат ҳиссаи соҳаҳои истихроҷ бардавом зиёд шуда ҳиссаи соҳаҳои саноати коркард, махсусан саноати мошинсозӣ ва кимиё кам шуда истодааст; D) Дар сохтори соҳавии саноат ҳиссаи соҳаҳои истихроҷ бардавом кам шуда ҳиссаи соҳаҳои саноати коркард, махсусан саноати мошинсозӣ ва кимиё зиёд шуда истодааст; Е) Дар замони муосир ҳаҷми маҳсулоти соҳаи мошинсозӣ аз ҳаҷми маҳсулоти соҳаи пойафзол ҳам ниҳоят кам аст;

**7. Дар кадом мамлакатҳо ғалла дар хӯроки одамон бештар истифода бурда мешавад**? А) Мамлакатҳои тараққикарда; В) Мамлакатҳои рӯ ба инкишоф; С) Мамлакатҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ; D) Мамлакатҳои нави саноатӣ; Е) Хаштгонаи бузург;

**8. Дар кадом мамлакатҳо ғалла дар хӯроки одамон бештар истифода бурда мешавад?** А) Мамлакатҳои тараққикарда; В) Мамлакатҳои рӯ ба инкишоф;

C) Мамлакатҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ; D) Мамлакатҳои нави саноатӣ; E) Хаштгонаи бузург;

**9. Дар сохтори хоҷагидории бештари мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ кадом соҳа ҳиссаи бештарро доро мебошад?** A) соҳаи хизматрасонӣ; B) соҳаи хоҷагии қишлоқ; C) соҳаи саноат; D) соҳаи истихроҷ ва хоҷагии қишлоқ; E) соҳаи чорводорӣ;

**10. Хизматрасонии нақлиёт ба кадом соҳаи хоҷагии ҷаҳонӣ дохил мешавад?** A) Соҳаҳои хадамот;B) Соҳаҳои анъанавӣ; C) Соҳаҳои иҷтимоию маданӣ; D) Соҳаи саноат; E) Соҳаи чоруминдараҷа.

# МАВЗӮИ 4

## Шаклхои асосии муносибатҳои байналхалқии иктисодӣ

***1.Тичорати байналхалкӣ, мохият ва хусусиятхои асоси***

***2.Содироти сармоя ва шаклхои асосии он***

***3.Хичрати байналхалкии кувваи кори***

***4.Мубодилаи байналхалкии технология***

***5.Муносибатхои байналхалкии асъори ва карзи***

***6.Интегракияи байналхалкии иктисоди, максадхо, омилхо ва мархилахои асосӣ***

1. Муносибатхои иктисодии байналхалки (МИБ) гуфта системаи робитахои гуногуни хочагидории (илми-техники, истехсоли, тичорати, арзию молияви, ва пулию карзи) байни иктисодхои миллии мамлакатхои гуногунро мефахманд, ки дар таксимоти байналхалкии мехнат (ТБМ) асос меёбанд.

Дар замони муосир муносибатхои иктисодии байналхалкиро дар шакли зерин пешкаш менамоянд:

- Тичорати байналхалкии мол ва хадамот;
- Харакати байналхалкии сармоя;
- Харакати байналхалкии кувваи корӣ;
- Тахвили байналхалкии технология;
- Муносибатхои байналхалкии хисобию асъорӣ.
- Интегратсияи байналхалкии иктисодӣ

Тичорати байналхалки шакли анъанави ва кадимаи муносибатхои иктисодии байналхалки мебошад. Садсолахо пештар пайдошуда, вай имруз хам мавкеи мухимро дар системаи умумии робитахои хочагии чахони нигох медорад.

Баъд аз Чанги Дуюми Чахон тичорати байналхалки бо суръати бисёр баланд ва хеле зиёдтар аз суръати рушди истехсолоти чахони инкишоф ёфта истодааст. Аз руи маълумоти Созмони умумибашарии мехнат (СУТ), дар солхои 1950-1994-ум хачми тичорати байналхалки харсол зиёдтар аз 6% афзун мешавад, хол он ки истехсолоти чахони – факат 4%. Дар тули 50 соли охир хачми гардиши тичорати 14 маротиба, аммо хачми истехсолот - 5,5 маротиба зиёд гардидааст. Дар замони муосир хачми тичорати байналхалки дар як сол то 12 трлн. долл. суръат гирифта хачми он хар сол то 2% зиёд мегардад.

Тичорати байналхалки ба сифати яке аз куввахои харакатдихандаи рушди иктисоди дар чахони муосир баромад мекунад. Дах давлати макоми асоси дошта аз руи хачми тичорати байналхалки ШМА, Германия, Япония, Фаронса, Британияи Кабир, Италия, Канада, Голландия, Гонконг, Белгия мебошанд. Сахми онхо дар тичорати байналхалки кариб 60%-ро ташкил медихад. Сахми як худи ШМА дар тичорати байналхалки 20% мебошад. Аз чор се хиссаи гардиши моли чахониро махсулоти саноати маснуотбарор, аз чор як кисми онро-молхои озукавори ва ашёи хом ташкил мекунад.

Тичорати байналхалки метавонад дар режимхои гуногун сурат гирад. Тичорати озод дар назар дорад, ки дар вакти убур кардани худудхои гумруки дар харакати молхо ягон хел монеа дучор намешавад. Вале на хама вакт ин хел мешавад. Бисёр вакт давлат рохи гузориши махдудиятхои тичоратиро дар намуди бочхо, андозхо, квотахо (хисса) ва гайра пеш мегирад. Акси тичорати озод протексионизм мебошад. Дар шароити чой доштани сатхи нихоят баланди махдудиятхои тичорати онхо метавонанд хислати манъкунанда пайдо намоянд. Дар ин холат муносибатхои байниякдигарии тичорати катъ мегардад ва чои онхоро автаркия мегирад.

Суммаи содирот ва воридоти мамлакат - гардиши тичорати хоричи, фарки байни онхо – салдои (бакияи) тичоратиро ташкил мекунад. Барзиёд будани содироти  молхо назар ба воридот барои мамлакат салдои фаъолро таъмин мекунад. Вакте, ки хачми воридот аз хачми содирот зиёд мешавад, салдои гайрифаъол (пассив) ба вучуд меояд. Дар макроиктисодиёт фарки байни содирот ва воридотро содироти соф меноманд, ки манфи ё мусбат шуда метавонад.

Бозорхои дохили, милли, байналхалки ва чахониро фарк мекунанд. Бозори дохили мачмуи амалиёти хариду фурушеро дар бар мегирад, ки дар раванди он истехсолкунандагони ватани молхо ва хизматхоро дар дохили хамин мамлакат ба фуруш мегузоранд. Бозори милли  бозори дохилиро ва хамчунин хамон кисми гардиши молро, ки ба хорича нигаронида шудааст, фаро мегирад. Бинобар ин бозори милли назар ба бозори дохили мафхуми васеътар аст. Мачмуи сегментхои (кисмхои) бозорхои милли, ки ба хорича нигаронида шудааст, бозори байналхалкиро ташкил мекунад. Ва, нихоят, мафхуми аз хама васеъ бозори чахони мебошад, вай хамаи гардиши тичоратии мамлакатхоро фаро мегирад, ки иттиходи иктисодии чахониро ташкил мекунанд.

***<u>Назарияхои асосии тичорати байналхалки инхоянд:</u>***

- Акидахои меркантилизм: боигарии давлатхо дар захирахои тиллоии он ифода ёфта максадаи асосии тичорати байналхалки чамъ кардани тилло мебошад.
- Назарияхои классикон: А. Смит, Д. Рикардо, Д.С.Милль- асоси тичорат ин бартарии давлатхо дар истехсоли намудхои алохидаи махсулот вобаста ба харочотхои истехсолии он мебошад.
- Назарияи таносуби оимлхои истехсолоти Хекшер-Олин ва Самуэльсон: асоси махсусгардонии давлатхоро фаркият дар мавчудияти омилхои истехсолот- сармоя ва кувваи кори ташкил медихад.
- Назарияхои муосири тичорати байналхалки: харакати даврагии мол, фаркияти технологи ва назарияхои институтсионали ва гайра.

**2**. Сармоя яке аз омилхои асосии истехсолот буда бо худ воситахои пули, когазхои кимматнок, техника ва технология, дониш ва мутахассисонро ифода менамояд. Дар сатхи байналхалки сармоя аз як мамлакат ба мамлакати дигар харакат намуда аз раванди истехсолоти як мамлакат чудо шуда ба раванди истехсолии мамлакати дигар хамрох мешавад. Максади асосии содироти сармоя гирифтани фоида мебошад. Сабабхои харакати сармоя инхоянд:

-барзиёд будани сармоя дар як мамлакат ва камчин будани он дар дигар мамлакат;

-сармоя ба давлате харакат мекунад, ки дар он чо фоидаи зиёдтар гирифтан мумкин аст.

Сармоя дар ду шакли асоси содир карда мешавад: мустаким ва гайримустаким.

Сармоягузории мустаким дар сурати баркарор кардани филиали ширкати милли дар хорича ё ин ки харид кардани пакети назоратии сахмияи ширкати хоричи чой дорад. Дар ин холат чойгиркунии сармоя ба максади ноил гаштан ба манфиати дарозмуддати иктисоди ва хукуки идора аз болои объекти сармоягузори амали карда мешавад.

Сармоягузории гайримустаким (портфели) амалиёти махсуси молияви барои харид кардани когазхои кимматноки корхонаи хоричи бо асъори хоричи мебошад. Маблаггузории гайримустаким (портфели) ба диверсификатсияи портфели агенти иктисоди меоварад, риски сармоягузориро кам мекунад ва ба гирифтани даромад нигаронида мешавад, аммо ба маблаггузоранда (инвестор) хукуки назорати хакикиро аз болои объекти маблаггузошташуда намедихад.

Содиркунандагони асосии маблаггузории инвеститсияи мустаким мамлакатхои Европаи Гарби ва ШМА ба хисоб мераванд. Дар ин чода Япония хеле фаъол гардида, ин рохро Кореяи Чануби аз худ карда истодааст. Мамлакатхои мутараккии иктисоди дар содироти сармояи сохибкори хавасманд мебошанд, онхо дар дигар мамлакатхо филиалхои истехсоли баркарор карда истода, бо ин рох барои содироти молхои худ, бартараф

кардани монеъахои гумруки, истифодаи бозорхои хоричи имконияти калон ба вучуд меоваранд.

**3. Инкишофи хочагии чахони хама вакт бо харакати захирахои мехнати байни мамлакатхо алокаманд аст.** Дар натичаи харакати байналхалкии кувваи кори вазъи иктисодии хар ду давлат тагйир меёбад. Сабабхои асосии хичрати кувваи кори чунинанд:

-маоши максималии як давлат аз маоши минималии давлати дигар камтар аст;

-дар давлати содиркунандаи кувваи кори даромад паст ва дарачаи бекори баланд аст.

Дар натичаи зиёд гардидани шумораи ахолии бекор дар чахон хичрати кувваи кори дар дахсолахои охир афзуда истодааст. Хар сол дар чахон 30 млн. нафар ахоли хичрат мекунад, аз чумла 17 млн. нафар мутахассисони баландихтисос. Мувофики нишондодхои ташкилотхои байналхалки чунин намудхои хичрат муайян шудаанд:

-хичрати муввакати,

-хичрати илми,

-гурезахо.

Дар шароити муосир марказхои муайяни "чалбнамоии" кувваи кори баркарор шуда истодаанд, ки микёс ва самти мухочирати байналхалкии кувваи кориро нишон медиханд,

Маркази якум дар ШМА чойгир аст. Дар вакти хозира хоричиён наздик 5%-и кувваи кории мамлакатро ташкил менамоянд. Маркази дуюм чалбнамоии мухочирон дар Европаи Гарби баркарор гашт. Дар ин чо факат дар мамлакатхои ИЕ 13 млн. мухочирон ва ахли оилахои онхо ба хисоб гирифта шудааст. Кисми (хиссаи) асосии онхоро чунин мамлакатхои Европаи Гарби, ба монанди Германия, Фаронса, Англия ва хамчунин Белгия, Нидерландия, Шветсия ва Швейтсария кабул мекунанд.

Маркази сеюми чалбнамоии мухочирон - мехнаткашон дар минтакаи Шарки Наздик дар солхои 70-уми асри XXба миён омад. Мамлакатхои нафтистихрочкунанда ба корхонахои нафтбарори теъдоди зиёди одамонро аз Хиндустон, Бангладеш, Покистон, Урдун, Йаман ва инчунин аз Гретсия, Туркия, Италия чалб менамоянд. Дар ибтидои солхои 90-ум дар ин чо зиёда аз 4,5 млн. хоричиён кор мекарданд, дар холате ки теъдоди коргарони махалли факат 2 млн. нафар буд. Хиссаи коргарони хоричи дар теъдоди умумии кувваи кории мамлакатхои алохида хеле зиёд аст. Мисол, дар Аморатхои Муттахидаи Араб вай 97%, Кувайт – 86,5%, Арабистони Сауди - 40%, яъне кисми мутлак ё ин ки асосии кувваи кории саноатиро ташкил мекунанд.

Минтакаи чоруми байналхалкии мухочират дар Австралия баркарор шуд. Дар ин мамлакат 200 хазор коргарони хоричи мехнат мекунанд. Аз соли 1982 Австралия сиёсати мухочирати хавасмандгардонандаи инкишофи бизнесро дар мамлакат пиёда карда истодааст. Мувофики вай ба мамлакат дар навбати аввал мухочирони ба иктисодиёти вай сармоягузори карда кабул карда мешаванд.

Маркази панчуми мухочирати мехнати мамлакатхои нави саноатии Осиёи Чануби Шарки - Гонконг, Малайзия, Сингапур, Чумхурии Корея, Тайван ва гайра мебошад.

Дар Америкаи Лотини маркази шашуми чалбнамоии кувваи кори баркарор шуда истодааст. Теъдоди умумии мухочирон 3 млн. нафарро ташкил мекунад, кисми зиёди онхо аз Америкаи Лотини мебошанд. Вале, дар давраи хозира, Аргентина, Боливия, Бразилия, Венесуэла, Чили ва Парагвай барномахои махсусро оид ба чалби кувваи кори аз Европаи Шарки, аз он чумла аз собик ИЧШС ба маблаг таъмин карда истодаанд.

Маркази хафтум дар Россия баркарор шуда истодааст, ки дар он асосан мухочирон аз собик чумхурихои шурави кор пайдо менамоянд.

Хичрати кувваи кори ба хар ду тараф таъсир мерасонад. Ба давлати кабулкунанда манфиати хичрат чунин аст:

-мухочирон бо нисбатан маоши паст кор карда онхоро хамавакт аз кор холи кардан мумкин аст.

-мухочирон ба корхое даст мезананд, ки шахрвандони мамлакат намекунанд.

Барои давлати содиркунанда чунин фоида меорад:

-сатхи бекори дар давлат паст гашта вазъияти ичтимои муътадил мегардад,

-мухочирон хангоми баргаштан даромади муайяни худро меоранд, ки сатхи зиндагиро бехтар мекунад.

**4. Хислати асосии фарккунандаи асри XX инкишофи бемисли илм ва техника гашт.** Дар сад соли охир шакли нави муносибатхои иктисодии байналхалки - мубодилаи байналхалкии технологияхо ба вучуд омада ва сохторан ташаккул ёфт. Дар шароити муосир тамоюли устувори харакати манбаъхои боигарии мамлакатхо аз омилхои анъанавии истехсолот дар намуди замин, сармоя ва кувваи кори, ба захирахои (ресурсхои) технологи ба чашм мерасад. Якчанд шаклхои асосии тахвили технологияхо дар байни мамлакатхои гуногун вучуд дорад.

- Мубодилаи иттилоотии комёбихои илмию техники.
- Муёоҷирати байналхалции цувваи кории баландихтисос
- Тиҷорати литсензионы
- Мусоидати техникии байналхалцы

Тичорати литсензиони шакли асосии тахвили технологияро ташкил мекунад. Мафхуми тичорати ифода мекунад, ки ин шакли тахвили технология дар асоси тичорати амали мешавад. Предмети хариду фурушро дар ин холат

хукук дар намуди литсензия барои истифодаи ихтироот, тачрибаи технологи, сирхои саноати ва донишхои тичорати ташкил мекунад.

Литсензия – ин ичозатнома барои истифодаи технология дар муддати вакти муайян ва бо хакки муайян, ки фурушандаи технология (литсензиар) ба харидори литсензия (литсензиат) дар асоси созишномаи литсензиони медихад.

Созишномаи литсензиони – ин карордоди тичорати байналхалки, ки мувофики он сохиби ихтироот ё ин ки донишхои техники ба тарафи дигар ичозатномаи истифодаи хукуки худро ба технология дар худуди муайян медихад.

Объектхои созишномаи литсензиони одатан аз патентхо, ихтироот, формулахо, равандхо, конструксияхо, схемахо, тамгахои тичорати, барномахо ва гайра иборат аст.

Вобаста ба андозаи хукук, ки созишномаи литсензиони ба литсензиат ва литсензиар медихад, литсензияи одди, махсус ва пурраро фарк мекунанд. Литсензияи одди ба литсензиар хукуки додани хамин гуна литсензияро ба тарафи сеюм медихад. Литсензияи махсус ба литсензиат хукуки монополиро барои истифодаи хамин технология медихад, литсензиар дар ин холат на мустакилона технологияи ба патент даровардаро истифода карда метавонад ва на ба нафари сеюм дар ин территория дода метавонад. Дар холати литсензияи пурра литсензиар пурра аз хукуки истифодаи объекти литсензия махрум мешавад.

«Ноу-хау» ин комёбихо, донишхо, тачрибаи илмию техники, истехсоли, идорави, молияви ва характери дигардоштаи бо санадхои химояви дар хорича химоя карданашуда ва пурра нашрнашуда, ки истифодаи он дар раванди тадкикоти илми, коркард, тайёр кардан, фуруш ва истифодаи махсулоти ракобатнок имконпазир буда бартарияти муайянро таъмин менамояд.

5. **Муносибатхои байналхалкии асъор** шакли хеле сатхи ва дар баробари ин мураккаб ва парастишшудаи (яъне, хислати амалиёти новобаста ва мустакилро гирифта) муносибатхои иктисодии байналхалки мебошад. Сабаб он аст, ки муносибатхои асъор байни мамлакатхо, аз як тараф оиди харакати

байналхалкии молхо, сармоя, кувваи кори ва технологияхо ба вучуд меояд ва аз чониби дигар, онхо механизми мустакили амалиётро доранд, ки тавассути онхо азнавтаксимкунии харакати байналхалкии молхо ва омилхои истехсолот сурат мегирад.

Шакли ташкили муносибатхои байналхалкии асъор системаи асъор мебошад, ки бо конунхои милли ё ин ки созишномахои байнидавлати кабул карда мешавад. Системаи милли, чахони ва байналхалкии (минтакави) асъорро фарк мекунанд. Таърихан нахуст системаи миллии асъор дар заминаи конунхои милли бо назардошти меъёрхои хукуки байналхалки пайдо шудаанд. Системаи милли асъор – ин кисми таркибии системаи пулии мамлакат буда, принсипхои ташкил ва танзими муносибатхои асъории давлатро мувофики конунхои асъор муайян мекунад. Вай одатан мустакилияти нисби дорад, чунки аз сатхи инкишоф ва вазъи робитахои иктисодии хоричии мамлакат вобаста аст. Системаи байналхалкии (минтакавии) асъор – ин системаи конун ташкилёфтаи муносибатхои асъори якчанд давлатхо дар дохили минтакаи муайян мебошад, ки максади он ташкили минтакаи устувори асъор аст

Муносибатхои асъорию иктисоди дар доираи иктисодиёти байналхалки гуногунтаркиб мебошад. Рушди устувори иктисоди дар гурухи мамлакатхо ва чараёнхои босуръати инкишофи иктисоди дар дигар мамлактхо ба тагйироти кулли дар харакати байналхалкии омилхои истехсоли меоварад, ки дар муносибатхои асъор низ инъикос мешаванд. Ин муносибатхо хислати бисёрсатхи мегирад. Сатхи якум ба ислохоти асъори байналхалкии захирави (резерви) вобаста аст, ки амалиёти он бояд манфиатхои мамлакатхои ташкилкунандаи онро инъикос намояд. Сатхи дуюм ба муносибатхои кредити дар сохаи асъори марбут аст, ки дар он амалиёти системаи чахонии асъор бояд ба рушди иктисоди ва тараккиёти мамлакатхои ташаккулдихандаи хочагии муосири чахони мусоидат намояд.

Муносибатхои молиявию карзи дар сатхи байналхалки асосан аз тарафи ташкилотхои байналхалки ва минтакавии молияви, ба монанди ФБА, Бонки умумичахони, ЕБРР,ИБР, АБР, Фонди Кувайт ва гайра низом даровварда

мешаванд, ки ба мамлакатхо воситахои карзиро бо шартхои муайян пешниход менамоянд.

Бешубха, кредитхои ФБА ва Бонки чахони худ ба худ барои халли хамаи проблемахои иктисоди ва молиявии мамлакатхои ретсипиент (хусусан, мамлакатхои иктисодиёти давраи гузариш) нокифоя аст. Аммо фаъолияти кредитии онхо окибати хеле дурраванда барои мамлакатхои ресипиент дорад.

Якум, кредитхои муассисахои байналхалки, одатан, сатхи баланди гузориши «нуктавиро» дорад, бинобар ин самараи хеле зиёди мултипликативи меоварад.

Дуюм, кредитхои ФБА ва ББТИ барои омадани шаклхои дигари маблаггузории хоричи, аз он чумла сармояи хусуси ба мамлакатхои ретсипиент «хабар медиханд».

Сеюм, кредитхои Фонд ва Бонк системаи пулию кредитии миллиро дар мамлакати карзгиранда танзим карда, ба камшавии касри буча, бехтаршавии вазъияти иктисоди мусоидат мекунад.

Чорум, сиёсати устуворсози ва, одатан, адаптатсионии мамлакатхои кредитгирандаро ташкил намуда, карзхои Фонд ва Бонк накши мухими ташкилиро дар устворгардонии системаи милли ва чахонии асъор ичро мекунад.

Аз солхои 80-ум хам ФБА ва хам Бонки чахони ба халли проблемаи карзи хоричаи мамлакатхои иктисодиёти ру ба инкишоф машгул шуданд. Дар солхои 90-ум аксент барои ташкили заминахои иктисоди дар мамлакатхои карздор барои халли проблемаи карзи байналхалкии онхо гузаронида шуд. Дар зери барномахои устуворсози ва мутобикшави ва ташкили шароит барои васеъ кардани базаи дохилии андухт ва пасандоз чалби сармояи хусусии хоричи ва кисман бо ба маблаг таъмин намудани амалиёт оид ба аз нав ташкил кардани карзхо дар назар дошта шудааст.

**6.** Интегратсияи иқтисодии байналхалкӣин натичаи конунии байналмилалишавии хаёти хочаги дар доираи (худуди) гурухи давлатхо мебошад. Хамчун ходисаи нисбатан нав дар робитахои хочагии чахони вай

ташкили идорахои минтакавии байнимилли ва фавкулмиллии танзими муносибатхои иктисодии мамлакатхои ба иттиходияхои интегратсиони шомилшударо дар назар дорад.

Хаминтавр, интегратсияииктисодиибайналхалки - иншаклинавиалокаи (робитахои) мутакобилииктисодиётимиллидархудудииттиходияхоиминтакавииинтегратсионимебошад.

**Дар назарияи иктисодиёти байналхалки панч зина ё мархалахои пай дар паи инкишофи равандхои интегратсиони фарк карда мешавад:**

**- минтакаи озоди тичорат**

**- иттифоки гумруки**

**- бозори ягона ё умуми**

**- иттифоки иктисоди**

**- иттифоки иктисоди ва асъори (пардохти).**

Ташкилотхои интеграциони дар чахон инхоянд:НАФТА – Минтакаи тичорати озоди Америкаи Шимоли, СЕФТА- Минтакаи тичорати озоди Аврупои Маркази, МЕРКОСУР, АСЕАН, Иттифоки Аврупо, СНГ, ЕВРАЗЭС, ЦАС, Созмони Шанхай/

**Адабиёт:**

1. Бабурина, О. Н. Мировая экономика и международные экономические отношения : учебник / О.Н. Бабурина. – Москва : ИНФРА-М, 2021. – 275 с.
2. Васильева, Т. Н. Мировая экономика : конспект лекций / Т. Н. Васильева, Л. В. Васильев. – 4 -е изд., стер. – Москва : ФЛИНТА, 2021. – 161 с.
3. Дерен, В. И. Мировая экономика и международные экономические отношения : учебник и практикум для вузов / В. И. Дерен. – 2-е изд., испр. и доп. – Москва : Издательство Юрайт, 2021. – 588 с.
4. Заволокина, Л. И. Мировая экономика : учебное пособие для вузов / Л. И. Заволокина, Н. А. Диесперова. – Москва : Издательство Юрайт, 2021. – 182 с.

5. Кузнецова, Г. В. Россия в системе международных экономических отношений : учебник и практикум для вузов / Г. В. Кузнецова. – 2-е изд., перераб. и доп. – Москва : Издательство Юрайт, 2021. – 393 с.
6. Ломакин, В.К. Мировая экономика: учебник для студентов вузов, обучающихся по экономическим специальностям и направлениям / В.К. Ломакин. – 5-е изд., перераб. и доп. – М. : ЮНИТИ-ДАНА, 2019. – 687 с.
7. Любецкий, В. В. Мировая экономика и международные экономические отношения : учебник / В.В. Любецкий. – М. : Инфра-М, 2019. – 350 с.
8. Международные экономические отношения в глобальной экономике : учебник для вузов / И. Н. Платонова [и др.] ; под общей редакцией И. Н. Платоновой. – Москва : Издательство Юрайт, 2021. – 528 с.
9. Международные экономические отношения. Активные методы обучения: Уч. пос. / Л. В. Новокшонова, М. Л. Горбунова, Т. С. Морозова и др.; Под ред. Л. В. Новокшоновой – М.: Магистр: НИЦ Инфра-М, 2019. – 128 с.
10. Мировая экономика в 2 ч. Часть 1 : учебник для вузов / Б. М. Смитиенко [и др.] ; под редакцией Б. М. Смитиенко, Н. В. Лукьянович. – 4-е изд., перераб. и доп. – Москва : Издательство Юрайт, 2021. – 216 с.
11. Мировая экономика в 2 ч. Часть 2 : учебник для вузов / Б. М. Смитиенко [и др.] ; под редакцией Б. М. Смитиенко, Н. В. Лукьянович. – 4-е изд., перераб. и доп. – Москва : Издательство Юрайт, 2021. – 236 с.
12. Мировая экономика в 2 ч. Часть 1. : учебник для вузов / Р. И. Хасбулатов [и др.] ; под редакцией Р. И. Хасбулатова. – 2-е изд., перераб. и доп. – Москва : Издательство Юрайт, 2021. – 689 с.

**Тестхо оиди мавзуи 4.**

**1. Ҳуҷҷати асосии инъикоскунандаи татбиқи шаклҳои МИБ чӣ ба ҳисоб меравад?** A) буҷети давлатӣ; B) баланси тиҷоратӣ; C) баланси пардохт; D) декларатсияи хуруҷ; E) шартномаҳоиҳукуматӣ.

**2. Танзими давлатии тиҷорати байналхалқӣчи гунашуда метавонад?** A) Яктарафа, дутарафа ва бисёртарафа; B) Давлатӣ ва ғайридавлатӣ; C)

Гуфтушунидӣ ва назоратӣ; D) Тафтишотӣ ва муоинавӣ; E) Ҳамаи ҷавобҳо нодуруст.

**3. Тиҷорати байналхалқӣ ҳамчун шакли МИБ чиро ифода менамояд?** A) Маҷмӯи амалиёт оиди хариду фурӯши танҳо мол дар байни мамлакатҳои ҷаҳон; B) Маҷмӯи муносибатҳои иқтисодӣ дар байни мамлакатҳои ҷаҳон тавассути мубодилаи молҳо ва хадамот (маҷмӯи содироту воридот); C) Мубодилаи ашёи хому молҳои истеъмолии халқ; D) Тақсимоти байналхалқии меҳнат ва мубодилаи ашёи хому молҳои истеъмолии халқ; E) Муносибатҳои молию пули ҷаҳонӣ ва ҳаҷми содироту воридоти маҳсулоти кишоварзию асъори миллии мамлакати дунё;

**4. Объекти омӯзиши фанни иқтисодиёти ҷаҳон кадом аст?** A) Муносибатҳои иқтисодии байни корхонаҳо ва муносибатҳои дохили мамлакатҳо; B) Танҳо тиҷорати байналхалқӣ; C) Хоҷагии ҷаҳонӣ ва муносибатҳои иқтисодии байни давлатҳо; D) Ширкатҳои фаромилалӣ;
E) Созмонҳои байналхалқӣ.

**5. Субъектони хоҷагии ҷаҳонӣ ин?** A) шаҳрвандони алоҳида, корхонаҳо, бонкҳо, сохторҳои давлатӣ, ШФМ, ташкилотҳои байналхалқӣ; B) ассотсиятсияҳо ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ; корхонаҳо, бонкҳо, сохторҳои давлатӣ, ШФМ; C) асъор, пули миллӣ ва қурби асъор; D) Инветитсияҳои хориҷӣ; E) Бонкҳои тичорати.

**6. Субъектони хоҷагии ҷаҳонӣ ин?** A) шаҳрвандони алоҳида, корхонаҳо, бонкҳо, сохторҳои давлатӣ, ШФМ, ташкилотҳои байналхалқӣ; B) ассотсиятсияҳо ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ; корхонаҳо, бонкҳо, сохторҳои давлатӣ, ШФМ; C) асъор, пули миллӣ ва қурби асъор; D) Инветитсияҳои хориҷӣ; E) Бонкҳои тичорати.

**7. Кадоме аз ин мафҳумҳо моҳияти ММД-ро мефаҳмонад?** A) Ин ҳаҷми умумии маҳсулоти истеҳсолшуда дар мамлакат; B) Ин ҳаҷми умумии содирот дар ҷаҳон; C) Ин арзиши маҷмӯи маҳсулоти ниҳоии соҳаҳои истеҳсолоти моддӣ ва хадамот дар мамлакати алоҳида; D) Ин ҳаҷми

умумии хадамоти истеҳсолшуда дар мамлакат; E) Ин ҳаҷми умумии воридот дар ҷаҳон.

**8. Кадоме аз ин мафҳумҳо моҳияти ММД-ро мефаҳмонад?** A) Ин ҳаҷми умумии маҳсулоти истеҳсолшуда дар мамлакат; B) Ин ҳаҷми умумии содирот дар ҷаҳон; C) Ин арзиши маҷмӯи маҳсулоти ниҳоии соҳаҳои истеҳсолоти моддӣ ва хадамот дар мамлакати алоҳида; D) Ин ҳаҷми умумии хадамоти истеҳсолшуда дар мамлакат; E) Ин ҳаҷми умумии воридот дар ҷаҳон.

**9. Сабабҳои ҳаракати сармоя?** A) Барзиёд будани сармоя дар як мамлакат ва камчин будани будани он дар дигар мамлакат; B) Барзиёд шудани пул дар амалиёт; C) Сармоя ба давлате ҳаракат мекунад, ки дар он ҷо фоидаи зиёдтар гирифтан мумкин нест; D) Офати табиӣ; E) Барзиёд шудани истеҳсоли гандум.

## МАВЗӮИ №5

### *Иктисодиёти рушди устувор*

**Иктисодиёти рушди устувор** – ин иктисодест, ки сатхи баланди хаёти ахолиро дар асоси механизми ракобатноки ташкили хочагии чамъияти, ташаккули баробархукуки шаклхои гуногуни моликият, озодии иктисоди ва сиёсии шахсият таъмин мекунад.

Барои мамлакатхои дорои иктисодиёти рушди устувор аломатхои зерин характернок аст:

- иктисоди омехта, вале бо бартарияти моликияти хусуси;
- истехсол ва таксими молхо ва хизматхо дар асоси механизми бозори;
- сатхи баланди маблаггузории даромадхо ба истехсолот, тадкикоти илми, тахияи маводи тачрибавию конструктори ва сохаи маориф.

Тачрибаи тараккиёти чахониро тахлил карда, як катор моделхои шартии иктисодиёти рушдро чудо кардан мумкин аст:

**Модели либералӣ**. Модели дар ШМА истифода шудаистода, ки асоси онро афзалияти моликияти хусуси назар ба давлати ва бартарияти карорхои хусуси дар доираи истехсолот, маблаггузори, фуруш, истифодаи

кувваи кори ташкил медихад. Хусусиятхои асосии характерноки ин модел иборатанд аз:

-механизми хуби иктисодие, ки кодир аст ба зуди ба тагйирёбии вазъи бозор чавобгу бошад;

-фаъолнокии баланди сохибкори, ки ба навовари нигаронида шудааст;

- мустакилияти шахсии фард.

Ин модел дар шароити сатхи баланди тараккиёти куввахои истехсолкунанда, имконоти бисёри бозорхои дохили ва хоричи, сатхи баланди зиндагии ахоли ва сатхи баланди иктисоди озод амал мекунад.

**Модели ичтимоию бозорӣ**. Моделе, ки дар мамлакатхои Европаи Гарби, махсусан дар Германия, Шветсия, Фаронса, Австрия ва г. мавриди истифода аст. Ин модел дар заминаи чустучуи консенсуси ичтимоии асос меёбад, ки ба натичахои баланди истехсолот ноил шуданро дар холати нигох доштани мувозинати манфиатхои мехнат ва сармоя ва якчоя баркарор кардани афзалиятхо дар иктисодиёт таъмин мекунад. Хусусиятхои асосии ба худ хоси ин модел чунинанд:

- дарачаи баланди фаъолнокии иктисодии давлат;
- системаи муктадири таъминоти ичтимоии;
- сатхи баланди мутобикати карорхои иктисоди дар худуди иттиходи иктисодии минтакави.

Ин модел дар шароити сатхи баланди тараккиёти куввахои истехсолкунанда, зиёдшавии имконоти бозори дохили аз хисоби кушишхои интегратсионии давлатхои гуногун, сатхи баланди зиндагии ахоли, ки аз тарафи сиёсати тавонои ичтимоии хукумат дастгири карда мешавад, амал мекунад.

**Модели корпоративӣ**. Моделе, ки дар Япония истифода мешавад ва танзимкунии истифодаи захирахо, иштироки давлатро дар таъмин кардани фаъолнокии сохибкори дар мамлакат ифода мекунад.

Сифатхои асосии ин модел аз инхо иборат аст:

- таъсири мутакобили самараноки мехнат, сармоя ва давлат барои ноил шудан ба максадхои умумии милли.

- истифодаи системаи хамкории ичтимои ва «муносибатхои инсони» дар истехсолот;
- истифодаи фаъолонаи манобеъи инсони дар таъмини рушди иктисоди.

## *Мавзуи 5.1.Иктисодиёти ИМА*

**1.Хусусиятхои асосии иктисодиёти ИМА**
**2. Иктидори илмию техники хамчун омили рушди иктисоди**
**3.Робитахои иктисодии хоричии ИМА**

**1.Хусусиятхои асосии иктисодиёти ИМА** Сатхи муосири тараккиёти иктисодиёти ИМА натичаи тараккиёти дурударози таърихист. ИМА иктисодиёти бенихоят диверсификатсия кардашударо бо сатхи баланди худтаъминкуни маводи хом дорад, каъри замини он аз сарчашмахои калони захирахои минерали: нафт, гази табии, ангиштсанг, металлхои ранга ва киматбахо бой аст.

ИМА - мамлакати тараккикардаи хочагии чахони, яке аз давлатхои бузург аз назари масохат ва ахоли мебошад. Масохати мамлакат наздик ба 9,5 млн. км.кв. буда, дар он зиёда аз 329, 5 млн. нафар одамон (1,7% -и ахолии чахон) зиндаги мекунанд, ММД-22 ,9 трлн. $ дар соли 2022 буда, ба сари аҳолӣ- 69,375 $-ро ташкил намуд.. Қарзи беруниаш 30, 1 трлн. $, ки 131%- и ММД-ро ташкил медиҳад. Мувофики хачми хочагии худ ШМА аз дигар мамлакатхои тараккикардаи чахон хеле дар пеш меистад. Дар нимаи солхои 90-уми асри XX хиссаи ШМА 21% махсулоти умумии чахонии дар асоси кобилияти харидории доллар хисобкардашударо, яъне 7,4 - 8 трлн. долларро ташкил карда буд., ки ин нишондиханда ба хар як сари ахолии ИМА то 23 хазор доллар мерасад (холо он ки дар Чопон 20 хаз.долл., дар Англия – 12 хаз.$, дар ЧТ – 180-200 $). Чараёнхои иктисодии дар мамлакат бавучудоянда ба иктисодиёти чахон, умуман, ва сохтори мубодилаи иктисодии байналхалки, аз чумла, таъсири зиёд мерасонад. Саноати ИМА такрибан аз се як хиссаи тамоми ашхи хоми истихрочи

чахонро истеъмол мекунад, ба хиссаи бозори мошинхо ва лавозимот зиёда аз 40% махсулоти мошинсозии дар мамлакатхои мутаракки фурухташаванда рост меояд. Дар сохтори муосири ММД ИМА хиссаи адои хизматхо афзалият дорад – 60%, истехсоли махсулоти модди ва махсулоти хочагии кишлок бошад, мутаносибан 37% ва 2,5%-ро ташкил мекунад. Дар ИМА дарачаи болоравии нарххо хамаги 2,3 % дар як сол,, дарачаи бекори бошад 4,5-5% мебошад.

Тараккиёти давраи баъдичангии ИМА хамчун иктисодиёти рушди устувор бо сустшавии суръат, вале босуботи истехсоли ММД тавсиф дода мешавад

**Суръати афзоиши ММД ИМА**

| Солхо | Тагйирёбии ММД |
|---|---|
| Солхои 1948-1953 | 5,38% |
| Солхои 1960-1969 | 4,33% |
| Солхои 1980-1990 | 2,75% |
| Солхои 1990-1998 | 3,43% |
| Солхои 2000-2013 | 3,1% |
| Солхои 2015-2021 | 2,8%- 3,6% |

Сабабхои асосии рушди иктисодиёти муосири ИМА иборатанд аз:

Якум, аз байн рафтани мукобилати байни ИЧШС (СССР) ва ИМА, нест шудани мукобилати чахонии ярокнокшавии харби. Технологияи оли ба истехсолоти шахрванди нигаронида шуд. Дастовардхои марказхо ва озмоишгоххои харбии тадкикоти ба бизнес дастрас гардиданд. Наздик 100 базахои бузурги харби нолозим шуда, бисёре аз онхо нобуд карда шуданд.

Иёлоти Муттахида баъди анчомёбии «чанги сард» бомуваффакият масоили кам кардани кувваи харби ва конверсияи саноати харбиро бидуни рох додан ба пастравии истехсолот ва афзоиши бекори, чи хеле ки ин баъди чанги якум ва дуюми чахони чой дошта буд, хал намуданд. Пулчудокуни ба максадхои харби дар соли 1996 хамаги 16,9% бучаи федерали ва 3,6% ММД ташкил кард. Касри бучет аз 4,7% ММД дар соли 1992 то 0,3% дар соли 1997 кам шуда, дар соли 1999 мувозинати бучаи

давлати мусбат гардид (наздик +130 млрд.долл.). Харочоти хукумати ИМА барои максадхои ичтимои назар ба харби такрибан 3 маротиба зиёд гардид. Дар соли 1994 харочоти вазорати тандурусти ва таъминоти ичтимои бори аввал аз бучаи Пентагон зиёд шуд.

Дар нимаи аввали солхои 90-уми асри XX Пентагон амалан аз азнавсози ва хариди техникаи харбии дар солхои 80-ум ба накша гирифташуда даст кашид. Ба чои ин кушиш барои коркарди яроку аслиёаи насли панчум ва шашум равона карда шудааст, ки дар дахсолаи кунуни огоз меёбад ва ба куввахои мусаллахи ШМА пешравии сифатан навро назар ба хамаи дигар мамлакатхо дар нимаи авали асри XXI таъмин мекунад.

Дуюм, ИМА тавонист пеш аз ракибони худ сохтори иктисодиётро аз нав таи солхои 80—90-уми асри XX такмил созад. Имруз асоси хочагии мамлакатро сохахои муосири технологияи олидоштаи истехсоли молхо ва хадамот ташкил мекунад. Таъсири мустакими давлат ба тараккиёти хочаги хеле кам шуда буд ва дар натичаи ин дар солхои 1990-1997 харочоти давлат 1,7 фоизи рушди иктисодиро таъмин кард, дар холате ки дар солхои 1982-1990 ин нишондиханда ба 15,7% баробар буд. Имруз 55 фоизи тамоми ахолии ба кор машгулбуда дар чойхое кор мекунанд, ки баъди солхои 80-ум дар сектори хусуси ташкил карда шудаанд.

Накши тавлидгари асосиро дар ташкили чойхои нави кори дар ИМА бизнеси хурд ичро намуд. Дар солхои 80-ум 1,5 млн. ширкатхои хурд, дар солхои 90-ум бошад, боз бештар 1,8 млн. ба миён омаданд. Камшавии андозаи миёнаи корхонахо яке аз самтхои дохилии бозсозии иктисодиёти Америка мебошад.

Сеюм, бартараф кардани касри буча ба он овард, ки хукумати федерали минбаъд хар сол то 60% захирахои бозори миллии кредитро карз намегирад ва ин маблаг барои сармоягузори дар хочагии милли озодона истифода мешавад.

Чорум, дар сектори молия дигаргунихои мухими сохтори ба вучуд омаданд. Институтхои молиявии анъанави (бонкхои бузург ва ширкатхои

сугуртави) кисми асосии накши худро дар чараёни сармоягузори ба фондхои муштарак (коллективи), идоракунандахои сармоягузор, фондхои хечи, васила (bridge) ва имконоти (opportunity), фондхои сармояхои рискнок ва гайра вогузор карданд. Масалан, маблаггузории дарозмуддат дар солхои охир ба сармояи рискнок дар ШМА 15 млрд. долларро харсол ташкил мекунад, яъне дар мачмуъ назар ба дигар мамлакатхои чахон якчанд маротиба зиёд мебошад.

Панчум, дар солхои 70-80-ум ба ракобати шадид дар бозорхои дохили ва чахони дучор шуда, америкоиён идораи ширкатхоро (корпоратсияхоро) комилан такмил доданд. Тибки нишондоди «Институти ИМА ва Канадаи АИ Россия» ИМА хар сол барои таълими корчаллони ва аз нав омузонидани кормандон такрибан дар хачми 100 млрд. доллар маблаггузори мекунад. Ба ин омузонидани менечерхо оиди истифодаи усулхо ва технологияхои нав, ноил шудан ба баланд бардоштани назорат аз болои сифат, чори кардани системахои пешкадами иттилооти шомил мешавад. Умуман, онхо бояд аз ухдаи пурратар, саривакт ва ба таври оперативи мувофикнамоии сиёсати истехсолию нархи ва таъминоти моддию техники дар шароити доимо тагйирёфтаистодаи бозор баромада тавонанд.

Дар солхои 80-90-ум ба ширкатхои америкои 40% хамаи сармоягузории чахонии барои бо компютер таъмин кардан рост омада буд; онхо барои технологияхои иттилооти ба хисоби як нафар ахоли ду маротиба зиёдтар назар ба ширкатхои европои ва ба хисоби миёна хашт маротиба зиёдтар назар ба хамаи мамлакатхои чахон харочот намуданд. Имруз микдори компютерхо ба хисоби як нафар шуглдор дар ВМА наздик шаш маротиба зиёдтар назар ба Европаи Гарби ё ин ки Япония мебошад.

Натичахои тадкикоти солхои охири European Telework Development (ETD) дар хусуси боз хам зиёдтар пеш рафтани ИМА аз Европаи Гарби дар тараккиёти технологияхои иттилооти шаходат медихад. Масалан, агар дар Европаи Гарби факат 55 компютерхои шахси (персонали) ба 100

хизматчи рост ояд, дар ИМА ин нишондиханда 105 ададро ташкил медихад, махсусан ахолии ИМА зиёда аз 4,5% МММ–ро барои тараккиёти технологияхои иттилооти сармоягузори мекунад, аммо Европа – наздик 2,5%.

Дар шароити байналмилалишавии хаёти хочаги мавкеи ШМА дар хочагии чахони чунин тагйир ёфта истодааст, ки иктисодиёти ИМА аз бартарии мутлак аз болои харифони худ ба хамкории ракобати ва мустахкамшавии вобастагии мутакобилаи шарикони тавоно гузашта истодааст, ки дар байни онхо ИМА мавкеи пешравро дар даст дорад. Дар ИМА кариб 20 млн. корхонаву ширкатхо фаъолият мекунанд, ки 18%- и онхо ширкатхои калонтарини чахон ба хисоб мераванд. Ширкатхои фаромиллалии ШМА истехсоли молхо ва хизматхоро дар хачми 3 трлн. долл. таъмин мекунанд ва ба дигар мамлакатхо таъсири хеле калон мерасонанд. Филиалхои ин ширкатхо дар хорича чойгри шуда иктисодиёти дуюми ИМА-ро ташкил медиханд ва 4-%-и МММ-и ИМА-ро истехсол менамоянд. Байни онхо чунин ширкатхо ба монанди, IBM, Эксон, Интел, Ченерал эелектрикс, Ченерал моторс, Майкрософт ва гайра машхур мебошанд. IBM масалан, кариб 50%-и истехсоли компютерхои чахонро ташкил намуда фоидаи солонааш зиёда аз 4 млрд. доллар мебошад.

**2. Иктидори илмию техники хамчун омили рушди иктисоди**

Хусусияти иктисодиёти муосири ИМА на факат аз он иборат аст, ки вай дар чахон аз хама зиёдтар иктидори истехсоли дорад, ва инчунин дар он ифода меёбад, ки вай дар сохаи пешрафти илмию техники, яъне дар чори кардани натичахои он дар истехсолот, дар содироти литсензияхо ба ихтироот, кашфиёт ва тахияи васоили навтарин низ пешсаф мебошад. Ба ИМА 40 фоизи харочоти чахони оиди корхои илмию тадкикоти ва тачрибавию конструктори (КИТТК) рост меояд ва дар хачми умумии содироти махсулоти илмталаб хиссаи ИМА на кам аз 20 фоизро ташкил мекунад.

Омили асосии муосири болоравии иктисодиёти ШМА тараккиёти босуръати технологияхои иттилооти мебошад. Суръати афзоиши истехсоли компютерхо, тахияву таъмини барномахо ва воситахои алока дар Америка якчанд маротиба умуман аз рушди иктисодиёти ин кишвар пеш гузаштааст. Дар соли 1996 хиссаи факат технологияхои иттилооти 33% афзоиши ММД–ро ташкил кард. Ширкатхои ШМА дар чахон оид ба истехсоли самолётхо, дастгоххои кайхони, компютерхо ва таъминоти барномавии онхо, нимнокилхо ва схемахои навтарини интеграли, техникаи лазери, воситахои алока ва биотехнологияхо бидуни шак чои аввалро ишгол мекунанд. Аз руи маълумоти Фонди илмии милли дар давраи солхои 1953-1958 ШМА 80%, дар солхои 1959-1964-67% ва дар солхои 1965-1973 – 57 фоизи хамаи дастовардхои илмию техникии мамлакатхои мутараккиро таъмин кардааст.

Аз руи сатхи тайёр кардани кадрхои коргари, кормандони инженерию техники ва менечерхо ШМА пешсафии худро дар чахон нигох дошта истодааст. Шумораи умумии кормандони илми дар солхои 90-ум зиёда аз 3 млн. нафарро ташкил мекунад, вазни хоси олимон ва мухандисон дар таркиби мачмуи кувваи кори дар чахон аз хама баланд аст: ба 10 хазор нафар шахсони шуглдор 280 нафар олимон ва мухандисон (дар Япония-240, дар Германия-210, дар Фаронса-165) мувофик меояд. Давомнокии миёнаи маълумотгирии кормандон 14 солро ташкил мекунад.

Сармоягузори ба «иктидори инсони» дар ШМА назар ба сармоягузории истехсоли бо суръати нисбатан баландтар афзуда истодааст. Дар соли 1990 харочоти умуми ба маориф, тандурусти ва таъминоти ичтимои аз сармоягузории истехсоли 3 маротиба зиёдтар буд.

**Таносуби сармоягузори ба «иктидори инсонӣ» ва сармоягузории истехсолӣ дар ИМА (харочоти ичтимои бо % ба сармоягузории истехсоли)**

| Сохахо | 1970 | 1980 | 1985 | 1990 |
|---|---|---|---|---|

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Маориф | 50 | 42 | 45 | 55 |
| Тандурусти | 54 | 63 | 76 | 101 |
| Таъминоти ичтимои | 90 | 107 | 123 | 162 |
| **Хамаги** | **194** | **212** | **244** | |

**Манбаъ:** Марсинкевич В., Соболева И. Экономика человека. М., Аспект пресс, 1995 С.47.

Дар ИМА бозори мустакили иттилооти илмию техники дар намуди «бонки литсензияхо»-и як катор ширкатхои америкои ташаккул ёфта, фаъолият карда истодааст. Дар замони хозира дар ИМА 75% бонки маълумот оид ба иттилоот илмию техникии дар мамлакатхои мутаракки чойдошта чамъ оварда шудааст. Дар Европаи Гарби чунин бонки маълумотро «Ассотсиатсияи европоии тахвили технологияхо, навоварихо ва махсулоти саноати», дар Япония-маркази мубодилаи технологияхо дар минтакаи Осихи Чануби Шарки ташкил мекунад.

Иктидори азими илмию техникии ИМА хамчун омили мухим дар муборизаи ракобати ширкатхои америкои дар бозорхои дохили ва хоричи баромад мекунад.

**3. Робитахои иктисодии хоричии ИМА.** ИМА дар чахон аз чихати содирот ва воридот низ чои аввалро ишгол мекунад. Гардиши тичорати хоричии ин мамлакат дар як сол ба хисоби миёна 1,3- 1,4 трлн. ташкил медихад. Баланси тичорати берунаи ИМА гайрифаъол аст. Махсулоти асосиии содиротии ИМА махсулоти илмталаб мебошад. Дар сохтори содироти ИМА махсулоти зерини тайёри саноати дар чои аввал меистанд:

-махсулоти саноати кимиё- хар сол ба хисоби миёна 45-50 млрд. доллар ;

-компютерхо- кариб 40 млрд. долл.;

-махсулоти саноати барк- 30-35 млрд.долл.;

-автомоблу хавопаймохо- кариб 30 млрд.долл.

Инчунин ИМА дар бозори чахонии хадамот хиссаи зиёд дорад. Ширкатхои ин давлат ¾ хиссаи бозори чахонии тахияву таъминоти

барномахои компюиериро ташкил медиханд. Ба гайр аз ин ширкатхои ИМА дар содироти лицензияхо ба ихтироот, кашфиёт ва тахияи воситахои навтарин низ пешсаф мебошанд.

Дар сохтори воридоти ИМА хиссаи молхои саноати электороника, пойафзол- 80%, дастгоххои металкоркуни ва нефт- 5-%, металхои сиёх ва маснуоти саноати бофандаги-20% зиёд мебошад.

Хамкори асоси ва харифи тичоратии ИМА Чопон ба хисоб меравад, ки кариб 15%- содирот ва 20%-и воридоти ШМА ба Чопон рост меояд. Аз хамин хисоб карзи берунаи ИМА ба Чопон дар солхои охир афзуда истодааст. Карзи берунаи ИМА инчунин аз хисоби сармоягузорихои хоричии дигар давлатхо меафзояд. Агар ШМА хар сол 200 млрд. долл. сармоягузори кунад, дигар давлатхо ба ШМА 280 млрд. долларро сармоягузори мекунанд. Сармоягузорони асоси ба иктисодиёти ИМА Чопон, мамлакатхои ИА ва Канада ба хисоб мераванд. Дар иктисодиёти ИМА хиссаи сармоягузорихои мустаким назар ба сармоягузорихои портфели зиёд аст. Умуман, барои сармоягузорони хоричиИМА асосан бо иктисодиёти устувор ва тараккикарда, фоиданокии баланди маблаггузори, мустахкам будани мавкеи асъори он, ки хамчун захираи асоси ва воситаи хисоббаробаркуни дар системаи чахонии асъор баромад мекунад, диккатчалбкунанда мебошад.

**Адабиёт:**

1. Мировая экономика и международные экономические отношения. Полный курс: учебник / Под ред. А.С.Булатова. — Мосва: КНОРУС, 2017. – 916 с.

2. Сухарев, О. С. Институциональная экономика: учебник и практикум для вузов / О. С. Сухарев. — 3-е изд. — Москва: Издательство Юрайт, 2021. — 463 с.

3. Международные финансы: учебник и практикум для вузов / Ответственный редактор В. Д. Миловидов, К. Е. Мануйлов. – 2-е изд. – Москва: Издательство Юрайт, 2020. — 516 с.

4. Хасбулатов Р. И. Международные корпорации в мировой экономике. Учебник. — М.: Юрайт. 2020. – 396 с.

5. Макроэкономика: учебник для бакалавриата и специалитета / Под редакцией С. Ф. Серегиной. — 3-е изд. — Москва: Издательство Юрайт, 2019. — 527 с.
6. Международные экономические организации. Учебник / Под редакцией С. Н. Сильвестрова. – Москва: Издательство Юрайт, 2017. — 245 с.
7. Экономический рост в странах Востока: тенденции, неравномерность, неравенство социального развития. Коллективная монография в 2-х книгах / Ответственный редактор И. В. Дерюгина. – Москва: ИВ РАН, 2020. – 280 с., 288 с.
8. Новая система производительных сил и страны Востока. Коллективная монография/ Ответственный редактор А. В. Акимов, С. А. Панарин. – Москва: ИВ РАН, 2019. – 276 с. 9. Экономика стран Юго-Восточной Азии. Учебник / Под редакцией Мазырина В. М. Москва: АНО «Наука», 2020. – 424 с.
10. Арабский Восток: «зеленый» рост и вызовы современности. Труды Института востоковедения РАН. Вып.: 22 / Ответственный редактор А. О. Филоник. Москва: ИВ РАН, 2019. – 404 с.
11. Акимов А. В., Яковлев А. И. Общество и технологии в XXI веке: прогнозы и управление развитием в странах Востока и Запада. Москва, 2020. – 400 с.
12. Цветкова Н. Н. ТНК в странах Востока: 2000–2010 гг. М.: ИВ РАН, 2011. – 295 с
. 13. Цветкова Н. Н. Информационно-коммуникационные технологии в странах Востока: производство товаров ИКТ и ИТ-услуг. Москва: Издатель Воробьев А. В., 2016. – 226 с. 14. A Practical Guide to Trade Policy Analysis / WTO Publications, 2012 // https://www.wto.org/english/res_e/publications_e/wto_unctad12_e.pdf
15. World Trade Report. Government policies to promote innovation in the digital age / WTO, 2020. – 207 с.

**Тестхо оиди мавзуи 5., /5.1.**

1. **Аз рӯи нишондиҳандаҳои тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ мамлакатҳои ҷаҳонро ба кадом гурӯҳҳо тақсим мешаванд?** A) Мамлакатҳои тараққикарда, ру ба инкишоф, дар сохти гузариш; B) Мамлакатҳои сеюми ҷаҳон, рӯ ба инкишоф, дар сохти гузариш; C) Мамлакатҳои тараққикарда, нави саноатӣ, рӯбараққӣ; D) Мамлакатҳои тараққикарда, ру ба инкишоф,

сотсиалистӣ; E) Мамлакатҳои тараққикарда, дар сохти гузариш, давлатҳои феодалӣ.

2. **Низоми иқтисодиёти ҷаҳонӣ кадом элементҳоро дар бар мегирад?** A) Иқтисодиётҳои миллӣ, гурӯҳҳои ҳамгирой, ширкатҳои фаромиллалӣ, созмонҳои байналмиллалӣ, сохторхои давлатӣ; B) Мамлакатҳои тараққикарда, мамлакатҳои нави саноатӣ, мамлакатҳои ру ба инкишоф, мамлакатҳои давраи гузариш; C) Хоҷагии қишлоқ, соҳаи саноат, саноати коркард, саноати истихроҷ, фирмахои миллӣ; D) Хоҷагии қишлоқ, соҳаи саноат, саноати коркард, мамлакатҳои нави саноатӣ; E) Мамлакатҳои нави саноатӣ, созмонҳои байналмиллалӣ;
3. **Заминахои асосии пайдоиш ва ташаккули иктисодиёти ҷахон чӣ ба шумор меравад?** A) савдои байналхалқӣ; B) муносибатҳои байналхалқӣ; C) тақсимоти байналхалқии меҳнат; D) ширкатҳои фаромиллалӣ; E) бозори ҷаҳонӣ;
4. **Ба ҳайси омилҳои истеҳсолот дар хоҷагии ҷаҳон кадом шаклҳои муносибатҳои байналхалқии истеҳсолӣ баромад мекунанд?** A) Тақсимоти байналмилалии меҳнат; B) Бозори ҷаҳонӣ; C) танзими гумгукӣ; D) биржа ва кори биржавӣ; E) Ҳамаи ҷавобҳо нодуруст.
5. **Кадоме аз ин нишондиҳандаҳо ба низоми ҳисобҳои миллӣ дохил мешавад?**A) Воридот; B) Содирот; C) Содирот ва воридот; D) Гардиши тиҷорати беруна; E) ММД.
6. **Заминахои асосии пайдоиш ва ташаккули иктисодиёти ҷахон чӣ ба шумор меравад?** A) савдои байналхалқӣ; B) муносибатҳои байналхалқӣ; C) тақсимоти байналхалқии меҳнат; D) ширкатҳои фаромиллалӣ; E) бозори ҷаҳонӣ;
7. **Ба ҳайси омилҳои истеҳсолот дар хоҷагии ҷаҳон кадом шаклҳои муносибатҳои байналхалқии истеҳсолӣ баромад мекунанд?** A) Тақсимоти байналмилалии меҳнат; B) Бозори ҷаҳонӣ; C) танзими гумгукӣ; D) биржа ва кори биржавӣ; E) Ҳамаи ҷавобҳо нодуруст.

8. **Кадоме аз ин нишондиҳандаҳо ба низоми ҳисобҳои миллӣ дохил мешавад?** A) Воридот; B) Содирот; C) Содирот ва воридот; D) Гардиши тиҷорати беруна; E) ММД.
9. **Заминахои асосии пайдоиш ва ташаккули иктисодиёти ҷахон чӣ ба шумор меравад?** A) савдои байналхалқӣ; B) муносибатҳои байналхалқӣ; C) тақсимоти байналхалқии меҳнат; D) ширкатҳои фаромиллалӣ; E) бозори ҷаҳонӣ
10. **Ба ҳайси омилҳои истеҳсолот дар хоҷагии ҷаҳон кадом шаклҳои муносибатҳои байналхалқии истеҳсолӣ баромад мекунанд?** A) Тақсимоти байналмилалии меҳнат; B) Бозори ҷаҳонӣ; C) танзими гумрукӣ; D) биржа ва кори биржавӣ; E) Ҳамаи ҷавобҳо нодуруст.

## МАВЗӮИ № 5.2.
## Иктисодиёти Иттифоки Аврупо (ИА)

1. **Хусусиятхо ва мархилахои асосии интегратсияи иктисодии мамлакатхои Аврупои Гарби.**
2. **Хиссаи мамлакатхои ИА дар иктисодиёти чахон**
3. **Иттифоки Аврупо дар системаи робитахои хочагии чахони**

### 1.Хусусиятхо ва мархилахои асосии интегратсияи иктисодии мамлакатхои Аврупои Ғарбӣ

Ба тараккиёти иктисодии мамлакатхои Аврупои муосир чараёнхои интегратсионие, ки дар сатхи байнидавлати ба вукуъ меоянд, таъсири халкунанда расонида истодаанд. Дар Аврупои Гарби ягона гурухи иктисодие ташаккул ёфта фаъолият мекунад, ки ба интегратсияи пурраи мамлакатхои он асос ёфта, механизми ягонаи танзимкунии фаъолияти хочаги, конститутсияи ягона, конунгузории ба як шакл даровардашуда дар сохаи ичтимоиёт ва тичорат дорад.

То 1-уми ноябри соли 1993 ин гурухи мамлакатхои Аврупои Гарби Иттиходи Аврупо ном гирифта буд. Вай дар соли 1967 баъд аз якчояшавии идорахои се созмони мустакили минтакавии пештар вучуддоштаи зер ба вучуд омадааст:

1.Иттиходияи европоии ангишт ва охан-ИААО (с.1952).

2.Иттиходи иктисодии Аврупо –ИИА (с.1958).

3.Иттиходи Аврупо оид ба барки атоми-Евратом (с.1958).

Аз 1-уми ноябри соли 1993 баъд аз кабули созишномаи Маастрихт ин гурух расман Иттифоки Аврупо (ИА) ном гирифт.

| **Иттифоки Аврупо –ИА (European Union –EU)** |
|---|
| Дар асоси Шартномаи оид ба Иттифоки Аврупо, ки соли 1992 дар Маастрихт (Нидерландия) аз тарафи сарони давлатхо ва хукуматхо-аъзои Иттиходи Аврупо ба имзо расида буд, созмон дода шудааст. Ин Шартнома аз 1 ноябри соли 1993 амал мекунад. Аз ин ба пас муносибати байни мамлакатхои аъзои ИА на ба шартнома оид ба таъсиси Иттиходи иктисодии европои соли 1957 (Шартномаи Рим), балки дар асоси Шартнома оид ба Иттифоки Аврупо (минбаъд Шартнома) ба амал бароварда мешавад. Мувофики ин Шартнома иттифоки сиёси ва иктисодИА таъсис дода шуд, ки амали сохтани сиёсати умумии иктисоди, сиёси ва хоричи, хамчунин сиёсати бехатари ва хамкори дар сохаи ичтимоиро низ дар бар мегирад. Ба Гайр аз ин, мувофики Шартнома, шахрвандии ягонаи европои чори карда шуда, накши парламенти Аврупо баланд бардошта мешавад, хукук ва салохияти идорахои болоимиллии ИА зиёд карда мешавад.<br>ИА сатхи олии интегратсияи иктисоди ва сиёсии европоиро ифода мекунад. 15 давлати зерин чойхои ин иттиходанд: Австрия, Белгия, Британияи Кабир, Германия, Гретсия, Дания, Ирландия, Испания, Италия, Люксембург, Нидерландия, Португалия, Финляндия, Фаронса, Шветсия.<br>Максади Иттифоки Аврупо дар сохаи хамкорихои иктисоди мусоидат кардан дар пешрафти босубот ва устувори иктисоди ва ичтимои мебошад, алалхусус бо рохи баркарор кардани фазои холи аз сархадоти дохили таквияти таъсири тарафайни иктисоди ва ичтимои, созмон додани иттифоки иктисоди ва асъори ва ворид кардани асъори ягонаро дар бар мегирад. |

Тараккиёти иктисодии давраи баъдичангии Аврупои Гарбиро ба панч мархала таксим кардан мумкин аст:

Мархалаи якум (солхои 1945-1957) бо баркарорнамоии хочагихои дар давраи чанг валангоргашта тавсиф дода мешавад. Дар мархалаи дуюм (солхои 1957-1974), ки аз шартномаи Рим огоз меёбад, тамоюли марказшитоби гурухи Аврупои Гарби зохир мешавад. Дар рафти мархалаи сеюм (солхои 1974-1985) Аврупои Гарбиро ду бухрони иктисодии чахони ба ларза овард ва сустшавии чараёнхои интегратсиони ба миён омад. Дар мархалаи чорум (солхои 1985-1992) болоравии дурударози иктисоди, таквияти амики интегратсия ва таёкими мавкеи Аврупои Гарби дар чахон чой дошт. Мархалаи панчум, ки аз соли 1992 ибтидо мегирад, таквияти чорабинихои байнидавлати ва фавкулмиллиро пас аз шартномаи Маастрихт дар сохахои пулию карзи, молияви ва асъори нишон дода истодааст.[i] Аз руи нишондиҳандаҳои **ХБА:**

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Германия | 83 092 962 | 0,23 | 82 905 782 |
| 2 | Франция[2] | 67 248 926 | 0,22 | 67 101 930 |
| 3 | Италия | 59 729 081 | -1,15 | 60 421 760 |
| 4 | Испания | 47 134 837 | 0,72 | 46 797 754 |
| 5 | Польша | 37 965 475 | -0,02 | 37 974 750 |
| 6 | Румыния | 19 371 648 | -0,53 | 19 473 970 |
| 7 | Нидерланды | 17 344 874 | 0,66 | 17 231 624 |
| 8 | Бельгия | 11 488 980 | 0,54 | 11 427 054 |
| 9 | Греция | 10 721 582 | -0,11 | 10 732 882 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 10 | Чехия | 10 671 870 | 0,39 | 10 629 928 |
| 11 | Португалия | 10 286 263 | 0,02 | 10 283 822 |
| 12 | Швеция | 10 278 887 | 1,02 | 10 175 214 |
| 13 | Венгрия | 9 771 141 | -0,05 | 9 775 564 |
| 14 | Австрия | 8 879 920 | 0,45 | 8 840 521 |
| 15 | Болгария | 6 975 761 | -0,70 | 7 025 037 |
| 16 | Дания | 5 814 422 | 0,36 | 5 793 636 |
| 17 | Финляндия | 5 521 606 | 0,11 | 5 515 525 |
| 18 | Словакия | 5 454 147 | 0,14 | 5 446 771 |
| 19 | Ирландия | 4 934 340 | 1,38 | 4 867 316 |
| 20 | Хорватия | 4 067 206 | -0,58 | 4 090 870 |
| 21 | Литва | 2 794 137 | -0,26 | 2 801 453 |
| 22 | Словения | 2 088 385 | 0,70 | 2 073 894 |
| 23 | Латвия | 1 913 822 | -0,69 | 1 927 174 |
| 24 | Эстония | 1 326 898 | 0,37 | 1 321 977 |
| 25 | Кипр | 881 952 | 1,37 | 870 068 |
| 26 | Люксембург | 620 001 | 1,98 | 607 950 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 27 | Мальта | 504 062 | 4,01 | 484 630 |
| | ЕС (27)[2] | 446 883 185 | 0,06 | 446 598 937 |

**2. Хиссаи мамлакатхои ИА дар иктисодиёти чахон**

Аврупои Гарби дар иктисодиёти чахон чои махсусро ишгол мекунад. Хиссаи вай наздик 23% ММД чахони ва 7% ахолии чахонро ташкил менамояд. Аврупои Гарби мамлакатхоеро дар бар мегирад, ки аз руи хачми территория, шумораи ахоли, манобеи табиi, иктидори иктисоди ва илми-техники аз хамдигар фарк мекунанд.

Иктидори асосии минатка ба чор мамлакат - Германия, Фаронса, Италия ва Британияи Кабир рост меояд, ки 50% ахоли ва 70% ММД он чамъ оварда шудааст. Мамлакатхои дигарро, ки бо сатхи баланди махсусгардонии истехсоли махсулоти баландсифати мураккаби техники фарк мекунанд, вобаста ба сатхи ММД шартан ба гуруххои зерин таксим кардан мумкин аст:

1. Нидерландия, Испания, Шветсия, Белгия, Швейтсария - хиссаи инхо 20% ММД минтакаро ташкил мекунад;

2.Австрия, Дания, Норвегия, Гретсия, Финляндия –наздик 8% ММД минтака рост меояд;

3.Португалия, Ирландия, Люксембург, Исландия, Кипр, Малта-наздик 2% ММД минтакаро истехсол мекунанд.

4.«Давлатхои пакана» – Монако, Сан-Марино, Андорра, Лихтенштейн.

Вазъи кунунии мамлакатхои Аврупои Гарби, махсусан мамлакатхои ИА бо сатхи баланди тараккиёти иктисоди тавсиф дода мешавад, онхо аз руи бузургии ММД ба як нафар ахоли аз чои 2-юм то 44-умро дар байни мамлакатхои чахон ишгол менамоянд.

Чунин омилхои рушди иктисоди мамлакатхои ИА-ро махсусан кайд кардан мумкин аст:

1.Суръати баланди тараккиёти хочагии кишлок, ки худтаъминнамоии коллективии Аврупои Гарбиро ба махсулоти хочагии кишлок таъмин мекунад. Дар ИА истехсолкунандагони асосии молхои хочагии кишлок Фаронса (14,5%), Германия (13%), Италия (10%) ва Британияи Кабир (8%) ба шумор меравaнд. Дар ибтидои солхои 90-ум мамлакатхои ИА зиёда аз 90% талаботи умумии худро бо махсулоти хочагии кишлок аз хисоби истехсолоти дохили таъмин мекарданд, ки амалисозии сиёсати ягонаи хочагии кишлокро дар худуди ИА имконпазир гардонид. Дар соли 1988 мамлакатхои аъзои ИА ба механизми нав дар сохаи хочагии кишлок –микдори максималии кафолатдодашуда гузаштанд, ки тасдик кардани хачми кафолатдодашудаи истехсолот ва паст кардани нархро ба хар як фоизи афзоиши истехсолот пешбини мекунад.

2.Зиёдшавии хиссаи хизматрасони дар таркиби ММД-и ИА. Махз бахши хизматрасони дар шароити муосир беш аз хама афзоиши истехсолоти милли ва дарачаи сармоягузориро муайян мекунад. Дар ин бахш 1/3 ахолии аз нигохи иктисоди фаъол шугл меварзанд. Нуфузи мамлакатхои аъзои ИА хамчун маркази хизматхои молияви ва гайри молияви баланд шуда истодааст.

3.Иктидори илмию техникии мамлакатхои ИА**.** Кишвархои Аврупо ба тадкикоти шахрванди назар ба ШМА 16% камтар, вале 2 маротиба бештар нисбат ба Япония маблаг чудо мекунанд. Доираи имконпазири «рахнанамои» дар ин самт мутобикатнамоии тадкикотхои илми дар худуди ИА мегардад. Гап дар он ки, дар имруз самараи умуми аз тадкикоти илмию техники ба сабаби айнан такрор кардани тадкикот паст шуда истодааст, бинобар ин ахамияти хакикии ин омили рушд аз бузургии номинали кам мебошад. Барномахои муштарак дар сохаи тадкикоти илмию техники ба омили тараккиёти мамлакатхои Аврупои Гарби мубадал шуда истодааст. Ин барномахо пакети барномахои махсусгардонидашудаи бо хам алокаманд ва якдигарро пурракунандаро дар чунин сохахои афзалиятнок, ба мисли барномаи синтези термоядерои (ДЖЕТ), иттилооти (ЭКСПРИТ), робототехники (БРИТЕ), биотехнологи (КУБЕ), самолётсози (АЭРОБУС) ва Гайра дар бар мегиранд.

Максади фаъолияти якчоя баркарор кардани минтакаи технологии Аврупои Гарби мебошад.

4.Мутобиксозии даврахои иктисоди. Дар давоми якчанд соли охир мамлакатхои Аврупои Гарби, ба истиснои Британияи Кабир ба мутобиксозии даврахои иктисоди ноил шуданд. Дар солхои 90-ум суръати нисбатан баланди тараккиётро дар ИА мамлакатхои начандон калон, ба монанди Ирландия, Португалия ва Финляндия сохиб гаштанд. Суръати тараккиёти баландтар аз миёна хамчунин дар Испания ва Нидерландия чой дошт, вале дар солхои 90-ум дар ин мамлакатхо пастравии фаъолнокии кори мушохида карда шуд.

| нишондиханда | ракамхо | Давра |
|---|---|---|
| **Хачми ММД дар Ит. Ав** | **17089** млрд.. **дол** | **2021** |
| **Рушди солонаи ММД** | **4** % | **2 кв./22** |
| **Суръати афзоиши ММД** | **0.6** % | **2 кв./22** |
| **ММД ба сари ахоли** | **32755 дол.** | **2021** |

**3.Иттифоки Аврупо дар системаи робитахои хочагии чахони**

Гурухбандии мамлакатхои Иттифоки Аврупо дар холати рукут карор нагирифта, балки аз нигохи вакту фазо (макон) серхаракату бехамто буда, як катор мавчхои васеъшавии сиёси ва иктисодиро аз сар гузаронидааст. Хамчун иттиходи «шашгона» дар соли 1958 созмон ёфта, ин ташкилот дар соли 1973 ба «нухгона» ва дар соли 1986 ба «даёгона» табдил меёбад, дар айни замон ин иттиход 15 аъзоро дар бар гирифта, дар ояндаи наздик гумон меравад, ки ин микдор то ба 25-30 адад мерасад. Васеъшави хислати чахишнок, мавчнокро дорост, вале ин ходисаи бесару сомон, найранги замонасози набуда, балки ходисаи сохтори, чараёни объективии дарозмуддат мебошад.

Ба гурухи ин кишвархо ворид шудани Англия, Ирландия ва Дания иктисоди харби-саноатии (атоми, авиатсиони, саноати электротехники) онро мустаёкам сохт, муттахиднамоии куввахоро дар доираи илм ва тайёр кардани кадрхои назарияви хавасманд гардонид. Монополияхои фаромилатии европои

ташкил шуданд, Лондон ба маркази молиявии чахон ва бозори евроасъор дар Иттифоки Аврупо мубаддал шуд. Чалб кардани ин мамлакатхо ба гурухи ягонаи Гарби - Европои ба коркарди сиёсати ягонаи минтакави, иктисоди ва технологи мусоидат кард.

Хамрохшави Гретсия, Испания ва Португалия ба ин гурух мавкеи геосиёсии Иттифоки Аврупоро мустаёкамтар сохта, рохи баромадро ба сохилхои шимолии баёри Миёназамин таъмин кард ва, хамин тарик, халкаи пайвасткунандаро бо Шарки Наздик ва Миёна ва Америкаи Лотини ба вучуд овард.

Хамрох карда шудани Австрия, Шветсия ва Финляндия омодасозиро хавасманд гардонид ва ахамияти иттифоки асъори ва сиёсати бехатариро барои минтака нишон дод.

Дар мархалаи хозира бозори дохилии Аврупо то сархадоти Россия аз хисоби васеъгардонии фазои сиёсии вай бо рохи хамкории ИА бо мамлакатхои Аврупои Маркази ва Шарки оид ба масоили устувории иктисоди, гурезагон, мухочирон ва мубориза ба мукобили нашъаманди васеъ гаштааст.

Чараёни муосири васеъшавии ИА на ходисаи механики, балки органики (узви), на Гункунии оддии территорияхо ва бозорхо, балки ба вучуд овардани сифати нав дар доираи истехсолот ва тичорат, накши сифатан нави сиёсии ИА дар иттиходи чахони мебошад.

Тагйирот дар иктисодиёти мамлакатхои Аврупои Гарби ба микёс ва характери иштироки онхо дар системаи таксимоти байналхалкии меёнат таъсир карданд. Чараёни чойивазкуни дар робитахои хочагии чахони аз содироти молхо ба содироти сармоя таквият гирифт. Хиссаи ИА дар содироти чахонии сармоя дар шакли сармоягузории мустаким кариб 30%-ро ташкил намуда, мувофики хачми доройхои хоричи факат аз ширкатхои америкои кафо мемонад.

Мувофики пешбинии коршиносон баъди солхои тулонии кафомони аз ШМА дар солхои наздик Аврупо бояд аз Америка пеш гузарад ва ба суръати рушди иктисоди аз 2,5% то 3% ноил гардад. Асъори ягонаи европои дар соли

2001 баъди пастравии хеле зиёд дар квартали охирони соли 2000 ба баландрави огоз кард. Аз сабаби он, ки 85% гардиши тичоратии мамлакатхои ИА-ро тичорати дохилиаврупои ташкил кард, мамлакатхои аъзои ин иттиход дар баробарии чараёнхои дар худуди иктисоди чахони ба вукуъпайванда хеле устувор мебошанд.

Дар ояндаи наздик, дар пешоруи Аврупо ду вазифа меистад:

Якум, дар хамаи кисматхои Аврупо бояд озоди, сулх ва пешрави хукмфармо бошад, ки ИА дар каламрави фаъолияти худ ноил шудааст. Дар назди ИА вазифаи бартараф кардани окибати чудои аз низоъи байни Шарк ва Гарб бамиёномада ва баркарор намудани ибтидои пайвасткунанда меистад.

Дуюм, дар шароити сурати гирифтани чараёни глобализатсия Аврупо бояд мавкеи мустаёкам дошта бошад. Ба дигар маъно, вай бояд аз ухдаи мукобилат кардан ба чараёни афзудаистодаи ракобати умумибашарии (глобалии) молхо, арзиши кувваи кори ва шароит барои фаъолияти иктисоди баромада тавонад, ки аз паси худ гузаришро аз мархилаи саноат ба мархалаи иттилоот меоварад. Ноил шудан ба ин максадхо факат дар сатхи милли аллакай имконнопазир аст.

Барои он ки хар дуи масъала хал карда шавад, ИА барои амалисозии ду лоихаи стратеги шуруъ намуд.

Лоихаи аввал, ки сиёсист: ИА кушиши васеъ шуданро аз хисоби ба вай шомилшавии, пеш аз хама, давлатхои Аврупои Маркази ва Шарки дорад. Максад аз ин пурра бартараф кардани чудои дар континент хамчун натичаи даёсолахо чой доштаи якдигарнофаёмии идеологи ва сиёси мебошад.

Лоихаи дуюм, ки иктисодист: ИА тахкурсиро барои иштирок кардан дар иттифоки асъори муайян мекунад, ки хамчун «меъёри ковергенсия» тавсиф дода мешавад:

- сатхи инфлятсия 1,5%-ро аз сатхи се мамлакати дорои сатхи пасттарини инфлятсия набояд гузарад.

- касри буча на бояд аз 3% карзи умумии давлати ва набояд аз 60% арзиши мачмуи махсулоти дохилии (ММД) давлатхои мушаххас зиёд бошад.

- меъёрхои дарозмуддати фоиз факат 2% аз меъёрхои фоизи вомбаргхои давлатии се мамлакати нархҳои устувордошта баланд шуда метавонад.

- асъори милли бояд дар байни ду сол бе таГйироти куллии курб ба кисми системаи европоии асъор табдил шавад.

- бонкхои маркази ба нишондодхои зинахои сиёси бояд вобаста набошанд.

Хама давлатхои аъзои ИА барои мувофикат кардан ба меъёрхои конвергенсия саъю кушиши беандоза карда истодаанд. Дар соли 1996 аллакай 10 давлати аъзои ИА тавонистанд, ки афзоиши нарх дар онхо камтар аз 2% бошад. Хамин тарик, ба стандарти байналхалкии устувори сатхи нарх ноил шуданд. Дар баробари ин 11 давлати аъзои ИА дар соли 1996 ба меъёре, ки меъёрхои пасти дарозмухлати фоизро талаб мекунад, муваффак гаштанд; дар хамон сол 12 давлати ИА курбхои мубодилашавии устувор доштанд. Давлатхои аъзои ИА оид ба зарурияти минбаъд хам муттахиднамоии бучахои милли дар як акидаанд. Умуман, механизми танзимкунандаи иттифоки иктисоди ва асъори ба баробаршавиии нишодихандахои иктисоди дар худуди ИА овард, ки дар зоти худ ягонааст.

Афзалияти асъори ягонаи европои барои иктисодиёти давлатхои европоии моил ба содирот, махсусан Олмон, чун оина равшан аст: дар шароити бозори дохилии Аврупо заминаи хатаре, ки ба курби мубодилаи асъор вобастааст, аз байн меравад, эътимоди зиёд дар гузаронидани хисоббаробаркуни медихад ва мавчуд будани транспарентнокии зиёд ва ракобати нисбатан шадидро таъмин мекунад. Дар шароити боз хам кувват гирифтани ракобати умумибашари (глобали) ин заминахоро барои меъёрхои пасти фоиз, устуворИи нарх ва, хамин тавр, барои таъмини чойхои кори баркарор мекунад.

ИА боз хам зиёдтар ба иттифоки сиёси мубаддал шуда истодааст. Шахрвандони як давлати узви ИА дар айни хол шахрванди Иттифок низ мебошанд. Шахрванди Иттифок пеш аз хама хукуки дар шароити муайян озодона харакат ва истикомат карданро дар хамаи давлатхои аъзои Иттифок, фаъолона ва гайрифаъолона иштирок намуданро дар интихобот ба парламенти Аврупо ва дар идорахои махалли доранд, хатто агар шахс дар яке аз давлатхои

иттифок зиндагони карда истода бошад, ки шахрванди он нест. Шахрвандони Иттифок хукуки химояи консулиро (ки аз тарафи сафоратхона ва консулгарии дигар давлатхои иштирокчии ИА пешниход карда мешавад) дар мамлакатхои сеюм дар сурати чой надоштани намояндагии давлати худ дорад. Онхо хукуки ба парламенти Аврупо додани арзнома ва ба воситаи вакили Аврупорламент оид ба корхои шахрвандон додани шикоятномахоро ба фаъолияти идорахои ИА доранд.

Иттифоки Аврупо имруз аз назари иктисоди кисми калони бозори дохилии чахонро фаро мегирад. Дар тамоми каламрави 15 давлатхои аъзои ИА монеъахои гумруки ва тичорати бархам дода шудаанд. Дар худуди бозори дохилии ИА харакати озодонаи одамон, молхо, хизматхо ва сармоя баркарор гаштааст.

Нисбати дигар мамлакатхои чахон ИА сиёсати кушоду озоди тичоратро пеш гирифтааст. Вай барои баркарор кардани тартиботи иктисодии чахонии ба принсипхои иктисоди бозори нигаронидашуда мубориза бурда истодааст.

Вазни хоси Иттифоки Аврупо дар тичорати чахони аз хиссаи вай дар истехсолот зиёд аст. Вобастагии ИА ба тичорати хоричи назар ба дигар мамлакатхои дорои иктисодиёти рушд баланд намебошад. Ба гайр аз хамлу накли дохилиминтакави хиссаи содирот умуман дар ИА 9% ММД (соли 1985-10,2%) ташкил мекунад, ки аз нишондихандахои ШМА ва Япония камтар аст. Дар алохидаги мамлакатхои ИА оид ба нишондихандахои хиссаи содирот дар ММД фарк мекунанд. Дар давлатхои хурд ин нишондиханда назар ба мамлакатхои бузург хеле баланд аст. Дар Олмон, Фаронса, Англия 21-32%, дар Нидерландия - 45%, дар мамлакатхои Белгия, Люксембург ва Ирландия – 65%-ро ташкил мекунад.

Иттифоки Аврупо ба яке аз минтакахои пуриктидор ва таъсирбахши иктисоди ва сиёсии чахон мубаддал шудааст. Умуман, ММД мамлакатхои ИА наздик 8 трлн. доллар буда, дар чахон бузургии калонтаринро ташкил мекунад.

## Адабиёт:

13. Бабурина, О. Н. Мировая экономика и международные экономические отношения : учебник / О.Н. Бабурина. – Москва : ИНФРА-М, 2021. – 275 с.
14. Васильева, Т. Н. Мировая экономика : конспект лекций / Т. Н. Васильева, Л. В. Васильев. – 4 -е изд., стер. – Москва : ФЛИНТА, 2021. – 161 с.
15. Дерен, В. И. Мировая экономика и международные экономические отношения : учебник и практикум для вузов / В. И. Дерен. – 2-е изд., испр. и доп. – Москва : Издательство Юрайт, 2021. – 588 с.
16. Заволокина, Л. И. Мировая экономика : учебное пособие для вузов / Л. И. Заволокина, Н. А. Диесперова. – Москва : Издательство Юрайт, 2021. – 182 с.
17. Кузнецова, Г. В. Россия в системе международных экономических отношений : учебник и практикум для вузов / Г. В. Кузнецова. – 2-е изд., перераб. и доп. – Москва : Издательство Юрайт, 2021. – 393 с.
18. Ломакин, В.К. Мировая экономика: учебник для студентов вузов, обучающихся по экономическим специальностям и направлениям / В.К. Ломакин. – 5-е изд., перераб. и доп. – М. : ЮНИТИ-ДАНА, 2019. – 687 с.
19. Любецкий, В. В. Мировая экономика и международные экономические отношения : учебник / В.В. Любецкий. – М. : Инфра-М, 2019. – 350 с.
20. Международные экономические отношения в глобальной экономике : учебник для вузов / И. Н. Платонова [и др.] ; под общей редакцией И. Н. Платоновой. – Москва : Издательство Юрайт, 2021.– 528 с.
21. Международные экономические отношения. Активные методы обучения: Уч. пос. / Л. В. Новокшонова, М. Л. Горбунова, Т. С. Морозова и др.; Под ред. Л. В. Новокшоновой – М.: Магистр: НИЦ Инфра-М, 2019. – 128 с.
22. Мировая экономика в 2 ч. Часть 1 : учебник для вузов / Б. М. Смитиенко [и др.] ; под редакцией Б. М. Смитиенко, Н. В. Лукьянович. – 4-е изд., перераб. и доп. – Москва : Издательство Юрайт, 2021. – 216 с.
23. Мировая экономика в 2 ч. Часть 2 : учебник для вузов / Б. М. Смитиенко [и др.] ; под редакцией Б. М. Смитиенко, Н. В. Лукьянович. – 4-е изд., перераб. и доп. – Москва : Издательство Юрайт, 2021. – 236 с.
24. Мировая экономика в 2 ч. Часть 1. : учебник для вузов / Р. И. Хасбулатов [и др.] ; под редакцией Р. И. Хасбулатова. – 2-е изд., перераб. и доп. – Москва : Издательство Юрайт, 2021. – 689 с.
25. Мировая экономика в 2 ч. Часть 2. : учебник для вузов / Р. И. Хасбулатов [и др.] ; под редакцией Р. И. Хасбулатова. – 2-е изд., перераб. и доп. – Москва : Издательство Юрайт, 2021. – 691 с.

26. Мировая экономика и международные экономические отношения : учебник для бакалавров / под ред. д.э.н., проф. И. П. Николаевой, д.э.н., проф. Л. С. Шаховской. – 2-е изд., стер. – Москва : Издательско-торговая корпорация «Дашков и К°», 2020. – 240 с.

**Тестхо оиди мавзуи 5.2**.

1. **Иттифоқи Аврупо кадом сол ташкил шуда буд?** A) соли 1957;B) соли 1951;C) соли 1953;D) соли 1955;E) соли 1956.

**2.Кадом иттиҳодҳо ба сифати замина барои ташкил намудани Иттифоқи Аврупо баромад намуда буданд?** A) Иттифоқи аврупоии оҳан ва ангишт, Иттифоқи иқтисодии Аврупо, Иттиҳоди Аврупои оиди энергияи атомӣ;
B) СММ, гурӯҳи антанта;C) Ҳафтгонаи бузург, Мамлакатҳои аъзои созишномаи варшава;D) ҷавобҳои овардашуда нодуруст;E) ҷавобҳои овардашуда дурустанд.

**3. Раванди тараққиёти Иттифоқи Аврупоро шартан ба чанд марҳила ҷудо намудан мумкин аст?** A) ба ду марҳила, B) ба се марҳила;C) ба чор марҳила;D) ба панҷ марҳила;E) ба шаш марҳила.

**4. Асъори умумии Аврупо ЕВРО кадом сол ба гардиш ворид карда шуда буд?** A) якуми январи соли 1999;B) якуми январи соли 1998;C) якуми январи соли 2000;D) якуми январи соли 2001;E) якуми январи соли 2002.

**5. Барои марҳилаи иттифоқи иқтисодии Иттифоқи Аврупо кадом хислат хос мебошад?**A) ҳаракати озоди мол ва хадамот дар байни мамлакатҳои аъзои созишнома;B) тараққиёти иттиҳоди гумрукӣ ва сиёсати ягонаи гумрукӣ нисбати мамлакатҳои сеюм;C) ҳаракати озоди сармоя, қувваи корӣ ва технология;D) сиёсати ягонаи иқтисодӣ;E) воридкунии асъори ягона.

**6. Барои марҳилаи иттифоқи асъорӣ кадом хислат хос мебошад?**

A) ҳаракати озоди мол ва хадамот дар байни мамлакатҳои аъзои созишнома;B) тараққиёти иттиҳоди гумрукӣ ва сиёсати ягонаи гумрукӣ нисбати мамлакатҳои сеюм;C) ҳаракати озоди сармоя, қувваи корӣ ва технология;D) сиёсати ягонаи иқтисодӣ;E) воридкунии асъори ягона.

**7. Барои марҳилаи минтақаи озоди Иттифоқи Аврупо кадом хислат хос буд?** A) ҳаракати озоди мол ва хадамот дар байни мамлакатҳои аъзои созишнома;B) тараққиёти иттиҳоди гумрукӣ ва сиёсати ягонаи гумрукӣ нисбати мамлакатҳои сеюм;C) ҳаракати озоди сармоя, қувваи корӣ ва технология;D) сиёсати ягонаи иқтисодӣ;E) воридкунии асъори ягона.

**8. Барои марҳилаи иттифоқи гумрукии Иттифоқи Аврупо кадом хислат хос мебошад?** A) ҳаракати озоди мол ва хадамот дар байни мамлакатҳои аъзои созишнома;B) тараққиёти иттиҳоди гумрукӣ ва сиёсати ягонаи гумрукӣ нисбати мамлакатҳои сеюм;C) ҳаракати озоди сармоя, қувваи корӣ ва технология;D) сиёсати ягонаи иқтисодӣ;E) воридкунии асъори ягона.

**9. Барои марҳилаи бозори умумии Иттифоқи Аврупо кадом хислат хос мебошад?** A) ҳаракати озоди мол ва хадамот дар байни мамлакатҳои аъзои созишнома;B) тараққиёти иттиҳоди гумрукӣ ва сиёсати ягонаи гумрукӣ нисбати мамлакатҳои сеюм;C) ҳаракати озоди сармоя, қувваи корӣ ва технология;D) сиёсати ягонаи иқтисодӣ;E) воридкунии асъори ягона.

**10**. **Нишондиҳандаи анъанавии иқтисодиёти кушод ин?** A) ҳиссаи содирот, ҳиссаи воридот, ҳиссаи тиҷорати берунӣ;B) ҳиссакунонии содирот ва хиссаи ММД;C) ҳиссакунонии воридот;D) ҳиссакунонии тиҷорати берунӣ;E) Ҳаҷми содироти такрорӣ.

## МАВЗӮИ №5.3
## Иктисодиёти Япония

**1.Хусусиятхои иктисодии Япония дар нимаи аввали асри XX. Ислохоти иктисоди ва хусусиятхои он.**

**2. Мавкеи муосири Япония дар иктисодиёти чахони.**

**1.Хусусиятхои иктисодии Японияи дар нимаи аввали асри XX. Ислохоти иктисоди ва хусусиятхои он.** Байни тахкикгарон то ба хол бахсу мунозира давом дорад, ки иктисодиёти солхои 60-уми асри XX Япония аз нуктаи назари илми назарияи иктисод чи гуна тавсиф дода шавад. Як гурух ба

ин акидаанд, ки истехсолоти ин мамлакат аз хисоби махдуднамоии ракобат ва чой надоштани бозори муътадил инкишоф ёфтааст. Бисёрихо (аз он чумла иктисодчиёни японӣ) нисбат ба иктисодиёти японӣ мафхумхои «дирижизм», «капитализми ёрии моддигиранда» ва «капитализми идорашаванда»-ро истифода мекунанд. Дигарон, баръакс, кайд мекунанд, ки тез тараккӣ кардани истехсолотро бе ракобати муътадил таъмин кардан имконнопазир аст ва Японияро хамчун намунаи бозори озод нишон медиханд.

Чунин гумон кардан, ки истифодаи тачрибаи Япония барои он мамлакатхое, ки хохиши аз ШМА ва мамлакатхои Европаи Гарбӣ дар тараккиёти иктисодӣ пеш гузаштанро доранд, гуё муфид аст, хатогии махз мебошад. Япония аз хеч  кас пеш нагузаштааст. Вай дар катори аввалинхо чамъияти индустриявии муосирро баркарор кард. Бо баъзе мухобот кайд кардан мумкин аст, ки  Япония ба давлати индустриявӣ  баробари мамлакатхои Гарб мубаддал шудааст.

Хусусияти чамъияти муосир дар Япония иборат аз он аст, ки дар вай системаи арзишхои анъанавӣ бокӣ мондааст. Ин арзишхо чунинанд: меъёри рафторро гурух (оила, обшина) муайян мекунад; хаёти хамаруза – ин кариб (наздик) расму таомули мукаддаси японист, ва аз руи ичроиши ин русум бояд сардари рамзии гурух (оила) назорат кунад; меъёрхои ичтимоӣ, сиёсӣ, ахлокӣ ва динӣ танхо барои он маънӣ  доранд, ки  ба гурух нафъоваранд, чунки ахлоки куллӣ (универсалӣ) нест, хама чиз аз вазъият вобаста аст. Як катор тадкикотчиён дар акидаанд, ки арзишхои анъанавӣ бо арзишхои чамъияти муосир якчояношаванда (номувофик) мебошанд, аз ин ру Япония бояд аз бокимондахои чамъияти анъанавӣ рахоӣ ёбад. Аммо хамон нуктаи назар нисбатан мантикӣ ва хакикист, ки мувофики он арзишхои анъанавии японӣ пурра бо чамъияти муосири японӣ мувофикат мекунад.

Аз миёнаи солхои 50-ум ходисае огоз ёфт, ки онро «муъчизаи иктисодии японӣ» меноманд, - суръати рушди иктисодӣ, ки дахсолахо дар Япония хеле баланд буд, ба дарачаи хайратангез тез вусъат ёфт. Вазифаи асосӣ зиёд кардани ММД ду маротиба дар дах сол буд. Барои ин истехсолот бояд хар сол

ба 7,2% зиёд мегардид. Натичахо гайричашмдошт буданд. ММД на дар дах сол, балки дар панч сол (аз соли 1955 то соли 1960) ду маротиба зиёд шуд; дар панч соли дигар (солхои 1960-1965) ММД боз ду маротиба афзуд; ва дар солхои 1965-1970 ММД 2,5 маротиба зиёд гардид.

Дар солхои 60-ум рушди иктисоди ба «дини асосии япони» табдил ёфт. Махз японхо асосгузори «иктисодиёти арза» мебошанд, ки мувофики он афзоиши истехсолот пеш аз хама аз хисоби сатхи баланди пасандоз (бар хилофи «иктисодиёти такозо», ки мувофики он афзоиш аз хисоби харочоти истеъмолии бисёр) таъмин карда мешавад.

Ба чунин натичахо ба туфайли катори омилхои зер ноил шуданд.

Якум, банакшагири. Идораи махсус – Агентии банакшагирии иктисоди - вазифахои накшавиро хамин тавр тартиб медод, ки кувваи кори аз хочагии кишлок ба сектори муосир гузарад ва ба ин рох хосилнокии мехнат ва музди кор баланд карда шавад. Накшахо хар сол аз нав вобаста ба рушди хакикии бадастовардашуда дида мешуданд (суръати рушд пайваста аз вазифаи накшави зиёд ичро мегардид).

Дуюм, ба максади зиёд кардани пасандоз  даст кашидани ахоли аз истеъмоли чори ва барои ин кор тайёр будани онхо нисбат ба дигар мамлакатхо. Пасандозхо ба сармояхои барои афзоиши истехсолот зарур мубаддал мешуданд – хамин тавр кисми зиёди чамъият рушди иктисодии мамлакатро дастгири менамуд.

Сеюм, технологияхои нав. Азбаски кисми зиёди корхонахо дар солхои чанг вайрон шуда буданд, лавозимоти саноатии дар солхои 60-ум истифодашаванда  нав буданд (мухлати истифодаи онхо аз дах сол зиёд набуд). Японхо бо вучуди дигар чизхо кобилияти бомуваффакият истифода кардани кашфиёти Гарбиро нишон доданд (масалан, транзисторхо), ба гайр аз ин рушди иктисодии Япония баъди солхои чанг боз ба он вобаста буд, ки дар миёнаи солхои 50-ум дар мамлакат сохтори духелаи иктисодиёт чой дошт. Сектори анъанави ба захираи кувваи коргари барои сектори муосир мубаддал шуд, илова бар ин кувваи коргарии нихоят махсус ва вокеан нодир, ки ба

афзункунии истехсолот дар саноат мутобик карда шуда буданд. Кормандони аз дехот ва аз доираи истехсолоти майда ба сохахои саноат меомада хамрохи худ чунин арзишхои анъанави, ба монанди, интизом, итоатнамои ва хурматнамоии рохбарро доштанд. Ва ин захирахо пурра истифода карда шуданд. Дар солхои 1955-1965 хиссаи кормандон дар хочагии кишлок ва дар мохидори аз 40 то 25% кам шуданд. Ба соли 1970 ин хисса то 20% паст шуд ва ба соли 1974 то 14% кам шуд. Хиссаи кормандон дар саноат дар солхои 1955-1965 аз 23 то 32% зиёд гардид ва дар соли 1974 34%-ро ташкил кард. Дар солхои 1955-1965 хиссаи хочагии кишлок ва мохидори дар МММ аз 23 то 10% кам шуд, вале хиссаи саноат аз 23 то 33% афзун гардид. Дар натича, дар миёнаи солхои 60-ум сохтори духелаи иктисодиёт пайваста аз байн рафтан гирифт. Аллакай соли 1970 мамлакат ба катори давлатхои даромадашон баланд дохил шуда МММ ба сари ахоли зиёда аз 7000 $-ро ташкил дод. Барномаи пешравии иктисоди , ки дар нимаи дуюми асри 20 амал гирифт, ба чунин самтхо равона шуда буд:

-даст кашидан аз сохахои гайрисамаранок ва маблаггузориба сохахое, ки дурнамо буданд,

-кам кардани харочотхои корхона аз хисоби кам кардани шумораи коргарон ва истифодаи технологияи муосир,

-маблаггузори ба тадкикотхои илми техники в тайёр намудани мутахассисони сохаи саноат,

васеъ намудани МИБ-и корхонаву ташкилотхо.

Кушиши хатман зиёд кардани истехсолот гамхории хоси япониро оид ба макоми мамлакат дар чахон ва диккати Японияро ба иерархия (тартиботи дарачахои мансабу мартаба) ифода мекард. Пешбини шуда буд, ки суръати баланди рушд ва ноил шудан ба хачми зиёди мутлаки МММ барои баланд шудани макоми Япония нисбат ба дигар мамлакатхо дар чахон зарур аст. Ин ба качравихо дар иктисодиёт овард. Сарфи назар аз он, ки то охири солхои 70-ум Япония пешсафи чахони дар якчанд сохахо (чунончи, саноати охангудози,

киштисози ва автомобилсози) буд, хосилноки дар саноати япони факат $^1/_2$ америкои ва $^2/_3$ олмониро ташкил карда буд.

Мамлакатхои мутараккии саноати накши калонро дар тараккиёти саноатии солхои 60-уми япони адо намуданд. Япония аз Гарб тачрибаи истехсоли ва навоварихои саноатиро (айнан хамон тавре, ки вай онро дар асри гузашта карда буд) аз худ мекард. Мамлакатхои Гарб ба Япония сармоягузории мустаким ва портфели (гайримустаким) мекарданд, пулхои Гарб ба Япония барои ба маблаг таъмин намудани воридоти афзудаистода зарур буданд. Нихоят, Гарб бозори фуруши молхои содиротии япониро ташкил мекард. Афзоиши босуръати содироти япони барои он зарур буд, ки Япония ба ашёи хоми воридоти (пеш аз хама, ангишт, маъдани охан ва нафт) ва хамчунин ба молхои истехсоли воридоти зарурат дошт. Тасодуф нест, ки аз соли 1962 то соли 1971 содироти Япония чор маротиба зиёд гардид.

Дар ибтидои солхои 70-ум содироти афзудаистодаи Япония ва мувозинати пардохти мусбат норозигии Гарбро бори аввал ба миён овард. Хакикатан, баъди бухрони нафтии соли 1973, вакте ки нарххои чахонии нафт якчанд маротиба баланд шуданд, баланси пардохти Япония ногахон бад шуд. Лекин бо баробари боздоштани бухрон салдои (бакияи) мусбати баланси пардохти Япония аз сари нав зиёд шудан гирифт.

Аз ибтидои солхои 70-ум ШМА масоили тичорати хоричии худ ва ноустувории долларро хамчун асъори чахони махз бо Япония вобаста намуданд. Ва Япония бори аввал дар таърихи баъдичанги ба фишори байналхалкии иктисоди дучор шуд, ки дар нисбати содироти япони истифода кардани чорабинихои зиддидемпинги, чори кардани квотахо (хиссахо) ба воридоти молхои япони ва гайра ифода ёфта буд.

Агар Япония дар катори мамлакатхое, ки аввалин шуда чамъияти индустриалиро баркарор карданд, чойгир шуд, вай хамчунин дар сафи мамлакатхое, ки аввалин шуда чамъияти «баъдииндустриали»-ро ташкил намудаанд, низ карор дорад. Ин мафхум аз назарияи муосири тараккиёт оварда шудааст, ки мувофики он хамагуна чамъият се мархалаи тараккиётро

гузашта метавонад. Мархалаи якум бо он хусусияти худ фарк мекунад, ки кисми зиёди ахоли дар хочагии кишлок шугл мекунад (дар сектори ибтидоии иктисодиёт). Мархалаи дуюм махсули инкилоби саноати буда, бо он тавсиф меёбад, ки кисми зиёди ахоли дар саноат шугл мекунад (дар сектори дуюми иктисодиёт). Дар мархалали сеюми тараккиёт доираи асосии шуглро сохахои хизматрасони – тичорат, наклиёт, молия, сугурта, идоракуни (сектори сеюм) ташкил мекунад. Мархалаи якуми тараккиётро мехнатталаб, дуюмро - сармояталаб, сеюмро – илмталаб номидан мумкин аст.

Аз дохилшавии Япония ба мархалаи чамъияти баъдииндустриали чи шаходат медихад? Якум, таносуби микдори кормандон дар сохаи хизматрасони. Аз соли 1973 ба ин тараф зиёда аз ними тамоми кормандони Япония дар тичорат, молия, идоракуни ва коркарди барномахои компютери машгуланд. Ба соли 1989 хиссаи ахолии сохиби кор дар доираи хизматрасони ба 57% расид. Дуюм, хиссаи доираи хизматрасони дар истехсолоти умуми. Аз ибтидои солхои 60-ум дар ин соха зиёда аз 50% МММ Япония истехсол карда мешавад. Сеюм, сатхи умумии баланди истехсолот ва даромадхо. Аллакай соли 1965 Япония ба катори на он кадар зиёди мамлакатхое дохил шуд, ки зиёда аз 100 млрд. долл. ММД истехсол менамуданд.

Нишондихандаи мухим, даромади милли ба хар сари ахоли мебошад. Ба хисоб меравад, ки мамлакат дар хамон вакт ба мархалаи чамъияти баъдииндустриали дохил мешавад, агар ин даромад аз 2 хазор доллар зиёд бошад. Япония ба ин сатх соли 1967, 25 сол дертар назар бо ШМА расидааст. Дар соли 1978 дар Япония даромад ба як нафар ахоли аллакай 7167 долларро (дар ШМА – 9150 долл.) ташкил карда буд. Чунин даромади баланд ба Япония имконияти на факат зиёд кардани истеъмол, балки пасандозро низ фарохам овард: дар интихои солхои 60-ум пасандози японихо 37,5% ММД ташкил карда буд, ки ин ду маротиба зиёдтар назар ба ШМА аст.

Аммо дар японияи баъдииндустриали масъалахои нав нисбат бо давраи индустриалии тараккиёти он ба миён омаданд. Вай, аллакай аз бартарияти сохтори духелагии иктисодиёт барои рушди иктисоди истифода карда

наметавонист. Агар дар солхои 60-ум 90 фоизи коргарони навро дар корхонахо японхои чавони маълумоти миёнаи нопурра дошта ташкил карда бошанд (илова бар ин кисми зиёди онхо  ба шахр аз дехот меомаданд), дар солхои 80-ум бошад, кариб хамаи мактаббачагони япони давом додани тахсил ва гирифтани маълумоти миёнаи пурраро бехтар мешумориданд. Илова бар ин, наздик 40% хатмкунандагони мактабхо барои идомаи тахсил ба донишгоххо кабул мешуданд. Умуман, кобилияти харакати ичтимоии чавонон суст шуд. Бар замми ин, дар солхои 80-ум сектори анъанави (хочагии кишлок ва мохидори) то хади акал кам гардид.

Дар натича, Япония дигар он мамлакате набуд, ки дар он сектори анъанави ба сифати таъминкунандаи коргарони чавон ва итоаткор барои ширкатхои калон будааст. Гуфтан чоиз аст, ки дар мархалаи баъдииндустрияви сохтори духелаи иктисодиёти Япония пурра аз байн бардошта шуд.

**2. Мавкеи муосири Япония дар иктисодиёти чахони.**

Чамъияти баъдииндустриали дар Япония на танхо ба проблемахои иктисодии дохили дучор омад. Проблемахо (ва нихоят шадид) дар муносибатхои байни якдигар бо мамлакатхои дигар ба вукуъ пайвастанд.

Япония дар солхои 80-ум бо салдои мусбати баланси пардохт фарк мекард. Дар соли 1983 ин салдо 1,8% МММ, дар соли 1984 – аллакай 2,8 ва дар соли 1985-3,6% МММ ташкил карда буд. Япония (баъд аз Канада) ба шарики дуюми тичорати хоричии ШМА табдил ёфт ва вай ба он чо автомобилхо, охан ва электроника содир менамуд. Дар интихои соли 1985 Япония хамчунин ба карздихандаи бузург дар чахон табдил ёфт, дороихои (активхои) хоричии вай назар ба пассивхояш ба маблаги 120 млрд. долл. зиёд гардиданд.

Дар солхои 90-ум мамлакатхои дорои иктисодиёти рушд ба Японияи баъдииндустриали нисбат ба Японияи солхои 60-ум ва ибтидои солхои 70-ум муносибати худро тагйир дода, пайваста аз вай кам кардани содирот ва зиёд намудани воридотро талаб мекарданд. Илова бар ин, ахоли дар дохили

мамлакат (алалхусус чавонон) талаб намуданд, ки вакти истифодаи акаллан як кисми дороихои (активхои) гункардаи долларии Япония барои истеъмол аз тарафи онхое, ки ин дороихоро ба вучуд овардаанд, расидааст.

Япония дар солхои охир кариб 12%-и истехсолоти чахониро дар дасти худ дошта он ба хисоби миёна 2,2 –2,4 трлн. долларро ташкил медихад. 90%-и махсулоти содиротиии Япониярол махсулоти саноати мошинсози ташкил медихад. Аз руи гардиши солонаи тичорати беруна ин мамлакт чои дуюмро баъди ШМА ишгол менамояд. Солхои охир содироти ин мамлакат зиёда аз 320 млрд. долл. ва воридоташ 280-300 млрд.долл. буда хар сол кариб 3-4% меафзояд. Содиркунандагони Япони якариб 90%-и бозори чахонии аудио ва видео техника, 80%-и бозори чахонии мошинахои нусхабардор ва 70%-и бозори чахонии роботхоро дар дасти худ дорад. Истехсоли автомобилхои сбукрав афзуда истода дар як сол аз 6 млн. дона зиёдтар мебошад.

Сармоягузорони Япония асосан дар ШМА, Сингапур, Гонконг, Малайзия корхонахои худро бунёд намудаанд ва дар натича мамлакат ба содиркнандаи калонтарини сармоя дар чахон табдил ёфтааст. Токиё маркази молиявии чахон буда дар он биржахои калонтарини молиявию моли амал мекунанд. Инчунин бонкхои калонтарин дар чахон бонкхои Япония ба хисоб мераванд, ки байни онхо Сумитомо бонк карздихвндаи клонтарин дар чахон ба хисоб меравад. Япония инчунин калонтарин воридкунандаи хурока дар чахон ба шумор меравад. Хамкори асоситарини ин мамлакат ШМА буда ба он 20%-и содирот ва 15%- воридоти Япония рост меояд.

Дар соли 1986 дар маърузаи Бонки Япония кайд карда шуда буд, ки Япония метавонад кисми сарвати гункардашударо барои баланд бардошатни сатхи зиндагии ахоли ва барои хамохангкуни бо иктисодиёти чахони истифода барад. Дар маъруза дар назди иктисодиёт вазифахои зерин гузошта шуда буд: ташаккули такозои дохили, тагйир додани сохтори саноати, зиёд кардани воридот, ташаккул додани хамкории молиявии байналхалки. Умуман, иктисодиёт дар оянда набояд факат ба содирот вобаста бошад, рушду нумуъ бояд бо ташаккули такозои дохили хавасманд карда шавад.

Кайд кардан начандон дуруст аст, ки гуё дар Япония дар натичаи ин хама ба зуди ва куллан тагйир ёфт. Дар солхои 90-ум афзуншавии содирот идома ёфт ва захирахои тиллоии асъор ба суммаи рекорди - 87 млрд. доллар расиданд. Аз руи нишондихандахои расмии некуахволии иктисоди чамъияти япони аз дигар чамъиятхои баъдииндустриали пеш гузашт: дар ибтидои солхои 90-ум МММ ба як нафар ахоли 19642 долларро (дар ШМА-18403 долл.) ташкил кард, аммо аз руи таркиби истеъмол аз Гарб хеле фарк мекард. Ба хар хол, як катор тагйирот ба вучуд омад, чунончи, дар ибтидои солхои 90-ум истеъмоли дохили 5% зиёд шуд.

Сохтори истехсолот дар Японияи муосир бештар ба мамлакатхои Гарб наздик аст, на ба мамлакатхои Осиё. Тахлил нишон медихад, ки суръати баланди рушди иктисодиёти япони паси сар шуд ва Япония асри XXI-ро бо нишондихандахои на он кадар баланди рушди иктисоди огоз мекунад, ки умуман ба хамаи мамлакатхои дорои иктисодиёти рушд мутааллик аст. Дар мархалаи кунунии тараккиёти хочаги ба Япония стратегияи навтарин, саривакт тартиб додани рохи нави инкишоф, зарур мебошад.

Дар соли 1997 хукумати Япония барномаи дарозмухлати (то соли 2010) ислохоти иктисодиро кабул кард, ки ташкил кардан ва тараккi додани сохахои нави ояндадори саноат ва хусусан сохаи хизматрасониро пешбини мекунад. Ба катори чунин сохахо дохил мешаванд: технологияхои иттилооти, сарчашмахои нави неру ва технологияи неруи, химояи мухити зист, тачдиди фонди манзил, хамаи сохахои хизматрасонии ичтимои, ташкили фарогат, ба накшагири ва тачдиди шахрхо, фуруши молхо ва боркашони, таълим ва тагйири ихтисоси кормандон, хизматрасонихо оид ба таъмин кардани фаъолияти сохибкори, хизматрасонихои вобаста ба глобализатсияи иктисодиёт ва гайра.

❖ *Япония – давлатест, ки дар Осиёи Шаркй чойгир буда, аз Шарк ва Чануб бо укёнуси Ором ихота шудааст. Зиёда аз се хазор чазира (Хоккайдо, Хонсю, Кюсю ва Сикоку) ва галачазираи Рюкюро дар бар мегирад. Масохаташ 378 хазор км$^2$, ахолиаш зиёда аз 130 млн. нафар мебошад.*

❖ *Япония яке аз мамлакатхои тараккикарда буда, аз рўи ММД дар чои 3-юм меистад баъд аз ИМА ва Хитой.*

- Ташкилёбии давлат: дар соли 660 п. аз мелод
- Забони давлатӣ - японӣ,
- Дин – синтоизм (83,9%) ва буддизм (71,4%)
- Пойтахташ - Токио
- Шахрхои калонтарин: - Токио, Йокогама, Осака
- Шакли идоракунии давлат: монархияи конститутсионӣ
- Император - Акихито
- Масохат - 377,9 ҳазор км²
- Ахолӣ дар соли 2021 - 125 078 679 нафар,
- Зичии ахоли - 337 нафар/км²
- ММД – 5086,6 трлн. доллар (2020с.),
- Ба хар як шахс – 40093 доллари ИМА,
- Асъор - Иена, ¥

❑ Япония аслан дар Шарк чойгир буда, давлати таърихи бой доштаю мустакил ба хисоб меравад.Он дар галачазирахо чойгир аст. Аз хама чазирахои ахамияти калон доштаи он ин Хоккайдо (на он кадар серахоли) дар чануб, Хонсю ва Сикоку дар марказ ва Кюсю дар чануб ба хисоб меравад. Инчунин дар Япония 3 хазор чазираи на он кадар калон мавчуданд. Масохати Япония 378 хаз. километри квадрати мебошад, ки ин танхо 60%-и худуди Франсия ва хатто аз чумхурии Комаи Русия низ хурд буда, боз 87%-и худуди Чопонро куххо ишгол кардаанд, ки дар ин чо вулконхо вакт аз вакт ба назар мерасанд. Барои сохтани шахрхо ва фермахои хочагидори танхо 80 хазор км-и квадратии он рост меояду халос. Дар хамин ин кадар масохати камхудуд зиёда аз 130 миллион ахоли умр ба сар мебаранд. Бо ин кадар масохату ахоли Япония нихоят камхудуд аст, аз ин ру замин дар ин мамлакат нихоят гарон аст. Маънои ин мафхум аслан чахиши рушди иктисодии Япония дар солхои 1955–1973 фахмида мешавад, ки дар ин вакт болоравии иктисодиёти нимсолаи он 9,5%-ро ташкил медод. Дар давоми ин солхо хачми истехсолоти сохави 6,6

маротиба афзуд ва даромади милли ба хар як сари ахоли 8 маротиба зиёд гашта, ба сатхи Англия и Италия баробар гашт. Япония техникаи азнавкоркардабарории махсулотхои гуногунро аз худ кард. Дар солхои 50-ум заводхои метталурги, конхои ангишт ва неругоххои барки аз нав таъмир карда шуда буданд, инчунин флоти тичорати аз нав сохта шуда буд. Дар солхои 60-ум азнавсозии сохаи автомобилсози ва истехсоли асбобхои электрикии маиши ва радиопреёмникхо кариб аз сифр огоз карда шуда буд. Ин мархала бо нишонахои зерин алокаманд буд: мавчуд будани кувваи кории арзон ва тачрибаи бой дошта, инчунин боз кадрхои мухандиси-техники; сарчашмахои захирахои лозимии дохили; дастрасии технологияи нав ва механизми хуби маблаггузорй.

Яке аз сабабхои пешравии иктисоди Япония он буд, ки давлат карзхои хоричиаш зиёд набуд. Танхо бо на он кадар маблаги калон аз Бонки Чахони карздор буду халос. Маблаггузориии корхонахо аслан аз тарафи бонко таъмин карда мешуданд.Саноатикунони аз хочагии кишлок пас чоришавии кувваи кориро таъмин кард. Индустриализация вызвала массовый отток рабочей силы из сельского хозяйства. Ин хакат ба коргарони кироя фоидаи калон овард ва ба пайдо шудани корхонахои хурд оварда расонид.Барои рушди иктисоди 30%-и ММД рост меомад ва аз он 18-20%танхо барои маблаггузорихо барои тачхизот ва масолехи сохтмон сарф карда мешуд.Дар ин вакт давлат бояд хатман чорахои заруририро дар сохахои саноат меандешид. Ракобати хоричи дар бозорхои дохили кам карда мешуд.Протексионизм сиёсати асосии саноатии одавлатро дар он давра ташкил медод.

Аммо дар солхои 70-ум ба амал омадани ду бухрони чадидтарини нафти ба амал омаду ин албатто барои Япония бетаъсир намонд. Дар мамлакат тавварум, яъне бекурбшавии пул ба амакл омад ва боз рушди иктисодии давлатро ба кафо гузошт. Дар ин айём «Муъчизаи Япони» ба охир расид, вале он ба ин давлат имконияти рушди иктисоди ва ба стандартхои чахони чавобгу буданро муяссар гардонид. Даҳ шаҳри сераҳолитарини Япония:

- Токио (8 444 531 нафар)
- Иокогама (3 575 515 нафар)
- Осака (2 640 097 нафар)
- Нагоя (2 214 958 нафар)
- Саппоро (1 875 862 нафар)
- Кобе (1 524 43 нафар)
- Киото (1 469 427 нафар)
- Фукуока (1 402 040 нафар)
- Кавасаки (1 315 865 нафар)
- Сайтама (1 185 030 нафар)

Умуман, гуфтан чоиз аст, ки Япония хамчун «мамлакати осиёги»-и ба катори мамлакатхои дорои иктисодиёти рушд дохилшуда мачбур аст назар ба дигар мамлакатхои тараккикардаи саноатии чахон зиёдтар харочот бардорад. Сатхи баланди истехсолот дар корхонахои япони дар бисёр холатхо ба химояи давлати ва монополиякунонии як катор сохахо вобаста аст. Ин, хусусан, ба сохахое чун боркашони дар дохили мамлакат, таъминот бо кувваи барк ва сузишвории моеъ, алокаи телефони-телеграфи, хизматрасонии молияви, тайёр кардани кадрхо ва гайрахо вобастаги дорад.

**Адабиёт:**


1. Мировая экономика и международные экономические отношения. Практикум : учебное пособие / под ред. В.К. Поспелова. – 2-е изд., испр. и доп. – Москва : ИНФРА-М, 2020. – 164 с.
2. Мозгоев, А. М. Мировая экономика и международные экономические отношения : учебник / А. М. Могзоев. — Москва : РИОР : ИНФРА-М, 2020. — 228 с.
3. Овчаренко, Н. А. Мировая экономика и международные экономические отношения : учебник для бакалавров / Н. А. Овчаренко. – 2-е изд., перераб. – Москва : Дашков и К, 2021. – 208 с.
4. Раджабова, З. К. Мировая экономика : учебник / З.К. Раджабова. – 5-е изд., перераб. и доп. – Москва : ИНФРА-М, 2019. – 369 с.
5. Спиридонов, И. А. Мировая экономика: Учеб. пособие / И.А. Спиридонов. – М.: ИЦ РИОР: ИНФРА-М, 2019. – 128 с.

6. Тихий, В. И. Мировая экономика и международные экономические отношения : учебное пособие / В. И. Тихий, О. В. Корева. – Москва : РИОР : ИНФРА-М, 2021. – 259 с.
7. Халевинская, Е. Д. Мировая экономика и международные экономические отношения : учебник / Е. Д. Халевинская. – 3-е изд., перераб. и доп. – Москва : Магистр : ИНФРА-М, 2020. – 400 с.
8. Хасбулатов, Р. И. Международные экономические отношения в 3 ч. Часть 1 : учебник для вузов / Р. И. Хасбулатов. – 3-е изд., перераб. и доп. – Москва : Издательство Юрайт, 2021. – 337 с.
9. Хасбулатов, Р. И. Международные экономические отношения в 3 ч. Часть 2 : учебник для вузов / Р. И. Хасбулатов. – 3-е изд., перераб. и доп. – Москва : Издательство Юрайт, 2021. – 358 с.
10. Хасбулатов, Р. И. Международные экономические отношения в 3 ч. Часть 3 : учебник для вузов / Р. И. Хасбулатов. – 3-е изд., перераб. и доп. – Москва : Издательство Юрайт, 2021. – 362 с.
11. Веснин В. Р., Поникаров В. А. Мировая экономика. Краткий курс. Учебное пособие. — М.: Проспект. 2017. 128 с.
12. Галищева Н. В. Мировая экономика. Том 2. — М.: МГИМО. 2017. 146 с.
13. Григорян К. Г., Михайлов О. В., Смагулова С. М. Мировая экономика. Учебник и практикум. — М.: Юрайт. 2017. 194 с.
14. Дерен В. И. Мировая экономика и международные экономические отношения. Учебник и практикум для бакалавриата и магистратуры. — М.: Юрайт. 2019. 588 с.
15. Ермолаева Н. М. Ермолаева Н. М. Мировая экономика и мировые экономические отношения. — М.: Аспект Пресс. 2018. 396 с.

Тестхо оиди мавзуи

**Тестхо оиди мавзуи 5.3.**

1. **Нишондиҳандаҳои асосии ташаккул ва тараққиёти иқтисодиёти ҷаҳонро номбар кунед?** А) Маҷмуи маҳсулоти миллӣ, маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ, даромади миллӣ; В) зиёдшавии нафақа, музди кор, даромаднокии корхона; С) Сатҳи зиндагии аҳолӣ, вазъи иҷтимоии аҳолӣ; D) Индекси инкишофи инсонӣ, зиёдшавии шумораи аҳолии ҷаҳон; Е) Ҳамаи ҷавобҳо дурустанд.
2. **Дар соли 2020 ба ҳайси шарики стратегии тиҷоратии Япония ки баромад мекунад?** А) ШМА; В) Хитой; С) Россия; D) Иттифоқи Аврупо; Е) Канада.
3. **Аз рӯи шумораи аҳолии дар соҳаи саноат машғулбуда кадом давлат дар ҷаҳон ҷойи якумро ишғол мекунад?** А) Япония; В) ШМА; С) Фаронса; D) Хитой; Е) Англия.
4. **Кадом давлат дар истеҳсоли автомобилҳои сабукрав дар ҷаҳон дар ҷойи аввал меистад?** А) Япония; В) ШМА; С) Фаронса; D) Хитой; Е) Англия.
5. **Сатҳи бекорӣ дар Япония дар соли 2022 чанд фоизро ташкил карда буд?** А) 5,5%; В) 6,1%; С) 4,9%; D) 7,1%; Е) 8,6%.
6. **Қарзи давлатии кадоме аз ин давлатҳо 225,85%-и ММД-ашонро ташкил мекунанд?** А) Япония; В) ШМА; С) Фаронса; D) Хитой; Е) Англия.
7. **Истилоҳи муъҷизаи иқтисодии Ҷопонӣ аз кадом сабаб ба истилоҳи иқтисодӣворид карда шуда буд?** А) аз сабаби он ки дар Ҷопон ММД ( ва рушди иқтисодӣ мувофиқан) дар марҳилаи кӯтоҳ ду маротиба афзуда буд;В) аз сабаби он ки дар Ҷопон дар як муддати кӯтоҳ иқтисодиёти мамлакат баъди ҷанг барқарор карда шуда буд; С) барои он ки Ҷопон тавонист дар як муддати кӯтоҳ ба қатори мамлакатҳои тараққикардаи саноатӣ ворид гардад; D) барои он ки Ҷопон тавонист дар як муддати кӯтоҳ дар истеҳсоли маҳсулоти технологӣ дар бозори ҷаҳонӣ пешсаф гардад; Е) барои он ки Ҷопон тавонист дар як муддати кӯтоҳ иқтисодиёти шакли муосирро дар мамлакат ташкил кунад
8. **Ширкатҳои японии «Сасебо» (Сасебо) , «Мицубиси» (Нагасаки) , «Кавасаки» (Кобе) , «Юниверсал» (Кавасаки) ба кадом соҳаи саноат машғул мебошанд?** А) саноати мошинсозӣ;В) саноати компютербарорӣ; С) саноати хурокворӣ; D) саноати киштисозӣ; Е) саноати кимиё.

9. **Кадоме аз ин давлатҳо шартномаи «Plaza Accord»-ро ба имзо расониданд?** A) Ҷопон ,Британияи Кабир, Франсия,Германия,ИМА;B) Ҳиндустон, Британияи Кабир,Франсия,Германия,ИМА; C) Россия,Ҷопон ,Британияи Кабир,Франсия,Германия,; D) Туркия, Британияи Кабир,Франсия,Германия,; E) Има,Канада,Мексика.

**10.Зери мафҳуми иқтисодиёти ҷаҳон чиро мефаҳманд?** A) Маҷмӯи хоҷагиҳои миллии тамоми давлатҳои ҷаҳонро, ки бо ҳам робитаи тарафайн доранд; B) Маҷмӯи соҳаҳои махсусгардонидашудаи хоҷагиҳои миллии давлатҳои ҷаҳонро, ки бо ҳам мунтазам робитаҳои тарафайн доранд; C) Маҷмӯи ширкатҳои фаромилалиро, ки рақиби якдигар мебошанд; D) Тақсимоти байналхалкии меҳнатро; E) Маҷмӯи тиҷорати ҷаҳонии давлатҳоро.

## МАВЗӮИ №5.4
## Мамлакатхои нави индустрияви (МНИ)

1. ***Мамлакатхои МНИ: модели осиёгии тараккиёт.***
2. ***Модели Америкаи Лотинии МНИ***

### 1. Мамлакатхои МНИ: модели осиёгии тараккиёт.

Дифферентсиатсияи мамлакатхои чахони тараккикардаистода мувофики сатхи амалисозии модели тамоюли содиротидошта бо гузаронидани сиёсати иктисодии гуногун аз тарафи онхо муайян карда мешавад. Модели тамоюли содиротидоштаи шаркию осиёги ба хакикати иктисодиёти чахон нисбатан наздиктар аст. Шакли дигари истифодаи модели тезонидани содирот дар мамлакахои Америкаи Лотини ба миён омад. Сиёсати тамоюли содиротидошта дар аксарияти ин давлатхо дар ибтидои солхои 70-ум эълон карда шуд.

Чор мамлакати нави индустриявии Осиё – Гонконг, Кореяи Чануби, Сингапур, Тайван - дар солхои охир ба комёбихои бузург дар тараккиёти саноати ва дар содирот ноил гаштанд. Модели тараккиёти онхо ба тавсифе, ки нисбати тезонидани содирот дар тадкикоти иктисодчии америкои Б. Баласс дода шудааст, бештар мувофикат мекунад. Вай тасдик кардааст, ки тамоюли

содиротии мамлакатхои ру ба таракки хосилнокиро афзун мекунад, ба чойгиркунии захирахо, истифодаи иктидорхои иктисоди, хачми (микёси) истехсолот ва тагйири технологияхо хуб мусоидат мекунад.

Натичахои тадкикоти Б.Баласс дар солхои 80-ум нишон доданд, ки содироти ин мамлакатхо ба баланд бардоштани суръати рушди иктисоди овард. Дар асоси тахлили сиёсати иктисодии мамлакатхои ру ба таракки иктисодчии америкои оид ба барои онхо мухим будани иктисодиёти миллии озод, ру овардани онхо ба робитахои иктисодии хоричи хулоса баровард. Дар солхои 80-ум Б.Баласс хулоса баровард, ки модели ояндадори рушди мамлакатхои ру ба таракки бояд якчоякунии сиёсати хавасмандгардони содирот ва воридотивазкуни дар шароити накши пешбарандаи содирот мебошад. Дар ин сурат зиёд кардани хиссаи (квотаи) содиротии мамлакат таъсири мусбат ба рушди иктисодии он мерасонад, дар ин вакт воридотивазкуни дар шароити махдуд будани имконоти бозорхои милли ба он монеа мешавад.

Асоси консепсияи тараккиёти минтакаи Осиёи Чанубию Шаркиро эътирофи зарурияти таъсири мутакобили фаъоли иктисодиёти милли бо сармояи хоричи, истифодаи хаматарафаи бартарияти таксимоти байналхалкии мехнат ташкил мекунад. Модели осиёгии инкишоф ба ин маъно минтакавист, ки онро аксарияти мамлакатхои Осиёи Чануби-Шарки кабул карданд ва боз ба он маъно, ки вайро давра ба давра мамлакатхои минтака татбик карда истодаанд.

Дар мархалаи аввали татбики модели тезонидани содирот хамкории мамлакатхои мутараккии саноати бо мамлакатхои нави индустриявии оянда дар сатхи истехсолот ба амал баромадааст ва бо робитахои савдои хоричи махдуд карда шудааст, ки дар он мубодилаи махсулоти тайёри мамлакатхои саноати ба ашёи хоми мамлакатхои Осиё бартарият дошт. Дар ин мархала афзалияти воридоти молхои нави технологи чой дошт. Аён аст, ки чунин намуди муносибатхои иктисодии хоричи ба иктисодиёти мамлакатхои осиёги

таъсир накарда бошад, зеро онхо хеле ноустувор, хассос ба тагйирот ва таъсири беруни буданд.

Дар мархалаи дуюми хамкории мамлакатхои мутаракки бо мамлакатхои минбаъдинаи нави индустрияви дар он ифода меёбад, ки ин гурухи мамлакатхо индустриякунонии воридотивазкунандаро гузарониданд. Дар ин давра содироти сармоя аз мамлакатхои тараккикардаи саноати ба минтакаи Осиё бо хамлу накли мошинхо, лавозимот, технологияхо, ноу-хау ва гайрахо фарк мекард. Захирахои (ресурсхои) молияви ва технологияи хоричи барои ташкили сохахои воридотивазкунанда ва ба вучуд овардани инфрастуктураи саноати равона буданд. Ба туфайли сиёсати воридотивазкунанда дар минтакаи Осиё бозори дохили хеле тезтар бо молхои истеъмоли таъмин шуд. Вале махдуд будани бозори дохили омили асосии (монеаи) боздорандаи тараккиёти минбаъдаи иктисодиёт буд, ки бо мурури замон тагйир додани консепсияи умумии тараккиётро талаб кард. Дар ин давра (солхои 70-ум) сиёсати тамоюли содироти ибтидо мегирад.

Мархалаи сеюми табдилшавии мамлакатхои осиёги ба МНИ огоз меёбад. Вай  якчоя бо хамлу накли лавозимоти саноати ва технологи ба ин минтака ва афзоиши содирот аз ин мамлакатхо ба амал бароварда мешавад. Маблаггузории хоричии мамлакатхои Осиё дар ин мархала хам ба воситаи сармояи давлати ва хам хусуси, дар асоси дутарафа ва бисёртарафа бо шартхои имтиёзнок ва тичорати татбик карда шудааст.

Воридшавии сармояи хоричи ва ташкил кардани филиалхои корпоратсияхои фаромилали (КФМ) муборизаи ракобатиро дар бозори дохилии МНИ тезутунд гардонид. Дар шароити баркароргашта фаъолияти иктисодии ширкатхои дохили ба ракобатнокии махсулоти онхо вобаста буд. Филиалхои КФМ ба ширкатхои дохили таъсири мусбат расонида, мачбур месохтанд, ки онхо ба зуди технологияю усулхои нави идораро истифода карда, аз бар намоянд ва базаи илмию техникиро тараккi диханд. Дар ин шароит ташкили корхонахои ба бозори хоричи нигаронидашуда ба манфиатхои КФМ ва мамлакатхои осиёги мувофик буданд.

Дар натича, дар иктисодиёти мамлакатхои Осиёи Чанубию Шарки тагйироти дилхох ба миён омад: ба чои аввал сохахои саноати маснуотбарор баромаданд, бинобар ин содироти махсулоти саноати аз мамлакатхо зиёд шуд. Робитаи баръакс ташаккул ёфт, яъне ба мамлакатхои мутаракки селаи махсулоти тайёри содироти аз мамлакатхои Осиё равон шуд.

Мархалаи сеюми тагйироти куллии мамлакатхои ру ба тараккии Осиё бо пайвастани ба сохтори хамкории онхо ба мамлакатхои мутараккии саноати чунин омил, монанди илм анчом пазируфт. Агар дар мархалахои якум ва дуюм нисбати тадкикоти илми дар ин мамлакатхо сиёсати иктибос кардан истифода шуда бошад, мархалаи сеюм бо ташаккули иктидори дохилии илмию техники тавсиф меёбад. Корхои илмию тадкикоти асосан хислати амали доранд ва дар муассисахои илмию тадкикотии ширкатхои бузург гирд оварда шудаанд. Албатта, гузаштан ба ин сатхи тараккиёти иктисоди бе омили беруни имконнопазир аст: сухан дар бораи тайёр кардани мутахассисон дар хорича меравад.

Чи тавре дар се дахсолаи наздик татбики консепсияи тараккиёт дар мамлакатхои Осиёи Чануби Шарки нишон дод, онхо дар тараккиёт чахиши бузург карданд: суръати миёнасолии рушди иктисоди 5,5%-ро ташкил кард, ин се маротиба нисбат ба Америкаи Лотини ва 5 маротиба нисбат ба Африка баланд буд. Ба замми ин, дарачаи динамикаи баланди рушди иктисоди дар МНИ ба ФБА имконият дод, ки дар соли 1997 ин мамлакатхоро ба гурухи давлатхои мутараккии иктисоди дохил намояд. Агарчи бухрони асъорию молиявии соли 1997 дар минтака ба вукуъ пайваста вазъиятро дигаргун сохт.

Дар тули ин солхо сохтори хочагии миллии ин мамлакатхо дигаргун шуд. То ба соли 1980 хиссаи сектори аграри дар ММД МНИ Осиёи Чануби Шарки то 1% дар Гонконг ва то 14% дар Кореяи Чануби кам шуд. Хиссаи саноат бошад, дар хамон сол [1]Ч$_{3}$ ММД Сингапур, Малайзия, Кореяи Чануби, 43%-и ММД Тайван, 28%-и ММД Таиландро ташкил кардааст. Дар баробари ин бо суръати баланд дар ин мамлакатхо хиссаи (квотаи) содирот афзуд; дар Гонконг аз соли 1970 то 1980 вай аз 69%, то 91% дар Сингапур – аз 80 то 176,

дар Тайван – аз 35 то 48, дар Кореяи Чануби – аз 9 то 30, дар Малайзия – аз 44 то 54, дар Таиланд – аз 10 то 33% зиёд шудааст.

Баркарор кардани иктисодиёти мутаракки дар мамлакатхои ин минтака аз бозсозии куллии сектори аграри огоз ёфта, заминаро барои индустриякунони ба вучуд овардааст. Милликунонии мулки замини калон бо дар оянда таксим кардани замин, даст кашидан аз якказироати гузаронида шуда буд. Базаи индустриякунониро истехсолоти нассочи ташкил кард. Индустриякунонии содироти аз саноати сабук огоз ёфта, пай дар пай аз хисоби саноати электрони ва электротехники, автомобилию ва дастгохсози зиёд гардид. Аз интихои солхои 70-ум ин мамлакатхои Осиё барои ташкили сохахои илмталаб ва ташаккули базаи дохилии илмию техники шуруъ карданд. Ин таконе буд ба тагйири тамоюли содирот ба истехсоли технологии оли.

Интихоби стратегия хеле мухим аст. Япония дар вакташ харобии баъдичанги ва таъмини афзоиши содиротро бо ёрии чорахои нихоят катъи-режими нихоии протексионисти ва дахолати фаъоли давлат ба фаъолияти хамарузаи ширкатхои саноати бартараф карда тавонист. Кореяи Чануби кариб айнан тачрибаи япониро дар солхои 70-ум такрор кард. Мамлакатхои дигари Осиёи Чануби-Шарки усулхои дигари индустриякунониро, хатто дар баъзе холатхо ба фаъолияти ширкатхои саноати дахолат накарда истифода намуданд. Вале дар хамаи ин мамлакатхо як хислати умуми чой дошт – стратегияи индустриякунони бо истифода аз бартариятхои нисбии онхо гузаронида шуда, накши содироти саноатиро хамчун мухаррики асосии иктисодиёт кайд мекард. Давлатхои африкои ба бозори дохили хатто дар холате, ки иктидори индустриякунонии воридотивазкунанда тамоман сарф гардид такя мекарданд ва бо ин аз мамлакатхои осиёги фарк доштанд. Дар ягон мамлакати китъаи Африка (мумкин аст, ба истиснои Маврикий) тамоюли содироти ба сифати хавасманди барои тараккиёти саноати истифода нашудааст.

Ин тачриба андешахои зеринро ба миён меорад:.

Якум, саноат набояд тадричан, балки хеле тез тараккי намояд. Дар Кореяи Чануби ва Тайван, ки дар соли 1965 хиссаи саноат дар ММД камтар аз 20%

буд, то ба соли 1990 ин хиссаро наздик то ба 35% расониданд. Дигар мамлакатхои Осиёи Чануби –Шарки то ба ибтидои солхои 90-ум хамчунин ноил гаштанд, ки хиссаи саноат 20-28%-и ММД-ро ташкил кард.

Дуюм, индустриякунони бояд ба афзоиши босуръати содироти саноати баркарор гардад. Дар ин мамлакатхо дар тули 20 сол содироти саноати бо суръати аз 8% (Гонконг) то 19% (Кореяи Чануби), аз 17% (Филиппин) то 30% (Индонезия) дар як сол афзуд. Дар соли 1970 содироти саноати факат 8%-и даромади содиротии Индонезия, Филиппин, Малайзия, Таиландро ташкил карда буд. Дар соли 1990 Индонезия аз содироти саноати 35% -и даромади содироти, Малайзия –44, Филиппин – 62, Таиланд - 65% гирифтанд. То як андоза мамлакатхои осиёги аз афзоиши пуравчи бозорхои чахонии саноати дар солхои 70-ум истифода карданд. Вале пиндоштани он, ки корро гуё факат афзоиши такозои чахони хал карда бошад, хатои махз аст. Кайд кардан чоиз аст, ки дар солхои 1970-1988 мамлакатхои Осиёи Чануби-Шарки хиссаи худро дар бозори чахонии саноати аз 3,5 то 12% зиёд карданд, мамлакатхои континенти Африка бошад, базур хиссаи худро дар сатхи 0,5% нигох дошта тавонистанд.[i] Ба ибораи дигар, комёбии содироти саноатии мамлакатхои осиёги, пеш аз хама, дар асоси сиёсати фаъолонаи онхо дар бозори чахони муайян карда мешавад, афзоиши умумии такозо ба махсулоти саноати факат комёбии онхоро назаррас гардонданд.

Сеюм, индустриякунони бояд барои истифодаи бартарияти нисбии мавчудбуда баркарор карда шавад. Кореяи Чануби, Гонконг ва Сингапур хеч кадом сарватхои табиии надоштанд ва барои аз худ кардани бозорхои чахонии молхои мехнатталаби саноати такя карданд. Дар солхои 50-уми Тайван ба содироти махсулоти хочагии кишлок машгул буд, вале дар мухлати кутохи вакт самти содиротро тагйир дода ба содироти махсулоти мехнатталаби саноати ру овард. Ва факат дар вакте, ки захирахои мехнатии ин мамлакатхо пурра чалб карда шуданд ва дар баробари ин андухти сармоя (“инсони” ва “шайъи”) таъмин шуд, бартарияти нисбии онхо тагйир ёфт ва онхо ба содироти молхои сармояталаб ва илмталаб шуруъ карданд.

Чорум, индустриякунони бояд ба пойдоршавии “вазъияти некуовари” (ин мафхум хамчун антоними “вазъияти беилоч” истифода мешавад) оварад. Афзоиши содирот дар як вакт ба зиёд шудани шугл, музди кори хакики ва хосилнокии мехнат меоварад, ки барои боз хам зиёд намудани содирот ва гайра мусоидат мекунад.

Индустриякуноние, ки ба хислатхои дар боло зикршуда чавобгу мебошад, дар мамлакатхои осиёги факат туфайли  чой доштани заминахои муайян имконпазир гардид:

-режимхои устувори идоракуни, ки индустриякунонии тамоюли содиротдоштаро шиори сиёсии худ эълон карданд, вале татбики онро ба корозмудагони аз фишори сиёси озод ва кушиши истифода накардани вазифаи худ барои бойшавии шахси надошта вогузор намуданд;

-сиёсати макроиктисодии ба индустриякунони кумаккунанда (курби мубодилави, ки мувофики тагйирёбии нарххои дохили ва чахони муайян карда мешавад, касри начандон калони буча, инфлятсияи паст);

-инвеститсияи (маблаггузории) калон дар хочагии кишлок ба максади баланд бардоштани хосилнокии мехнат дар хочагии кишлок. Ин имконияти зиёд кардани кувваи кориро барои индустриякунони, боз доштани афзоиши музди корро дар саноат (бо сабаби арзонии хуроквори) ба вучуд овард, ки ракобатнокии молхои истехсолкардашударо дар бозори чахони таъмин менамуд ва нихоятан, аз  содироти махсулоти хочагии кишлок даромади бисёр медод, даромадхое, ки онхо барои бо маблаг таъмин кардани индустриякунони истифода шуда метавонанд;

- озодии нисбии бозорхои мехнат ва сармоя. Бо вучуди он ки бозорхои молияви дар зери танзимкунии катъии давлати карор доштанд, мавчуд будани бозорхои кредитии гайрирасми (дар Кореяи Чануби ва дар Тайван), ё ин ки табдил ёфтани меъёрхои милли  аз руи амалиёти харакати сармоя (дар хамаи дигар мамлакатхо) ба сохибкорони дар индустриякунони сахмгиранда, имконияти гирифтани кредитро бо ставкаи фоизи аз бозори пасттар фарохам оварда буд;

-хавасманд кардани сохибкорони дохили.

Яке аз заминахо мавкеъи чугрофи ба хисоб меравад. Мамлакатхои Осиёгии Шарки дар наздикии Япония чойгир шудаанд ва тачрибаи индустриякунонии онро медонистанд – комёбихои япони имкон доданд, ки онхо часурона индустриякунони босуръатро гузаронанд. Баробари ин мамлакатхои Осиёи Чанубию Шарки ба хамон бозорхои чахонии молхои саноатии мехнатталаб ворид мешуданд, ки Япония аллакай ба онхо ворид шуда буд (ва баъдтар бо сабаби гузаштан ба содироти махсулоти нисбатан мураккаб аз онхо рафт). Дар мархалахои аввали индустриякунонии ин мамлакатхо, ширкатхои япони ба онхо сармоягузори мекарданд, ки барои тезонидани тараккиёти саноати нихоят зарур буданд.

Шаклхои гуногуни стратегияи осиёгии индустриякунонии тамоюли содиротидошта мавчуд аст.

Пеш аз хама – "индустриякунони дар иктисодиёти пурра кушод". Ин шакли стратегия дар Сингапур ва Гонконг истифода шудааст. Хукумат бар он акида буд, ки ба тараккиёти саноати бозори чахони такон медихад. Агар давлат ба кувваи бозори чахони бо истифода аз тарифхо, андозхо, танзимкунии нарх ва субсидиякунии карз халал нарасонад, содироти саноати аз хама шугли фоидаовар мегардад ва индустриякунони худ ба худ сурат мегирад. Дар Гонконг чунин стратегияи неоклассики нихоят муттасил гузаронида шуд, хукумат комилан ба иктисодиёт дахолат намекард. Агарчи, дар Сингапур хукумат музди корро танзим мекард ва сектори калони давлатро нигох медошт. Тачрибаи ин ду шахр –давлатхо нишон медихад, ки иктисодиёти пурра кушод хеле бо суръати баланд индустрия кунонида мешавад.

Шакли дигари стратегия – "индустриякунони дар заминаи дахолати давлат бо назардошти куввахои бозори", - дар Кореяи Чануби ва дар Тайван истифода шуда буд. Мувофики дастуруламали неокласскии ин мамлакатхо (ба монанди Сингапур ва Гонконг) кушиш мекарданд ба баланд шудани курби асъори милли рох надиханд ва на он кадар ба фаъолияти муътадили бозори мехнат халал мерасониданд, ба хар хол музди кор дар сатхи паст карор дошта,

барзиёд будани кувваи кориро нишон медод, то он вакте ки афзоиши содироти саноати зиёдшавии такозоро ба кувваи кори ба миён наовард ва музди кор бо рохи табии зиёд нагардид. Вале дар солхои 60-ум Кореяи Чануби ва Тайван сатхи хел баланди субсидиякунонии (ёрии пули додан) саноатро дастгири карданд, илова бар ин Кореяи Чануби дар сатхи баробар истехсолотро хам барои бозори дохили ва хам хоричи бо маблаг таъмин мекард, Тайван бошад, бартариятро барои бо маблаг таъмин кардани саноати содироти дода буд. Бо ин онхо аз дигар мамлакатхои ру ба таракки, ки дар он вакт индустриякунонии воридотивазкунандаро мегузарониданд, ки дар бартарияти маблагдихи барои истехсол ба бозори дохили нигаронида шуда буд, фарк мекарданд. Аммо аз Сингапур ва Гонконг, Кореяи Чануби ва Тайван на камтар фарк мекарданд, чунки назарияи неоклассикии иктисодиёти кушод умуман чой надоштани кумакхои пулиро дар назар дорад. Хамин тавр, ин ду мамлакат, масалан, аз мамлакатхои Америкаи Лотини аз руи максад, на аз руи сатхи додани кумакхои пули барои индустриякунони фарк мекарданд. Сатхи додани кумакпулихо дар саноати Кореяи Чануби, монанди Колумбия ва Аргентина баланд буд.

Мамлакатхои Осиёи Чанубию Шарки дар хар хол индустриякунонии тамоюли содиротидоштаро бо комёби гузарониданд. Сабаби комёби ду чихат дошт.

Якум, дар ибтидо содироти молхои мехнатталаби аз тарафи ширкатхои начандон калон истехсол кардашуда ташаккул ёфт. Онхо на он кадар аз ставкаи баланди фоизи карз дар бозори гайрирасми зарар медиданд, - барои онхо аз кредит дида на он кадар зиёд дахолат накардани давлат ба фаъолияти бозори мехнат мухимтар буд, ки имконияти дар сатхи нисбатан паст нигох доштани музди корро таъмин мекард.

Дуюм, дахолати давлат дар индустриякунони танхо барои хавасманд гардонидани содирот нигаронида шуда буд.

Умуман, стратегияи индустриякунонии дар мамлакатхои Осиёи Чанубию Шарки мавриди истифода карор гирифта хеле одди буд. Татбиксозии ин стратегия аз онхо ичро кардани ин корхоро талаб кард:

- барои индустриякунонии суръатноки тамоюли содиротидошта баркарор кардани заминахои зерин зарур аст: хукумати устувор, сиёсати макроиктисодии одилона, баланд бардоштани хосилноки дар хочагии кишлок, ташаккулёби ва нисбатан мустакил будани бозорхои молияви, хавасманд кардани ташаббускорони акаллияти этники ва сармоягузорони хоричи, хукуки даромадан ба бозорхои афзудаистодаи чахони;

- истифодаи бартариятхои нисбии хакикатан чойдошта. Дар мархалахои аввали истифодаи стратегияи тараккиёти иктисоди инвеститсияхоро бояд асосан ба сохахои ашёи хоми содироти ва хочагии кишлок равона кард, ки онхо базаи рушди саноатиро ба вучуд меоранд. Дар катори ин, хукумат бояд истехсолоти мехнатталаби содироти ва коркарди аввали намудхои алохидаи ашёи хоми минерали ва хочагии кишлокро хавасманд гардонад.

Хусусияти стратегияи тараккиёти иктисодии ин мамлакатхо сиёсати чалби маблаггузори (инвеститсияи) хоричи буд. Дар ибтидои солхои 90-ум се мамлакат (Индонезия, Малайзия, Таиланд) назар ба хамаи мамлакатхои Африка дар мачмуъ панч маротииба зиёдтар сармояи (инвеститсияи) хоричиро чалб карданд. “Модели осиёги” дар назар дорад, ки сармояи (инвеститсияи) хоричи барои истехсоли молхои саноати, хам ба бозори дохили, ва хам ба содирот истифода мешавад.

Умуман, чунин хулоса кардан мумкин аст, ки “модели осиёгии” дар Кореяи Чануби, Таиланд, Индонезия, Малайзия ва дар Филиппин мавриди истифода карор гирифта аз он иборат аст, ки хамаи иктисодиёт барои содирот-содироти махсулоти саноати ва ашёи хом кор мекард. Тамоюли содироти бо усулхои гуногун гузаронида шуд, вале онхо ба максади асоси расиданд: дар миёнаи солхои 90-ум ин мамлакатхо пешсафони маъруфи рушди иктисоди гаштанд.

***2.Мамлакатхои нави индустрияви: модели Америкаи Лотини***

Манзараи дигари истифодаи модели тезонидани содирот дар мамлакатхои Америкаи Лотини чилва намуд. Сиёсати тамоюли содироти дар аксарияти ин мамлакатхо дар ибтидои солхои 70-ум эълон шуда буд. Дар ин вакт аз сабаби он, ки аксарияти марказхои донишгоххои Америкаи Лотини чун анъана мактаби иктисодии тавоно доранд, дар ин чо акидахои хеле гуногун оид ба консепсияи тамоюли содироти иктисодиёт чой доштанд. Дар идеяхои монетаристии М. Фридман сиёсати иктисодии Аргентина, Уругвай, Чили ташкил ёфтааст. Консепсияи бразилиягии тараккиёти иктисоди ба хавасмандгардонии хаматарафаи сохахои содироти нигаронида шуда буд. Дар мамлакатхои дигари минтака акидахое  хукмрон буданд, ки ба назарияи бартарияти нисбии Д. Рикардо, омилхои истехсолоти Хекшер-Олин ва назарияи давраи харакати махсулоти Р. Вернон такя мекарданд.

Консепсияи ру овардан ба робитахои иктисодии хоричи дар мамлакат баркарор кардани иктидори содироти, чалби васеи сармояи хоричи, зиёд кардани тичорати дохилиминтакавиро дар назар дорад. Татбики хамаи ин чараёнхо дар мамлакатхои зиёдтар омодабудаи Америкаи Лотини огоз шуданд.

Давлатхои калони саноатии китъаи Америкаи Лотини, имконнопазирии тараккиёти иктисодиро дар доираи консепсияи индустриякунонии воридотивазкунанда дарк намуда, барои ташкил кардани иктидори потенсиалии содироти шуруъ карданд. Бар замми ин, фаъолияти КФМ Америкаи Шимоли ва Германия фаъол гардиданд, ки инхо чун анъана дар ин минтака манфиатхои худро барои ташкил кардани корхонахои фаръи доранд. Мамлакатхои пешсафи китъа, Аргентина, Бразилия, Мексика, ки “сегонаи калон” номида мешаванд, бо кумаки КФМ ба ташкили истехсолоти сармояталаб ва технологияи оли шуруъ карданд.

То соли 1980 вазни хоси саноат дар ММД-и мамлакатхои минтака то 30% зиёд шуд. Дар соли 1980 истехсоли махсулоти саноати дар Америкаи Лотини ба 60,8 млрд. долл. расид, содироти махсулоти саноати маснуотбарор аз 1,7 млрд. долл. дар соли 1970 то 16,0 млрд. долл. дар соли 1980 зиёд шуд.

Дар тараккиёти саноатии мамлакатхои Америкаи Лотини накши сармояи хусусии хоричи ва КФМ бенихоят калон аст. Аз мобайни солхои 60-ум КФМ ШМА ва Германия як катор истехсолоти мехнат – неру ва масолехро ба худуди ин мамлакатхо гузаронидаанд. Дар солхои 70-ум баркарор кардани минтакахои содиротию истехсоли (МСИ) огоз ёфт, ки дар онхо саноати электрони ва электротехники тараккi кард. Масалан, то солхои 80-ум дар Мексика зиёда аз дах МСИ фаъолият мекарданд.

Бо монанди минтакаи Осиё, хукумати давлатхои Америкаи Лотини танзимкунии фаъолонаи чараёни зиёд кардани истехсоли содиротиро мегузаронанд. Аммо ин чараён чунин натичахои назаррасро, ки дар Осиё ба онхо ноил шуда буданд, надоштанд. Ба хукумати ин мамлакатхо гирифтани пеши рохи гурехтани сармоя ба хорича, харакати вай ба сохахои гайриистехсоли, муомилоти ханноти, ифроткории табакахои бойи ахоли ва гайра муяссар нагардид. Дар натича дар солхои 90-ум вазни хоси шаш мамлакати Америкаи Лотини (Аргентина, Бразилия, Венесуэла, Колумбия, Мексика, Чили) дар содироти моли ва саноатии мамлакатхои ру ба тараккi кам шуд.

Тараккиёти мамлакатхои Америкаи Лотини барои тезонидани содирот бо чалби васеи сармояхои давлати ва хусуси ба вукуъ пайваст.

Дар натича, бо суръати афзоянда карзи ин мамлакатхо, чи дохили, ва чи хоричи зиёд гардид. То соли 1980 карзи умуми берунии мамлакатхои Америкаи Лотини ва хавзаи Кариб ба 220,4 млрд. долл. расид, ки аз онхо ухдадори дар назди бонкхои хусуси (кисми нихоят гарони карзи хоричи) 75%-ро ташкил мекарданд. Дар соли 1982, вакте ки бухрони карзи дар авч буд, карзи ин мамлакатхо 289,4 млрд. долларро ташкил кард ва 70%-и хамаи ухдадорихоро хиссаи бонкхои хусусии тичорати ташкил мекарданд.

Тахлили динамикаи карзи хоричии давлатхои минтака дар тули вакти татбиксозии барномаи тезонидани содирот марокангез аст. Масалан, дар соли 1970 карзи хоричии Бразилия 5,0 млрд долл., дар соли 1982 - 63 млрд.долл; Мексика – 3,8 ва 55 млрд. долл.; Аргентина – 2,5 ва 32 млрд. долларро

мувофикан ташкил карда буд. Дар мобайни солхои 70-ум бузургии умумии карзи минтакавии хоричи ба 69,1 млрд. долл., дар мобайни солхои 80-ум – 379, 2 млрд. долл. ва дар солхои 90-ум – аллакай ба 608,0 млрд. долл. расида буд. Хамин тавр, дар 20 сол карз зиёда аз 8 маротиба зиёд шуд.

Чунин зиёдшавии карзи хоричии мамлакатхои Америкаи Лотини ба як катор омилхо вобаста аст.

Сабаб он, ки зиёд шудани талаботи ин мамлакатхо ба карзи хоричи ба сабаби гузаронидани сиёсати тезонидани содирот, ба як катор тагйироти барои карздорон номусоид дар муносибатхои байналхалкии асъорию кредити мувофик омад. Дар солхои 70-ум шикасти механизми асъори Бреттонвудс ба окибатхои зерин овард: доллар хамчун асъори асосии системаи чахони дигар ба тилло табдил намеёфт ва, хамчун натича, якчанд маротиба девалватсия шуд; барбод рафтани системаи паритетхои асъории собит карда шуда ва баркарор шудани курби тагйирёбандаи асъорхо; ба сабаби афзоиши бемисли нархи нафт, бухрони энергетики бавучудомада, бухрони асъориро таквият дод ва тезутунд кард; такозои нокифоя ба воситахои карзи дар давлатхои мутаракки дар шароити барзиёд будани нисбии онхо дар нимаи дуюми солхои 70-ум хавасмандии пешниходкунандагони асосии ин воситахо-бонкхои тичоратиро дар чойгирку-нии онхо дар мамлакатхои ру ба таракки водор кард. Хамаи ин умуман ба вайроншавии кобилияти харидории карздорон ва ба таъхир андохтани ухдадорихои оид ба пардохти карзхо овард. Кумаки хоричии ба осони гирифташуда барои консепсияи тезонидани содирот аллакай баъд аз мухлати кутохи вакт харочоти калонро барои истифодабарии карзхо ва пардохти онхо талаб кард.

Вале маблаггузории хаматарафаи молиявии мамлакатхои минтакаи Америкаи Лотини на факат окибати манфи дошт. Натичахои мусбати ин чараён низ чой доштанд. Якум, интегратсияи ин мамлакатхо ба системаи байналхалкии асъору молия таъмин карда шуд. Дуюм, дар солхои 80-ум рушди иктисодии назаррас дар ин мамлакатхо ба миён омад: дар Бразилия –

8,2 %, дар Мексика – 6,4% дар шароити 5,5 фоиз бо хисоби миёна дар чахони ру ба таракки.

**Адабиёт:**


1. Мировая экономика и международные экономические отношения. Практикум : учебное пособие / под ред. В.К. Поспелова. – 2-е изд., испр. и доп. – Москва : ИНФРА-М, 2020. – 164 с.

2.Мозгоев, А. М. Мировая экономика и международные экономические отношения : учебник / А. М. Могзоев. — Москва : РИОР : ИНФРА-М, 2020. — 228 с.

3.Овчаренко, Н. А. Мировая экономика и международные экономические отношения : учебник для бакалавров / Н. А. Овчаренко. – 2-е изд., перераб. – Москва : Дашков и К, 2021. – 208 с.

4.Раджабова, З. К. Мировая экономика : учебник / З.К. Раджабова. – 5-е изд., перераб. и доп. – Москва : ИНФРА-М, 2019. – 369 с.

5.Спиридонов, И. А. Мировая экономика: Учеб. пособие / И.А. Спиридонов. – М.: ИЦ РИОР: ИНФРА-М, 2019. – 128 с.

6.Тихий, В. И. Мировая экономика и международные экономические отношения : учебное пособие / В. И. Тихий, О. В. Корева. – Москва : РИОР : ИНФРА-М, 2021. – 259 с.

7.Халевинская, Е. Д. Мировая экономика и международные экономические отношения : учебник / Е. Д. Халевинская. – 3-е изд., перераб. и доп. – Москва : Магистр : ИНФРА-М, 2020. – 400 с.

8.Хасбулатов, Р. И. Международные экономические отношения в 3 ч. Часть 1 : учебник для вузов / Р. И. Хасбулатов. – 3-е изд., перераб. и доп. – Москва : Издательство Юрайт, 2021. – 337 с.

9.Хасбулатов, Р. И. Международные экономические отношения в 3 ч. Часть 2 : учебник для вузов / Р. И. Хасбулатов. – 3-е изд., перераб. и доп. – Москва : Издательство Юрайт, 2021. – 358 с.

10.Хасбулатов, Р. И. Международные экономические отношения в 3 ч. Часть 3 : учебник для вузов / Р. И. Хасбулатов. – 3-е изд., перераб. и доп. – Москва : Издательство Юрайт, 2021. – 362 с.

11.Веснин В. Р., Поникаров В. А. Мировая экономика. Краткий курс. Учебное пособие. — М.: Проспект. 2017. 128 с.

12.Галищева Н. В. Мировая экономика. Том 2. — М.: МГИМО. 2017.146с.

13.Григорян К. Г., Михайлов О. В., Смагулова С. М. Мировая экономика. Учебник и практикум. — М.: Юрайт. 2017. 194 с.

14.Дерен В. И. Мировая экономика и международные экономические отношения. Учебник и практикум для бакалавриата и магистратуры. — М.: Юрайт. 2019. 588 с.

15.Ермолаева Н. М. Ермолаева Н. М. Мировая экономика и мировые экономические отношения. — М.: Аспект Пресс. 2018. 396 с.

**Тестхо оиди мавзуи 5.4.**

**1.Нишондиҳандаи анъанавии иқтисодиёти кушод ин?** A) ҳиссаи содирот, ҳиссаи воридот, ҳиссаи тиҷорати берунӣ;B) ҳиссакунонии содирот ва хиссаи ММД;C) ҳиссакунонии воридот;D) ҳиссакунонии тиҷорати берунӣ;E) Ҳаҷми содироти такрорӣ.

**2.Нишондиҳандаи анъанавии иқтисодиёти кушод ин?**

A) ҳиссаи содирот, ҳиссаи воридот, ҳиссаи тиҷорати берунӣ;B) ҳиссакунонии содирот ва хиссаи ММД;C) ҳиссакунонии воридот;

D) ҳиссакунонии тиҷорати берунӣ;E) Ҳаҷми содироти такрорӣ.

**3. Барои мамлакатҳои рӯ ба инкишоф кадом проблемаҳои асосӣ хос мебошанд**?A) проблемаи сармоя, проблемаи истифодаи технологиҳои нав, проблемаи истифобарии захираҳои табиӣ, проблемаи захираҳои инсонӣ;B) проблемаи оби тоза, проблемаи касалиҳои сирояткунда, проблемаи

энергетикӣ, проблемаи дарёфт намудани сарчашмаҳои нави асъори хориҷӣ;C) проблемаи паҳншавии яроқи ядроӣ, проблемаи фарсудашавии пулҳои қоғазӣ, проблемаи пешгирӣ намудани беқурбшавии пулӣ миллӣ, проблеами азхудкунии оқёнусҳо;D) ҷавобҳои овардашуда нодуруст;E) ҷавобҳои овардашуда дурустанд.

**4.Барои мамлакатҳои нави саноатии Осиёи Ҷанубу Шарқӣ кадом модели тараққиёт хос буд?** A) воридотивазкунанда;B) ба содиротнигаронидашуда;C) воридотивазкунанда ва ба содиротнигаронидашуда;D) ҷавобҳои овардашуда нодуруст;E) ҷавобҳои овардашуда дурустанд.

**5. Шаклҳои асосии МИБ-ро қайд кунед?** A) Тақсимоти байналхалқии меҳнат, муносибатҳои байналхалқии асъори қарзӣ, тиҷорати байналхалқӣ, ҳаракати байналхалқии сармоя, ва интегратсияи иқтисодии байналхалқӣ;B) тиҷорати байналхалқӣ, ҳаракати байналхалқии сармоя, муҳоҷирати байналхалқии қувваи корӣ, мубодилаи байналхалқии технологӣ, муносибатҳои байналхалқии асъори қарзӣ, интегратсияи иктисодӣ;

C) муҳоҷирати байналхалқии қувваи корӣ, мубодилаи байналхалқии технологӣ, муносибатҳои дохилии асъори қарзӣ;D) тиҷорати байналхалқӣ, ҳаракати байналхалқии сармоя, мубодилаи тестӣ ва муносибатҳои байналхалқии асъори қарзӣ, интегратсияи иктисодӣ;

E) Муносибати байналхалқии сиёсӣ, муносибатҳои байналхалқии асъори қарзӣ, интегратсияи иктисодӣ.

**6. Мамлакатҳои гурӯҳи «Бабрҳои Осиёгӣ»-ро номбар кунед?** A) Кореяи Ҷанубӣ, Сингапур, Гонконг, Малайзия;B) Кореяи Ҷанубӣ, Сингапур, Бразилия, Малайзия;C) Кореяи Ҷанубӣ, Сингапур, Аргентина, Малайзия;D) Мексика, Сингапур, Гонконг, Малайзия;

E) Хитой, Сингапур, Филиппин, Кореяи Шимолӣ.

**7.Ба сифати объектхои МИБ баромад мекунанд?** A) Молҳо ва хизматҳое, ки дар доираи тиҷорати байналхалқӣ гардиш меёбанд;B) Ташкилотҳои

байналхалқии иқтисодие, ки муносибатҳои хоҷагидории мамлакатҳоро дар арсаи ҷаҳони танзим мегардонанд;C) Ҳамкории бисёртарафа гуногунҷабҳаи мамлакатҳо ва ташкилотҳои байналхалқӣ дар доираи экология ва ҳалли масъалаҳои характери умумибашари дошта;D) Мамлакатҳои дар сохти гузариш қарордошта;E) Мамлакатҳои рӯ ба инкишоф ва тараққикарда.

**8.Дар асоси ҳаракати омилҳои истеҳсолот байни мамлакатҳо ба вуҷуд меоянд?** A)Тақсимоти байналхалқии меҳнат;B) Муносибатҳои иқтисодии байналхалқӣ;C) Прогресси илмию-техникӣ;D) Масъалаҳои умумибашарии хоҷагии чаҳонӣ;E) Ҳамаи ҷавобҳо дурустанд.

**9.Субъекти МИБ инҳоянд?** A) Тақсимоти байналхалқии меҳнат;B) Ҳаракати байналхалқии сармоя;C) Ҳаракати байналхалқии қувваи корӣ;D) Мубодилаи байналхақии технология;E) Ширкатҳои хусусӣ, корхонаҳо соҳибкорони алоҳида сохторҳои давлатӣ, ташкилотҳои байналхалқи ва иттиҳодияҳои байналхалқӣ.

**10. Маҷмӯи муносибатҳои иқтисодии байналхалқии муосир ин?** A) Тақвият додани робитаҳои байнииякдигарии байни мамлакатҳои гуногун;B) Ташкили системаи байнидавлатии махсусгардонии байналхалқӣ ва кооператсияи истеҳсолот;C) Тақвият додани робитаҳои байнииякдигарӣ ва вобастагии муносибатҳои байналхалқии иқтисодии муосир;D) Ташаккул ва инкишофи системаҳои иқтисодии миллии мамлакатҳои алоҳида мебошад;E) Ҳамаи ҷавобҳо дурустанд.

## МАВЗӮИ № 6

**Хусусиятхои мамлакатхои дорои иктисодиёти ру ба инкишоф**

**1.Хусусиятхои умумии иктисодии мамлакатхои ру ба тараккi.**
**2.Проблемахои асосии иктисодии мамлакатхои ру ба таракки.**
**3.Мархилаи тартиботи нави байналхалкии иктисоди. Накши мамлакатхои ру ба таракки ва созмонхои байналхалкии иктисодӣ**
**.**

**1.Хусусиятхои умумии иктисодии мамлакатхои ру ба таракки.** Гурухи мамлакатхои иктисодиёти ру ба инкишоф, ки зиёда аз 120 мамлакатхои ру ба

тараккиро муттахид мекунад, гуногунтаркиб буда дар онхо кариб 70%-и ахолии чахон зиндаги мекунад. Ба ин гурух хам мамлакатхои нави индустрияви (саноати), Америкаи Лотини  ва хам давлатхои аз назари иктисоди нихоят сусттараккикардаи Африка (чанубтари Сахара), Осиёи Шарки, Осиёи Чануби шомил мешаванд. Зерсистемаи мамлакатхои ру ба тараккиро ба панч гурух таксим менамоянд:

1) мамлакатхои нави индустриявии (саноатии) насли якум ва баъдина (кишвархои МНИ);

2) мамлакатхои бузурги ру ба тараккi, ки теъдоди ахоли (на камтар аз 70-75 млн. нафар) ба сифати меъёр истифода мешавад. Ба ин талабот мамлакатхои зерин ба монанди: Бангладеш, Бразилия, Хиндустон, Индонезия, Мексика, Нигерия ва Покистон чавоб дода метавонанд.

3) мамлакатхои нафтистехсолкунанда (пеш аз хама мамлакатхои аъзои созмони мамлакатхои нафтсодиркунанда ОПЕК);

4) мамлакатхои тибки нишондихандахои асоси мавкеъи миёнаро ишголкарда;

5) мамлакатхои нихоят сусттараккикарда.

Таксими мамлакатхои ру ба тараккi ба гуруххо аз гуногунтаркибии онхо ба миён меояд. Барои тахлили иктисодии акибмонда будани ин мамлакатхо чудокунии онхо факат дар асоси нишондихандаи даромади миёна ба як нафар нокифоя мебошад. Мамлакатхои  нафтистехсолкунанда, масалан, нишондихандахои баланди даромади миллиро ба як нафар (ба мамлакатхои Европаи Гарби баробар ва хатто аз онхо баланд) ноил гаштанд, вале онхо ба катори мамлакатхои мутамаддини иктисоди марбут шуда наметавонанд, чунки мувофики аксарияти нишондихандахо онхо ба мамлакатхои ру ба тараккi наздик мебошанд. Мамлакатхои нави индустрияви хатман бояд ба гурухи алохида чудо карда шавад. Музафффарияти онхо дар бартарафсозии акибмондаги аён аст. Вале музаффарият ба туфайли якчоякунии бехамтои омилхои дохили ва хоричи дастрас гаштааст, ки хар яки онхо, дар навбати худ такрорнашавандаанд.

Дар давраи муосир хеле тагйир ёфтани шароити иктисодии хоричи ва сиёсии хоричи назар ба онхое, ки дар ибтидои тараккиёти мамлакатхои нави индустрияви чой доштанд, ба назар мерасад. Факат кисми ками мамлакатхои ру ба тараккi барои рушди босуръати саноати шароитхои зарурии дохилиро доранд.

Сусттараккикарда будани мамлакатхои нихоят номутараккi хеле хусусиятхои ба худ хосро доранд. Ин гурух 41 мамлакат, аз он чумла дар Осиё –8, Америкаи Лотини – 1, Океания – 4, Африка – 28 мамлакатро дар бар мегирад. Тибки маълумоти СММ дах сол пеш дар Африка 17 мамлакати хеле номутаракки чой дошт.

Барои ин гурухи мамлакатхо мутлако кобилият надоштани иктисодиёт дар таъмини талаботи минималии ахоли, ки зиёда аз 400 млн. нафарро ташкил карда, хар сол 2,4% зиёд шуда истодааст, характернок мебошад. Дар аксарияти давлатхои ин гурух суръати афзоиши ахоли аз суръати афзоиши даромади милли баланд аст. Истехсоли озукавори ба як нафар ахоли дар солхои 1980-1990-ум хар сол дар хачми 0,8 % кам шуд.

Барои мамлакатхои ин гурух набудани чои кори, даромадхои камтарин ва истеъмоли нокифояи аксарияти ахоли хос аст, ки дар навбати худ барои пасандоз ва ташкили фонди андухт имконият намедихад ва хамчун натичаи ин баркарор кардани чойхои нави кор ва афзоиши даромадхои ахоли имконнопазир мегардад. Шикастани чунин «вазъияти ночори» факат ба акаллияти мамлакатхои сусттараккикарда муяссар мешавад. Хамин тарик, хусусиятхои умумии иктисодии мамлакатхои ру ба инкишоф инхоянд:

-дар сохтори сохавии ин мамлакатхо хочагии кишлок ва ё сохаи саноати истихроч хиссаи нисбатан зиёд дорад. Аз ин чихат ин мамлакатхо ба ду гурух чудо мешаванд:содиркунандагони ашёи хоми саноати ва махсулоти хочагии кишлок ва соодиркунандагони махсулотихоми саноати истихроч.

-дар давлатхои ру ба тараккi саноати коркард хиссаи нисбатан кам дошта бештар ба истехсоли махсулоти нимтайёр махсус гардонида шудаанд,

-дарачаи истифодаи технологи дар ин мамлактхо паст буда бештар тачхизоти кисман ва маънави кухнашударо истифода мебаранд. Инчунин дарачаи автоматикунонии истехсолот паст аст.

-сатхи маълумотнокии ахоли ва пешрафти маориф дар ин мамлакатхо нисбатан паст буда кариб 90%-и ахоли бесавод аст. Бинобар кам будани давомнокии маълумоти умумии миёна (7-8 сол) хосилнокии мехнат паст мебошад.

-иктисодиёти мамлактхои ру ба тараккі бисёрнизоми буда якчанд сохторхои ичтимоию иктисоди дар худуди як мамлакат амал мекунанд,

-дарачаи бекори (40%), бекурбшавии пули милли (30%) баланд аст,

-карзи берунии ин мамлакатхо, ки асосан ба мамлакатхои тараккикарда карздоранд, зиёд буда солхои охир 800-900 млрд. долларро ташкил медихад. Ин масъала ба бухрони карзи оварда хар сол аз тарафи ташкилотхои байналхалкии молияви як кисми карзи онхо бекор карда мешавад.

**2.Проблемахои асосии иктисодии мамлакатхои ру ба тараккі.** Проблемахои тараккиёти иктисодии собик мустамликахо, ниммустамликахо ва территорияхои номустакил (тобеъ) баробари дар назарияи муосири иктисоди доштани мазмуни умуми, боз як катор хислатхои ба худ хос ва фарккунанда доранд:

1. Проблемаи истифодаи захирахои табии. Ин мамлакатхо аз чихати манбахои табии нисбатан бой буда бинобар норасоии сармоя, мутахассисон ва технологияхои пешкадам онхоро гайрисамаранок истифода мебаранд.
2. Проблемаи истифодаи манбахои инсони. Дар ин гурухи мамлакатхо кувваи кори арзон буда он сохиби тахассуси паст аст ва бо мехнати чисмони асосан машгул мебошад. Барои тайёр кардани мутахассисон шароитхои мусоид вучуд надорад.
3. Проблемаи истифодаи сармоя. Дар мамлакатхои ру ба инкишоф норасоии сармояи дохили ва инчунин шароити номусоид барои чалби онхо ба назар мерасад. Ба ин мамлакатхо асосан сармояи

хоричи бо усулхои гуногун чалб карда шуда байни мамлакатхои ру ба тараккй барои чалби он ракобати шадид амал мекунад.

4. Проблемаи истифодаи технологияхо. Ин мамлакатхо технологияи пешкадам ва навро дар процесси истехсолоти худ кариб ки истифода намебаранд, зеро барои истифодаи он маблаги кифоя надоранд. Аммо онхо бартарияти истифодаи технологияро доранд, чунки дар КИТТК маблаг сарф накарда технологияи нав ихтироъшударо истифода метавонанд баранд.

Ин чор проблема ба хамдигар алокаманд буда халли яке аз онхо метавонад ба халли дигар проблем оварда расонад

Иктисодиёти ру ба инкишоф дар баробари самаранок истифода намудани захирахои махсуси истехсоли ва таъмини арзиши устувори онхо бо механизмхои иктисоди ва ичтимои, сиёси ва институтсионали (давлати ва хусуси) сару кор дорад, ки барои дар мухлати кобили кабул аз назари таърихи таъмини бехтарнамоии кулли шароити зиндагии ахолии мамлакатхои ру ба тараккй заруранд.

Дар тафовут аз мамлакатхои дорои иктисодиёти рушди устувор дар аксарияти мамлакатхои ру ба тараккй бозорхои моли ва захирави бисер деформатсияшуда мебошанд, истеъмолкунандагон ва истехсолкунандагон ахбороти заруриро надоранд, дар иктисодиёт ва чамъият чараёни азнавсозии куллии таркиби амали гардида истодааст, холати нобаробари ва баробарии сохта афзалият дорад, дар шароите, ки нарххо, арза ва такозо дар холати номувозиноти карор гирифтаанд. Хамин тарик, иктисодиёти ру ба инкишоф шароитхои иктисоди, фарханги ва сиёсиеро меомузад, ки барои гузаронидани тагйиротхои сохтори ва институтсионалии чамъиятхои гуногун ба максади бо рохи самаранок пахн кардани натичахои пешрафт ба табакахои гуногуни ахоли зарур мебошанд.

Масъалахои муосири мамлакатхои ру ба тараккй чунин нодир ва калонанд, ки истифодаи назарияхои анъанави мазмуни онхоро кушода наметавонанд. Рохи усулхои гайристандарти барои тахлили масъалахои иктисодии хамчун

анъанави зохиршаванда зарур мебошад. Мурочиат кардан ба принсипхои анъанавии иктисоди барои дуруст дарк кардани масъалахои тараккиёт аз ахамият холи нест, вале набояд барои муайян кардани хусусияти хакикии шароити махалли дар мамлакатхои сусттараккикарда халал расонад. Принсипхои экономикс хангоми истифода кардан дар мамлакатхои рубатараккки, бояд дар контексти умумии системаи ичтимоии мамлакат ва беш аз ин дар контексти байналхалки ба назар гирифта шавад. Сабаби бисёр нокомихои сиёсати тараккиёт дар мамлакатхои ру ба тараккки бошуурона ва ё бешуурона истиснонамои аз тахлили тагйирёбандахои гайрииктисоди (масалан, накши хукукхои анъанавии моликият дар таксими захирахо ва даромадхо, ё ин ки таъсири дин дар азнавсози ва банакшагирии оила ва гайра) ташкил карда буд.

Аллакай дар солхои 70-ум мафхуми инкишоф ба тагйирёби дучор шуд: тавaччух ба бартарафсози ё ин ки кам кардани микёси кашшоки, нобаробари ва бекори дар чараёни рушди иктисоди нигаронида шуд. Шиори «Таксимот ба воситаи инкишоф» умуми гардид. Профессор Дадли Сиирс дар шакли мухтасар мохияти тараккиётро ин тавр таъриф кардааст: «Барои он ки муайян кунем, оё мамлакат тараккки карда истодааст, бояд саволхои зерин дода шавад: Кашшоки чи холат дорад? Чи тавр сатхи бекори тагйир ёфт? Сатхи нобаробари чи гуна аст? Агар хамаи се нишондиханда нисбати сатхи ибтидоии баланду паст шуда бошанд, бешубха, мамлакат мархалаи тараккиётро аз сар гузаронида истодааст. Агар як ё ин ки дуи онхо ва хусусан хамаи се нишондиханда бад шуда бошад, сухан гуфтан оид ба тараккиёт хатто дар холати афзоиши дукарати даромад ба як нафар ахоли боиси тааччуб аст».

Як катор мамлакатхои ру ба тараккки дар солхои 60-70-ум сатхи нисбатан баланди афзоиши даромадро ба як нафар ноил гаштанд, вале дар ин холат вазъият дар доираи шугл, таксимоти боигари ва шароити хаёти табакахои камбизоати ахоли ё андак бехтар шуданд, ё тагйир наёфтанд, ё ин ки хатто бадтар шуданд. Дар солхои 80-ум вазъият бадтар шуд, чунки дар аксарияти мамлакатхои ру ба тараккки нишондихандахои суръати рушд манфи гаштанд ва хукуматхо мачбур шуданд ба махдуд кардани бе ин хам барномахои махдуди

тараккиёти иктисоди ва ичтимои дар зери таъсири афзоиши карзи хоричи рох диханд.

Аммо тараккиёт дар шароити сусттараккикарда факат проблемахои иктисодиёт ва муайянкунии микдори сатхи даромадхо, шугл ва нобаробари намебошад. Сусттараккикарда будан факти хакикии хаёт барои зиёда аз 3 миллиард одамон дар мамлакатхои ру ба тараккி мебошад.

Хатто Бонки умумичахони, ки солхои 80-ум рушди иктисодиро максади тараккиёт эълон карда буд, ба ин нуктаи назар хамрох шуд. Дар «Маъруза оид ба тараккиёти чахон» дар соли 1991 омадааст «Максади тараккиёт… бехтар кардани сифати хаёт мебошад. Бехтар кардани сифати хаёт хатто дар мамлакатхои камбизоаттарин пеш аз хама зиёд кардани даромадхоро дар назар дорад, вале на факат инро. Вай аз он чумла, маълумот, хурок ва сихатии бехтар, кам кардани микёси кашшоки, бехдошти мухити зист, баробарии имконот, зиёд кардани озодии шахси ва хаёти нисбатан пурмазмуни фархангиро дар бар мегирад».

Хамин тарик, тараккиётро хамчун чараёни бисёр-чанба бахо додан зарур аст, ки ба тагйироти кулли дар сохторхои ичтимои, рафтори одамон, институтхои чамъияти ва хамчунин ба тезонидани рушди иктисоди, камшавии нобаробари ба бартарафсозии бекори меоварад.

Иктисодиёти ру ба инкишоф самти мухими чудошудаи афкори иктисодии анъанави ва иктисоди сиёси мебошад. Ба масъалахои самаранокии таксимоти захирахо ва таъмин кардани рушди устувори нишондихандахои асосии хочаги эътибор дода, вай диккати асосиро ба механизмхои иктисоди, ичтимои ва институтсионали медихад, ки барои ба зуди ва хамарофарогиранда бехтаршавии шароити зиндагии ахоли дар мамлакатхои ру ба тараки меоварад. Проблемахои асосии иктисодии хама гуна чамъият: чи, дар кучо, дар кадом микдор ва барои ки истехсол кардан боки мемонад. Вале проблемаи фундаментали дар шароити иктисодиёти ру ба инкишоф аз ин иборат аст: карорро ки кабул мекунад ва ё барои кабули онхо таъсир мерасонад ва ба манфиати ки онхо хизмат мекунанд.

Ба гурухи мамлакатхои иктисодиёти ру ба инкишоф шаш шароити сусттаракки будан хос аст:

1) хосилнокии пасти мехнат ва даромадхои камтарин;

2) нокифоя инкишоф ёфтани омилхои истехсолот (тараккиёти сусти саноати калон; техникаи одди (гайричидди); аз сатхи пасти таъминоти мехнат ба тачхизоти асоси; сатхи пасти таносуби пасандоз аз даромад; нокифоя будани сармояхо дар сохахои инфраструктура ва гайра);

3) сатхи пасти зиндаги, ки дар истеъмоли нокифоя, шароити бади манзил, таъминоти санитари ва хизматрасонии тиббии конеъкунандаи давлати ва хусуси, надоштани имкониятхои кифоя барои тайёрии техники ва касби ва тахсил дар хамаи сатхо зохир мешавад;

4) муносибат ба хаёт ва мехнат, ки дар сатхи пасти интизоми мехнат, нокифоягии боинтизоми ва покизакори, хурофотпарасти ва таассуб, омода набудан ба бошуурона ва дуру дароз махдуд кардани таваллудкуни ба назар мерасад;

5) номутаракки будани институтхои чамъияти (шакли кадими заминдори ва истифодаи замин, системаи инкишофнаёфтаи сохибкори, ба кор кабул кардан, тичорат ва кредит, салохияти нокифояи муассисахои хукумати, сатхи пасти самаранокии идорахои чамъияти ва гайрахо);

6) ахамияти калони омилхои сиёсии инкишоф.

Хама вакт шароитхои берунии инкишоф ба хислати сусттараккикарда будан таъсир мекарданд. Хусусияти ин шароитхо серхаракатии онхо назар бо шароитхои дохили мебошад. Нобаробарии тараккиёти ичтимоию иктисодии мамлакатхо дар хочагии чахон ба дигаргуншавии шароитхои тичорати байналхалки, ба тагйир ёфтани вазъият дар бозори чахони ва кам шудани воридшавии мамлакатхои иктисодиёти ру ба инкишоф ба он, вобастагии иктисодиёти онхо аз кумакхои хоричи ва гайра меоварад.

Хамин тарик, сусттараккикарда будан хусусияти асосии хамаи мамлакатхои ру ба таракки мебошад. Вай омили система ташкилкунандаи ин гурухи мамлакатхо мебошад ва ба тараккиёти тамоми иттиходи чахони таъсир

мерасонад. Махз сусттараккикарда будан проблемахои мухимтарини умумибашарии иттиходи чахони, яъне озукавори, демографи (нуфуси ахоли), экологи, энергетикиро дар бар гирифтааст.

**3.Мархилаи тартиботи нави байналхалкии иктисоди. Роли мамлакатхои ру ба таракки ва созмонхои байналхалкии иктисоди.**

Мамлакатхои ру ба таракки барои аъзои комилхукуки хочагии чахон гардиданашон мубориза шадиди сиёси бурдаанд. Ташкилотхои байналхалки аз солхои 50-ум асри 20 сар карда барои чори шудани тартиботи нави байналхалкии иктисоди кори худро шуруъ намудаанд. Соли 1955 дар конфронси якуми давлатхои озодшуда масъала оид ба бехтар кардани шароити тичорати хоричи, бекор кардани тарифхои протексионисти барои молхои мамлакатхои ру ба таракки, устуворгардонии бозорхо ва нарххо, диверсификатсияи содироти тичоратии давлатхои чавон мухокима карда шуд. Мубориза барои тартиботи нави иктисодии байналхалки зиёда аз 20 сол идома ёфт. Соли 1963 дар сессияи навбатии Ассамблеяи Генералии СММ ба мамлакатхои ру ба таракки декларатсияи якчояи 75 давлатро пешниход карданд, ки дар он давра ба давра кам кардан, то пурра бекор намудани хамаи тарифхо ба молхои содироти аз мамлакатхои ру ба таракки таклиф карда шуд. Дар сессияи якуми ЮНКТАД соли 1964 оид ба тараккиёт ва тичорат стратегияи тараккиёти мамлакатхои ру ба таракки кабул гардид. Мувофики он хар сол мамлакатхои мутаракки 0,7%-и МММ-и худро барои хазинаи ёри чудо менамоянд, ки барои максадхои мамлакатхои ру ба таракки истифода бурда мешаванд. Соли 1971 карори СММ кабул гардид, ки мувофики он филиалхои ШФМ-и мамлакатхои мутаракки бояд ба конунхои мамлакатхои чойгиршавиашон итоат намоянд. соли 1964 давлатхои чавон бо чунин талаботи шабехият дошта, бо хамрох кардани масъала оид ба кам кардани пардохтхои карзи хоричи баромад карданд. Нихоят, соли 1974 мубориза бо музаффарият анчом ёфт ва Ассамблеяи Генералии СММ декларатсия ва барномаро дар бораи баркарор кардани тартиботи нави иктисодии байналхалки кабул кард. Дар барнома талабот оид ба аз нав дида баромадани

карзи хоричии мамлакатхои ру ба тараккu, аз эътибор сокит кардани як кисми карзхо, тагйир додани мухлати пардохт, субсидиякунонии фоизи карзхои хоричи чой дода шуда буд. Кабули барномаи ТНИБ аз мамлакатхои саноати кабули чорахои чавобиро талаб намуд. Дар шароити муосир, агар барои мамлакатхои дорои иктисодиёти рушди устувор ба сифати хаёт дар мукоиса бо суръати рушди иктисодиёт бартари дошта бошад, барои мамлакатхои иктисодиёти ру ба инкишоф, суръати рушди иктисодиёт воситаи ягонаи бартараф сохтани акибмонии иктисоди мебошад. Иктисодиёт роххои дигарро барои халли вазифахои ичтимои, баланд бардоштани даромадхо ва истеъмоли кисми асосии ахоли надорад. Мамлакатхои аз назари иктисоди тараккикардаи ба сатхи баланди истеъмолот ноил гашта, дар назди худ масъалаи устуворнамои ва ё хатто суст кардани суръати рушди иктисодиро ба максади баланд бардоштани сифати хаёт ва бехтар кардани мухити экологи гузошта метавонанд. Барои аксарияти мамлакатхои ру ба тараккu вазифаи ташкил кардани микдори бисёри чои кори ва хал кардани масъалаи таъминот ба хуроквории одди дар мадди аввал карор дорад. Тачрибаи мамлакатхои нави индустрияви (саноати), ки ба гурухи «мутаракки» шомил шуданд, дар катори умумии мамлакатхои ру ба тараккu нишон медихад, ки онхо ба муваффакиятхои иктисоди аз хисоби суръати баланди рушди иктисоди дар фосилаи дурударози вакт ноил гаштаанд.

Ноил гаштан ба суръати баланди рушди иктисоди барои хамаи мамлакатхои муваффакияти иктисоди ба дастоварда максади асоси буд.

Дар замони муосир таъмини болоравии иктисоди бе татбики самараноки комёбихои чахонии пешрафти илмию техники имконнопазир аст. Барои бомуваффакият хал кардани ин масъала на камтар аз ду шарти пешаки зарур аст:

- мавчуд будани барномаи давлатии окилона мураттабгаштаи тараккиёти пешрафти илмию техники ва механизми татбики он;

- баланд бардоштани сатхи маълумотнокии хамаи ахоли, ки бе ин истифодаи самараноки техникаи мураккаби муосир ва гаронбахо имконнопазир аст.

Бухрони нафтии солхои 70-ум, бухрони карзи хоричии солхои 80-ум ва проблемахои экологии солхои 90-ум дар бораи вобастагии тараккиёти мамлакатхои тараккикарда аз ру ба тараккi шабохат дода, таквият ёфтани вобастагии мутакобили хамаи мамлакатхоро дар доираи иттиходи чахони нишон медихад.

Мамлакатхои ру ба тараккi кисмхои узви глобалиро ташкил мекунанд, бинобар ин такдири онхо бояд предмети гамхории хамаи мамлакатхо, новобаста аз майли сиёси, идеологи ва иктисоди, бошад. Дар асри XXI бояд ду такдир чой надошта бошад: яке барои сарватмандон, дигаре – барои камбагалон. Бо сухани шоир: «Ё як такдири умуми мешавад ва ё хеч кадом».

Тачрибаи мамлакатхои ру ба тараккии баъди солхои чанг ба натичахои бехтарин дар тараккиёти иктисоди ноил гашта, нишон медихад, ки давлат на бояд факат ба механизми стихиявии бозории ташкили мархалахои аввали азнавсози (модернизатсия) ва ислохоти иктисоди такя намояд. Дар он чое, ки хукумат аз идораи чараёнхо дар мархалаи аввали азнавсозии иктисодиёти мамлакат худро ба канор гирифтааст, «дасти нопадиди бозор» ба кор наомадааст. Бо баробари мустахкамшавии иктисоди бозори, баркарор шудани инфраструктураи бозори, давлат пайваста таъсири худро ба иктисодиёт кам карда истода, афзалиятро ба механизми бозори ва сектори хусусии хочаги медихад.

Вале, муваффакият дар танзимкунии давлати дар мархалахои аввали гузаронидании ислохот ба стратегияи хуб кор карда шуда ва аз назари иктисодии асоснокшудаи мамлакат, хамчунин муайян кардани механизми татбики ин стратегия вобаста мешавад.

Мувофики пешгуии коршиносон дар ду дахсолаи наздик (то соли 2020) афзоиши муайяни хиссаи ин мамлакатхо дар хочагии чахони ва тичорати

байналхалки имконпазир аст. Вале тавофут дар сатхи тараккиёти иктисодии байни мамлакатхои мутараккии иктисоди ва ру ба тараккии хочагии чахони, ки имруз бо ададхои дуракама хисоб карда мешавад, кам намешавад. Барои тезонидани рушди иктисоди мамлакатхои ру ба тараккi ба воридшавии сармоя ва технологияи хоричи мухточанд. Вале тамоюли муосир дар ташаккули чараёнхои номбаршуда, чи тавре мо минбаъд мебинем, на ба фоидаи онхо баркарор шуда истодааст ва дар гумон аст, ки дарояндаи наздик бехтар шавад.

**Адабиёт:**


1. Мировая экономика и международные экономические отношения. Практикум : учебное пособие / под ред. В.К. Поспелова. – 2-е изд., испр. и доп. – Москва : ИНФРА-М, 2020. – 164 с.
2. Мозгоев, А. М. Мировая экономика и международные экономические отношения : учебник / А. М. Могзоев. — Москва : РИОР : ИНФРА-М, 2020. — 228 с.
3. Овчаренко, Н. А. Мировая экономика и международные экономические отношения : учебник для бакалавров / Н. А. Овчаренко. – 2-е изд., перераб. – Москва : Дашков и К, 2021. – 208 с.
4. Раджабова, З. К. Мировая экономика : учебник / З.К. Раджабова. – 5-е изд., перераб. и доп. – Москва : ИНФРА-М, 2019. – 369 с.
5. Спиридонов, И. А. Мировая экономика: Учеб. пособие / И.А. Спиридонов. – М.: ИЦ РИОР: ИНФРА-М, 2019. – 128 с.
6. Тихий, В. И. Мировая экономика и международные экономические отношения : учебное пособие / В. И. Тихий, О. В. Корева. – Москва : РИОР : ИНФРА-М, 2021. – 259 с.
7. Халевинская, Е. Д. Мировая экономика и международные экономические отношения : учебник / Е. Д. Халевинская. – 3-е изд., перераб. и доп. – Москва : Магистр : ИНФРА-М, 2020. – 400 с.

8. Хасбулатов, Р. И. Международные экономические отношения в 3 ч. Часть 1 : учебник для вузов / Р. И. Хасбулатов. – 3-е изд., перераб. и доп. – Москва : Издательство Юрайт, 2021. – 337 с.
9. Хасбулатов, Р. И. Международные экономические отношения в 3 ч. Часть 2 : учебник для вузов / Р. И. Хасбулатов. – 3-е изд., перераб. и доп. – Москва : Издательство Юрайт, 2021. – 358 с.
10. Хасбулатов, Р. И. Международные экономические отношения в 3 ч. Часть 3 : учебник для вузов / Р. И. Хасбулатов. – 3-е изд., перераб. и доп. – Москва : Издательство Юрайт, 2021. – 362 с.
11. Веснин В. Р., Поникаров В. А. Мировая экономика. Краткий курс. Учебное пособие. — М.: Проспект. 2017. 128 с.
12. Галищева Н. В. Мировая экономика. Том 2. — М.: МГИМО. 2017. 146 с.
13. Григорян К. Г., Михайлов О. В., Смагулова С. М. Мировая экономика. Учебник и практикум. — М.: Юрайт. 2017. 194 с.
14. Дерен В. И. Мировая экономика и международные экономические отношения. Учебник и практикум для бакалавриата и магистратуры. — М.: Юрайт. 2019. 588 с.
15. Ермолаева Н. М. Ермолаева Н. М. Мировая экономика и мировые экономические отношения. — М.: Аспект Пресс. 2018. 396 с.

## Тестхо оиди мавзуи 6.

**1. Кадоме аз ин нишондиҳандаҳо асосан фарқи сатҳи зиндагии байни мамлакатҳои тараққикарда ва рӯ ба инкишофро нишон медиҳад?** А) Ҳаҷми умумии ММД; В) Истеҳсолоти маҳсулоти саноатӣ; С) ММД ба сари аҳолӣ; D) Иқтидори захиравӣ- табиӣ; Е) Содирот ва воридот.

**2. Сатҳи рушди иқтисодии кишвар бо нишондиҳандаҳои зерин чен карда мешавад;** А) Маҷмӯи ММД ба ҳар сари аҳолӣ; В) ҳиссаи истеҳсолот дар ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ; С) маҷмӯи умумии маҳсулоти истеҳсолшуда; D) тавозуни савдои кишвар; Е) саноати кимиё.

**3. Баъзе кишварҳои сарватманд аз ҷиҳати саноат рушдёфта нестанд ва ба гурӯҳикишварҳои рӯ ба тараққӣдохил мешаванд, чунки хусусиятҳои зерин доранд;** A) сохтори аграрии иқтисодиёт; B) сатҳи даромади миллӣ ба ҳар сари аҳолӣ; C) табиати монополии иқтисодиёт;D) хусусиятҳои сохтори институтсионалии иқтисодиёт; E) Иқлими мусоиди инвеститсионӣ.

**4. Дар шароити муосир зиёда аз 70% содироти ҷаҳонро чунин кишварҳо таъмин мекунанд**: A) кишварҳои рушдёфтаи саноатӣ; B) рӯ ба инкишоф; C) дар давраи гузариш қарордошта; D) кишварҳои рушдёфтаи саноатӣ ва рӯ ба инкишоф; E) кишварҳои нави саноатӣ.

**5.Кадоме аз ин мафҳумҳо моҳиятиММД-ро мефаҳмонад?**

A) Ин маҷмӯи арзиши маҳсулоти ниҳоии соҳаҳои истеҳсолоти моддӣ ва соҳаи хадамот;B) Ин ҳаҷми умумии маҳсулоти истеҳсолшуда дар мамлакат;C) Ин ҳаҷми умумии содирот дар ҷаҳон;D) Ин ҳаҷми умумии маҳсулоти истеҳсолшуда дар мамлакат дар вакти муайян; E) Ин арзиши пулии тамоми хадамот ва молҳои истеҳсолшудаи резидентон дар хориҷи давлат.

**6.Иқтисодиёти ҷаҳон чанд марҳиларо паси сар намудааст?** A) Панҷ марҳила; B) Ду марҳила; C) Се марҳила; D) Як марҳила; E) Чор марҳила.

**7.Туризми байналхалқӣ ба кадом соҳаи хоҷагидорӣ дохил мешавад?** A) Соҳаи хадамот; B) Соҳаҳои анъанавӣ;

C) Соҳаҳои иҷтимоию маданӣ; D) Соҳаи саноат; E) Соҳаи чоруминдараҷа.

**8.Ташаккулёбии иқтисодиёти ҷаҳонӣ ба кадоме аз ин воқеаҳо алоқамандӣ дорад?** A) Муносибатҳои фарҳангии байни қабилаҳо ва давлатҳои қадим; B) Кашфиётҳои физикӣ; C) Ихтирооти таҷҳизоти электрикӣ; D) Ташаккулёбии муносибатҳои молию пулӣ ва тиҷоратӣ; E) Ташаккулёбии хоҷагидории натуралӣ.

**9. Кадоме аз ин гуфтаҳо дуруст аст?** A) зиёда аз 80%-и истеҳсолоти саноатии ҷаҳон дар дасти мамалакатҳои рӯ ба тараққӣ мебошад ва байни онҳо рақобати шадидтарин вуҷуд дорад; B) аз соҳаҳои саноати коркард ҳиссаи саноати мошинасозӣ, кимиё ва хурока аз 50% камтар мебошад, чунки тақозо ба молҳои ин соҳаҳо камтар аст; C) зиёда аз 25%-и соҳаи мошинасозӣ дар дасти се

мамлакат ШМА, Ҷопон ва Иттифоқи Аврупо мебошад ва соҳаи асосии содиротӣ онҳо ба шумор меравconfiguraванд; D) дараҷаи аввали истеҳсолоти саноати кимиё дар ҳудуди мамлакатҳои тараққикарда ҷойгиркунонида шудааст, марҳилаи охири истеҳсолот бошад, дар ҳудуди мамлакатҳои рӯ ба тараққӣба роҳ монда шудааст; E) ҳамаи гуфтаҳо дурустанд.

**10.Заминаи асосии пайдоиш ва ташаккули иктисодиёти ҷаҳонӣ аз чӣ вобаста аст?** A) Савдои байналхалқии технологӣ;B) Муносибатҳои байналхалқӣ; C) Тақсимоти байналхалқии меҳнат; D) Ширкатҳои фаромилалӣ; E) Бозори ҷаҳонӣ.

# МАВЗӮИ №6.1

## Назарияхои асосии иктисодиёти ру ба инкишоф

**1.Назарияи «Вазъияти ноилочи»-и мамлакатхои ру ба инкишоф**

**2.Назарияи «чахиши тези иктисоди».**

**Стратегияи воридотивазкунанда ва ба содирот нигаронидашуда.**

**3.Накши давлат дар мамлакатхои ру ба инкишоф**

### 1.Назарияи «Вазъияти ноилочи»-и мамлакатхои ру ба инкишоф

Аз сабаби зиёдшавии таваччух ба стратегияи тараккиёти мамлакатхои озодшуда бисёр назарияхои муайянкунандаи самтхои тахаввули мамлакатхои иктисодиёти ру ба инкишоф ба вучуд омаданд.

Дар мобайни асри XX Г.Зингер ва Р.Пребиш бори аввал хангоми тадкикоти хусусиятхои мамлакатхои ру ба таракки мафхуми «вазъияти беилочи кашшоки»-ро истифода карданд. Асоси ин назарияро кушиши истифода намудани назарияи мувозинати иктисоди барои тахлили иктисодиёти мамлакатхои сусттараккикарда ташкил карда буд.

Якум, кушиши ба хам вобастакунии тараккиёти суст бо мачмуи омилхои ба хам алокаманди иктисоди ва демографии тараккиёт истифода шуда буд. Мазмуни «вазъияти беилочи кашшоки»-ро ба он вобаста мекарданд, ки афзоиши босуръати теъдоди ахоли дар мамлакатхои ру ба таракки ба баланд будани сатхи зиндагии ахоли имконият намедихад. Агар дар натичаи афзоиши хосилноки дар хочагии кишлок даромади шахси зиёд шавад, ин гуна

афзуншави тамоюли пастравиро дар натичаи зиёд шудани теъдоди ахоли пайдо мекунад. Дар натичаи афзоиши демографи ба захирахои табиии дар ихтиёри чамъият буда ва, пеш аз хама, ба замин, фишор зиёд мешавад. Дар натича, хатто агар афзоиши ками ММД-и мамлакат таъмин карда шавад хам, ММД ба як нафар ахоли кам мешавад.

Дуюм, кушиши вобаста намудани тараккиёти суст бо махдудияти бозори дохили ва кифоя набудани сармоя барои азнавсози ба харч дода шуд. Хамин тавр, масалан Р.Нурксе кайд кардааст, ки кифоя набудани сармоя дар мамлакатхои ру ба тараккi сатхи пасти хосилнокии мехнатро муайян мекунад, ки боиси сатхи пасти даромадхо мешавад. Дар навбати худ, сатхи пасти даромадхо кобилияти сусти харидории ахоли ва ширкатхо ва хамчун натичаи нокифоягии хавасмандихоро ба маблаггузори ифода мекунад. Дар шароити махдудияти пасандоз ва хавасманди ба маблаггузори кифоя набудани сармоя хамчун асоси заминаи «вазъияти беилочи кашшоки» хидмат мекунад.

Сеюм, кушиши вобаста кардани тараккиёти суст ба сатхи пасти дарачаи ихтисоси кувваи кори ва тараккi накардани системаи маориф ва тайёрии касби дар мамлакатхои ру ба тараккi гузаронида шуд. Набудани маблаггузории кифоя барои тараккиёти маориф ва тайёрии касби натичаи иктисодиёти сусттараккикарда мебошад, зеро заминаи онро сатхи начандон баланди хосилнокии мехнат ва суръати сусти афзоиши он ташкил мекунад.

Мувофики коидахои мактаби Кейнс «вазъияи беилочи кашшоки» ба сатхи пасти даромадхо алокаманд аст, ки боиси сатхи пасти истеъмол ва пасандоз мегардад ва ба такозои бесамар меоварад. Дар навбати худ, такозои бесамар махдудии бозори дохили ва суръати пасти афзоиши маблаггузориро муайян мекунад ва инхо ба самаранокии пасти иктисодиёт ва хавасмандихои пасти рушди он меоваранд, ки, нихоят боиси даромади начандон зиёд мебошанд. Назарияи "вазъияти беилочи кашшоки" акидаро оид ба ногузири хатмии такони беруниро барои тараккиёти иктисодии мамлакатхои сусттараккикарда асоснок мекунад.

**2.Назарияи «чахиши тези иктисоди». Стратегияи воридотивазкунанда ва ба содирот нигаронидашуда.**

Баъд аз ноил гаштан ба мустакилият барои хамаи мамлакатхои ру ба таракки доимо иваз кардани моделхои тараккиёти иктисоди хос аст. Хамаи ин мамлакатхо кариб рохи якрангро дар доираи ислохоти иктисоди тай карда, амалан моделхои якранги тараккиёти хочаги – аз консепсияи “такя ба куввахои дохили” то моделхои асоснокkунандаи хамрохшавии таркибии ин мамлакатхо ба хочагии чахониро интихоб карданд.

Проблемахои дар назди давлатхои ру ба таракки истода дар рафти тараккиёти мустакилона нав нестанд. Дар ин ё он сатх дар тули асри XX ба ин гуна проблемахо давлатхои ба бозори чахони рох гирифта дучор шуда буданд ва, хамин тавр, тавозуни чойдоштаи воридоти чахонии байни истехсолкунандагони махсулоти саноати ва истехсолкунандагони ашёи хом ва маводхоро халалдор карданд.

Сабаб он ки баъди инкилоби саноатии асри XIX дар шароити ракобати озод таксимоти мехнати ба бартарияти нисбии ин ё он мамлакатхо асосёфта баркарор гашт. Ин шакли таксимоти мехнат то бухрони иктисодии солхои 1929-1933 бетагйир монд, яъне мамлакатхои саноатии мутаракки махсулоти тайёрро ба мустамликахо ва ниммустамликахо мебароварданд, мустамликаю ниммустамликахо бошанд, дар навбати худ ба мамлакатхои саноати ашёи хом ва хуроквори мебароварданд.

Воридкунандаи бузурги ашёи хом ва хуроквори то солхои 30-юми асри XX Англия ба хисоб мерафт, илова бар ин чараёни афзоиши воридот ба мамлакат бо мувофикан зиёд кардани суръати гузаронидани сохахои дар хочагии милли ашёи хом ва хуроквори истехсолкунанда ба сохахои махсулот истехсолкунанда якчоя ба вукуъ пайваста буданд. Аз солхои 30-юм Британияи Кабир накши пешсафи воридкунандаи чахониро ба ШМА вогузошт. Дар баробари ин дар мамлакатхои содиркунандаи ашёи хом ва хуроквори (мустамликахо ва нимустамликахо), кушиши таракки додани истехсоли махсулоти тайёри дохили аслан чой надошт. Мувозинаи суст то соли 1929

боки монд. Махз дар рафти бухрони чахони иктисодии хамаро фарогирифтаи солхои 1929-1933 мамлакатхои собик мустамликави бори аввал ба душворихои калони иктисоди вокеан ба сифати содиркунандаи ашёи хом ру ба ру гаштанд. Мувозинат аллакай дар соли 1929-ум бо сабаби аз тарафи мамлакатхои мутаракки чори кардани сиёсати протексионизм вайрон гашта буд. Ибтидои солхои 30-юми асри XX ноуствуори ва сустии мувозинаи байналхалкиро дар сохаи содирот ва воридоти ашёи хом, хуроквори ва махсулоти тайёр намоиш дод.

Дар давраи аз асри XX ва ибтидои асри XXI ба мамлакатхои ру ба тараккi моделхои зиёде пешниход карда шудааст, ки асоси онхоро ба инобат гирифтани шароити иктисодии хоричии тараккиёт ташкил мекунад.

Давлатхои ру ба тараккi аз бухрони солхои 30-юм ба сифати содиркунандаи ашёи хоми минерали хеле зарари калон диданд, бинобар ин ба индустриякунонии мамлакатхои худ шуруъ карданд. Дар стратегияхои тараккиёти иктисоди сиёсати «такя кардан ба неруи дохили» афзалият пайдо кард, ки номи *модели воридотивазкунандаи индустриякуниро* гирифтааст.

Дар худуди солхои 60-70-ум модели номбаршудаи инкишофи иктисоди хеле перспективи ба назар менамуд, ки халли оптималии проблемахои хочагии мамлакатхои ба мустакилият ноилшударо таъмин мекард. Модели воридотивазкунанда на ба таври одди индустриякунонии мамлакатхоро, балки дар ин хангом гузаронидани маркази вазниниро аз саноати истихрочи ба саноати тахвили, аз сабук ба вазнин ва кам кардани истехсоли махсулоти хочагии кишлок дар назар дошт.

Чузъи дуюми мухими модели иктисодии воридотивазкунандаро афзоиши сектори давлатии иктисодиёт ташкил мекунад. Давлат дар аксарияти мамлакатхои озодгашта кисми асосии моликиятро ба ихтиёри худ гирифт.

Хислати сеюми модели мухокима шудаистода ба хусусияти дуюм вобаста аст ва дар мамлакатхои ру ба тараккi пойдор гаштани системаи хамаро фарогирандаи танзими давлатии иктисодиёт ва молия: нарх, меъёри фоиз,

тарифхои тичорати хоричи, хиссаи (квотаи) содирот ва воридот ва дигархоро ифода мекунад.

Модели мухокимашаванда дарояндаи наздик ба натичахои мусбати иктисоди ноил гаштанро дар назар дорад ва ба ин маъно вай худро тасдик кард. Хамаги дар 25 сол (солхои 1955-1980) суръати рушди иктисоди дар ин мамлакатхо 2-3 маротиба зиёд шуд. Ба хисоби миёна онхо хар сол 5,4% нисбат ба 1-3%-и дар замони мустамлика ташкил карданд. Дар хамон давра ММД мамлакатхои ру ба тараккӣ наздик ду баробар зиёд шуданд. Аз руи суръати тараккиёти иктисоди, мамлакатхои ру ба тараккӣ дар чахон ба чои аввал баромаданд ва аз мамлакатхои мутаракии саноати пеш гузаштанд.

Вале, чунин болоравии иктисоди дар аксари кулли мамлакатхои модели воридотивазкунандаро кабул карда якбора катъ шуд. Ин холат дар солхои 80-ум назариётчиёни иктисодиро мачбур кард, ки модели воридотивазкунандаро хамчун консепсияи васеъ тавсия шавандаи тараккиёти иктисоди аз сари нав тахкик намоянд. Бешубха, аён шуд, ки модел нуксони бебахс дорад ва он монеаи тараккиёти минбаъда шуда истодааст, илова бар ин вай ба мамлакатхои ру ба тараккӣ имконияти дуруст мувофик шуданро ба тез-тез тагйирёбии шароити мухити иктисодии хоричи намедихад.

Норасоихои модел дар табиати индустриякунонии мамлакатхои чавон пинхон буданд. Якум, вай на ба технологияхои нави саноати, балки барои истехсоли молхои дар бозори дохили такозо дошта, вале дар бозори чахони ба таври кифоя мавчуд буда нигаронида шуда буд. Дуюм, намуди индустриякунонии дар мамлакатхои ру ба тараккӣ гузаронда доимо воридоти воситахои истехсолотро барои иваз кардани лавозимот, мошинхо ва механизмхои кухнашуда дар назар дошт, ки ба сарф кардани воситахои асъории онхо меоварад. Сеюм, воридоти хуроквори афзуд, чунки дар натичаи индустриякунонии хаматарафа ва босуръат, маблаггузори (инвеститсия) ба хочагии кишлок якбора кам шуд. Чорум, индустриякунони асосан аз хисоби карзхои хоричи, бе баркарор кардани имкониятхо барои дар мухлати муайян кардашуда баргардонидани онхо гузаронида мешуд.

Тачрибаи андухтаи индустриякунонии воридотивазкунандаи мамлакатхои ру ба тараккй имконият медихад, ки як катор хулосахо баровардa шаванд.

Дар ибтидои солхои 60-ум дар назар доштанд, ки чараёни индустриякунони бояд ба тараккиёти суръатноки иктисодии музофоти чахон бо назардошти вазифахои дар иктисодиёти мустамликахо ичрокардаи содироти ашёи хом ва хуроквори мусоидат намояд. Мархалаи аввал иваз кардани воридот ба истехсоли махсулоти монандбудаи ватани нисбатан осон ичро гардид. Аммо дар ин мархала истехсолоти милли барои истехсоли молхои истеъмоли нигаронида шуда буд. Чунин чараён дар аксарияти мамлакатхои Америкаи Лотини, Африкаи Шимоли ва мамлакатхои Осиёи Чануби ва Чануби Шарки барои он натичахои хуб дод, ки ба он мамлакатхои индустрияви хавасманд буданд. Хамчун натичаи арзонии кувваи кори ва хам нисбатан паст будани меъёри амортизатсия, аз солхои 60-ум ширкатхои фаромилали кушиш мекарданд, ки истехсолоти худро дар ин мамлакатхо чойгир намоянд. Хатто бо назардошти харочоти наклиёт истехсоли махсулот дар мамлакатхои озодшуда назар ба мамлакатхои мутараккй арзон буд.

Вале, ба чои мархалаи якуми индустриякунони, мархалаи дуюм омад, ки ичро кардани вазифаи нисбатан мураккаб, яъне махз ба истехсоли мошинхо ва лавозимот гузоштанро талаб мекунад. Маълум, ки ин проблема хеле мураккаб аст, чунки чалби сармояи калон, технологияхои нав ва бозори бехудуди фурушро талаб мекунад. Нихоят – бо мурури иваз кардани молхои воридоти ба дохили такозо ба хамон ашёи хом ва махсулоти нимтайёр, ки барои истехсоли молхои ивазшаванда, ба мутахассисон барои истехсоли онхо, ба технологияхои нав заруранд, меафзояд.

Бояд эътибор дод, ки модели воридотивазкунанда ба афзоиши содирот мухолифат намекунад. Дар варианти идеали дар назар дошта шудааст, ки бо мурури зиёд кардани истехсолот дар сохахои воридотивазкунанда махсулот метавонад содир карда шавад ва ба манбаи зиёд кардани даромадхои асъори табдил ёбад. Чунин варианти идеалии тараккиётро саноати сабук, электроника, электротехникаи маиши ва автомобилсози дар мамлакатхои Осиёи Чанубию

Шарки ва хавзаи Укёнуси Ором аз сар гузаронидаанд, ки дар солхои 80-ум ба мамлакатхои нави индустрияви табдил ёфтанд. Аммо дар хамаи давлатхои дигари озодшуда чунин холат ба миён наомад. Баръакс, саноати ватании дар рафти воридотивазкуни баркарор кардашуда, махсулоти ракобатнопазир истехсол мекард, ки нисбат ба вай такозо на факат дар бозори хоричи, балки дар бозори истеъмолии милли низ вучуд надорад.

Ба катори норасоихои мухими модели воридотивазкунандаи тараккиёти иктисоди на факат амалияи баркарор кардани шароити бехтарин барои сохахои саноати милли тааллук дорад, ки дар химоя аз ракобати хоричи ба воситаи чори намудани монеахои баланди гумруки ифода ёфтааст. Сиёсат дар сохаи омилхои дохили низ самараи хуб надод, чунки ба тараккиёти сохахои сармояталаб ва афзоиши воридоти кисмхои эхтиёти ва махсулоти нимтайёр ба зарари истифода намудани кувваи кории махалли ва коркарди ашёи хом ва захирахои дохили мусоидат кард.

Хамин тавр, омилхои манфии дар консепсияи воридотивазкунанда чойдошта, самаранокии онро паст карда, ба зиёдшавии пуравчи карзи хоричии мамлакатхои ру ба тараккi овარданд. Аллакай дар солхои 70-ум зарурияти на факат аз нав дида баромадани моделхои тараккиёти иктисоди, балки куллан иваз кардани онхо ба миён омад.

Ба сифати алтернатива *модели тараккиёти бартарияти тамоюли* содиротидошта баркарор шуд, ки тараккиёти бартариятноки сохахои содиротии иктисодиёти миллиро пешниход кард.

Дар доираи модели нав ба мамлакатхои мутаракки кабули чорахо доир ба зиёд намудани хариди молхо аз мамлакатхои ру ба тараккi, нест кардани бочхо ва андозхо ба ин молхо, яктарафа чори кардани имтиёзхо ба воридоти молхои тайёр ва махсулоти нимтайёр аз мамлакатхои ру ба тараккi пешниход карда шуд. Дар хакикат, сухан оид ба азнавсозии хаматарафаи таксимоти байналхалкии мехнат ва дар он чудо кардани чои муайян ба мамлакатхои ру ба тараккi меравад. Дар доираи консепсияи нав, ки онро хамчун консепсияи

руовари ба робитахои хоричи, ё ин ки тезонидани содирот муайян кардан мумкин аст, бояд ба чор вазифаи асоси ахамияти махсус дод:

1) ба мамлакатхои ру ба тараккi истехсоли молхои одди ва хамчунин сохахои бартарияти нисби доштаи онхо дода шавад:

2) кувваи арзони кори дар ин мамлакатхо барои истехсол кардани молхои тайёр истифода карда шавад;

3) ин мамлакатхо хамчун халкаи истехсолоти саноатии байналхалки истифода шаванд;

4) дар ин мамлакатхо сохтани корхонахое ба рох монда шавад, ки онхо дар мамлакатхои мутаракки кобили кабул нестанд ва хатто имконнопазиранд.

Ташаккули содирот дар мамлакатхои озодшуда факат дар натичаи он имконпазир гашт, ки дар солхои 70-ум муборизаи чандинсолаи онхо барои чори намудани *тартиботи нави иктисодии байналхалки (ТНИБ)* бо галаба анчом ёфт.

Умуман консепсияи ТНИБ ва бозсози дар афзалиятхои мамлакатхои мутараккии саноати барои мусоидат ба тезонидани содироти мамлакатхои ру ба тараккi ба он оварданд, ки аллакай дар ибтидои солхои 80-ум ин давлатхо ба пешрафти назаррас дар сохаи содирот ноил гаштанд.

Вале дар ин чо махсус бояд кайд кард, ки ба чунин муваффакиятхои назаррас дар динамикаи содироти, мамлакатхои ру ба тараки асосан аз хисоби мамлакатхои нави индустрияви (МНИ) ва мамлакатхои АСЕАН комёб шуда буданд. Давлатхои ру ба тараккии бокимонда бошанд, тамоюли ашёвии содиротро дар пайвасткуни бо индустриякунонии воридотивазкунанда нигох доштанд. Ба содиркунандагони калонтарини мошинхо ва лавозимот чоргонаи МНИ – Гонконг, Сингапур, Тайван, Кореяи Чануби ва чоргонаи мамлакатхои АСЕАН – Индонезия, Малайзия, Таиланд, Филиппин табдил ёфтанд.

Тезонидани содирот хамчун модели тараккиёти иктисоди метавонист нисбатан самаранок ё дар мамлакатхои захирахои бои сузишворидошта (асосан нафт), - дар Бахрайн, Конго, Эрон, Ирок, Нигерия, Омон, Катар,

Арабистони Сауди, Аморатхои Муттахиди Араб, ё дар мамлакатхои сатхи кифояи тараккиёти иктисоди барои содироти молхои саноатии ракобатнокдошта – дар Гонконг, Исроил, Кореяи Чануби, Сингапур ва Тайван истифода шавад.

Аксарияти  дигари мамлакатхои ру ба тараккиро (онхо зиёда аз 40) содиркунандаи ашёи хоми минерали (Боливия, Чили, Гвинея, Либерия, Перу, Того, Заир), ё ин ки махсулоти хочагии кишлок (Аргентина, Бурунди, Кот-д’Ивуар^ Мадагаскар, Никарагуа, Намибия, Парагвай, Перу, Ветнам, Замбия) ташкил мекунанд.

Дар ибтидои солхои 70-ум хамчунин гурухи мамлакатхое чудо гаштанд (зиёда аз 30), ки ба содиркунандагони хадамот ва дарёфткунандагони даромадхо аз маблаггузорихои хусуси табдил ёфтанд. Дар катори онхо: Багама, Барбадос, Бутан, Камбоча, Кипр, Чумхурии Доминикан, Миср, Салвадор, Урдун, Ямайка, Кувайт, Малдив, Сейшел, Малта, Непал, Панама. Дар ин чо сухан хам дар бораи туризми бомуваффакият инкишоф ёфтаистода ва хам оид ба маблаггузории шахрвандони дар хорича кор кардаистодаи ин мамлакатхо меравад.

Чунин таксимкунии имкониятхои содиротии мамлакатхои ру ба тараккі ифода мекунад, ки аксарияти онхо потенсиали кифояи содироти барои пешбурди ракобат дар бозори чахони надоранд. Тезонидани содирот барои аксарияти кулли мамлакатхои ру ба тараккі наметавонад ба воситаи халсозандаи проблемаи чалби захирахои зарурии молияви барои тараккиёти хочаги табдил шавад.

**3.Накши давлат дар мамлакатхои ру ба инкишоф**

Дар мамлакатхои ру ба инкишоф барои ноил гаштан ба пешравии иктисоди ва суръати баланди рушди иктисоди накши давлат нихоят калон мебошад. Зеро махз аз сиёсати дуруст ва окилона барохмондаи давлат, ки фишангхои мувофики сиёсати иктисодиро интихоб мекунад, натичаи ислохоти иктисодии гузаронидашаванда  вобаста мебошад. Дар хар яке аз назарияхои дар боло дида баромадашуда мо накши мухими давлатро дар баромадан аз вазъияти

душвори иктисоди ба воситаи истифода аз роххо ва усулхои гуногуни сиёсати иктисоди дарк кардан метавонем. Масалан, дар назарияхои кейнсиани мавкеи марказиро сиёсати иктисодии давлат мебозад, ки зарурияти истифодаи тачрибаи пасандозхои мачбуриро дар натичаи сиёсати катъии пулию карзи ва андозии давлат нишон медихад. Дар холати самараи пасти сиёсати фискалии давлат, касри дохилии сармояро аз хисоби воридоти вай аз хоричи кишвар чуброн кардан мумкин аст. Мисоли дигаре хам овардан мумкин аст. Хамин тарик, иктисодчи - Г.Зингер дар яке аз назарияхои рушди иктисоди дар рафти гузаронидани азнавсози дар мамлакатхои ру ба тараккии истифодаи сиёсати хавасмандгардонии истехсолоти воридотивазкунандаро пешниход кардааст. Идеяи асоси иборат аз он буд, ки кобилияти мамлакатхои иктисодиёти ру ба инкишоф дар таъмини тараккиёти инфраструктураи истехсоли ва ичтимоии баланд бардошта шавад. Факат дар чунин шароит «такони калон» ба максад ноил мегардад.

**Адабиёт:**


1. Мировая экономика и международные экономические отношения : учебник / под ред. В. К. Поспелова. – Москва : ИНФРА-М, 2021. – 370 с.
2. Мировая экономика и международные экономические отношения : учебник для вузов / О. В. Игнатова [и др.] ; под редакцией О. В. Игнатовой, Н. Л. Орловой. – Москва : Издательство Юрайт, 2021. – 358 с.
3. Мировая экономика и международные экономические отношения. Практикум : учебное пособие для вузов / О. В. Игнатова, Н. Л. Орлова, О. А. Горбунова, Т. А. Асон ; под редакцией О. В. Игнатовой. – Москва : Издательство Юрайт, 2021. – 212 с.
4. Мировая экономика и международные экономические отношения. Практикум : учебное пособие / под ред. В.К. Поспелова. – 2-е изд., испр. и доп. – Москва : ИНФРА-М, 2020. – 164 с.
5. Мозгоев, А. М. Мировая экономика и международные экономические отношения : учебник / А. М. Могзоев. — Москва : РИОР : ИНФРА-М, 2020. — 228 с.

6. Овчаренко, Н. А. Мировая экономика и международные экономические отношения : учебник для бакалавров / Н. А. Овчаренко. – 2-е изд., перераб. – Москва : Дашков и К, 2021. – 208 с.
7. Раджабова, З. К. Мировая экономика : учебник / З.К. Раджабова. – 5-е изд., перераб. и доп. – Москва : ИНФРА-М, 2019. – 369 с.
8. Спиридонов, И. А. Мировая экономика: Учеб. пособие / И.А. Спиридонов. – М.: ИЦ РИОР: ИНФРА-М, 2019. – 128 с.
9. Тихий, В. И. Мировая экономика и международные экономические отношения : учебное пособие / В. И. Тихий, О. В. Корева. – Москва : РИОР : ИНФРА-М, 2021. – 259 с.
10. Халевинская, Е. Д. Мировая экономика и международные экономические отношения : учебник / Е. Д. Халевинская. – 3-е изд., перераб. и доп. – Москва : Магистр : ИНФРА-М, 2020. – 400 с.
11. Хасбулатов, Р. И. Международные экономические отношения в 3 ч. Часть 1 : учебник для вузов / Р. И. Хасбулатов. – 3-е изд., перераб. и доп. – Москва : Издательство Юрайт, 2021. – 337 с.
12. Хасбулатов, Р. И. Международные экономические отношения в 3 ч. Часть 2 : учебник для вузов / Р. И. Хасбулатов. – 3-е изд., перераб. и доп. – Москва : Издательство Юрайт, 2021. – 358 с.
13. Хасбулатов, Р. И. Международные экономические отношения в 3 ч. Часть 3 : учебник для вузов / Р. И. Хасбулатов. – 3-е изд., перераб. и доп. – Москва : Издательство Юрайт, 2021. – 362 с.

## Тестхо оиди мавзуи 6.1.

**1. Дар назарияи бартарияти нисбии Д. Рикардо?**

A) Мамлакатҳо ҳамон молеро бештар содир мекунанд, ки дар истеҳсоли он афзалияти мутлақ доранд;B) Меҳнат, ҳамчун омили ягонаи истеҳсолот ба шумор намеравад;C) Мамлакатҳо ҳамон молеро бештар содир мекунанд, ки дар истеҳсоли он дорои бартарияти нисбӣ мебошанд;D) фарқияти хароҷоти алтернативии нисбӣ оиди истеҳсоли маҳсулот

имконият намедиҳад, то ки мамлакатҳо байни худ муносибати хуби тиҷоратӣ дошта бошанд;E) Мамлакатҳо ҳамон молеро бештар содир мекунанд, ки дар истеҳсоли он афзалияти нисбӣ надоранд.

**2.Иқтисодиёти кушод ин?**

A) Иқтисодиёти миллии мамлакате, ки дар он роҳ ба ҳамаи шарикони тиҷорати хориҷӣ баста аст;B) Иқтисодиёти миллии мамлакате, ки дар он роҳ ба ҳамаи шарикони тиҷорати хориҷӣ кушода аст;C) Иқтисодиёти миллии мамлакате, ки роҳи он ба шарикони тиҷорати хориҷӣқисман кушода буда қисман баста аст;D) Иқтисодиёти миллии мамлакате, ки дар он роҳ на ба ҳамаи шарикони тиҷорати хориҷӣ кушода аст;E) Иқтисодиёти пушидае, ки дар он роҳ ба ҳамаи шарикони тиҷорати хориҷӣ кушода аст.

**3.Ҳуҷҷати асосии инъикоскунандаи татбиқи шаклҳои МИБ чӣ ба ҳисоб меравад?**A) буҷети давлатӣ;B) баланси тиҷоратӣ;C) баланси пардохт;

D) декларатсияи хуруҷ;E) шартномаҳои ҳукуматӣ.

**4.Заминахои асосии пайдоиш ва ташаккули иктисодиёти ҷахон чӣ ба шумор меравад?**A) савдои байналхалқӣ;B) муносибатҳои байналхалқӣ;

C) тақсимоти байналхалқии меҳнат;D) ширкатҳои фаромиллалӣ;E) бозори ҷаҳонӣ.

**5.Ба ҳайси омилҳои истеҳсолот дар хоҷагии ҷаҳон кадом шаклҳои муносибатҳои байналхалқии истеҳсолӣ баромад мекунанд?**A) Тақсимоти байналмилалии меҳнат;B) Бозори ҷаҳонӣ;C) танзими гумгукӣ;D) биржа ва кори биржавӣ;E) Ҳамаи ҷавобҳо нодуруст.

**6.Асосгузори «назарияи баҳамвобасатгии давлатҳо» кадом олим мебошад?**A) Борман;B) Нувенхаузе;C) Портер;D) Виет;E) Пете.

**7.Дар хоҷагии ҷаҳон чунин хусусиятҳо вуҷуд дорад?**

A) Баланд шудани нақши ФИХ дар тараққиёти давлат;B) Зиёд гардидани ҳиссаи хадамот дар тиҷорати байналхалқӣ ва хоҷагии миллӣ;

C) Умумибашари гардонидани бозори молиявӣ ва зиёд гардонидани дараҷаи вобастагии давлатҳо аз ҳамдигар;D) Зиёд шудани суръати пешравии раванди ҳамгирой; E) Ҳамаи ҷавобҳо дурустанд.

**8.Инкишофи муносибатҳои иқтисодии байналхалқӣ аз чунин омилҳо вобаста мебошанд;**A) вазъи табиию-иқлимӣ, демографӣ, истеҳсолӣ, илмию-техникӣ, сиёсӣ, ичтимоӣ, миллию-этникӣ;B) Инкишофи тиҷорати берунӣ, содироти сармоя, мубодилаи иттилоотӣ, ҳамкории байналхалқии илмию-техникӣ;C) мавқеи мамлакат дар хоҷагии ҷаҳон;

D) тақвиятёбии тақсимоти байналхалқии меҳнат;E) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд.

**9.Тақсимоти байналхалқии меҳнат чиро ба вуҷуд меорад?**A) Кам намудани маҷмӯи хароҷотҳои иқтисоди миллӣ;B) Ташкили истеҳсолоти содиротиро;C) Гузаронидани як қисми омилҳои истеҳсолотро ба соҳаи содиротии иқтисодиёт;D) Зиёд гардонии талабот ба молхои хоричиро;

E) Ҳамаи ҷавобҳои овардашударо ба вуҷуд меорад.

**10.Назарияҳои асосии тиҷорати байналхалқӣдар пайдарпаии зерин аз тарафи олимони иқтисодчӣ ба миён оварда шудаанд?**

A) Назарияи бартарияти нисбӣ, назарияи бартарияти мутлақ, назарияи таносуби омилҳои истеҳсолот ва парадокси Леонтьев;B) Назарияи таносуби омилҳои истеҳсолот, назарияи бартарияти нисбӣ, назарияи бартарияти мутлақ, ва парадокси Леонтьев;C) Назарияи бартарияти мутлақ, назарияи бартарияти нисбӣ, назарияи таносуби омилҳои истеҳсолот ва парадокси Леонтьев;D) Назарияи бартарияти мутлақ, назарияи бартарияти нисбӣ, парадокси Леонтьев ва назарияи таносуби омилҳои истеҳсолот;E) Назарияи баробаршавии нархҳои омилҳои истеҳсолоти Хекшер-Олин-Самуэльсон, назарияи таносуби омилҳои истеҳсолоти Хекшек-Олин, парадокси Леонтьев.

## МАВЗӮИ №7.

**Иктисодиёти давраи гузариш: Моделхои иктисодиёти давраи гузариш**

***1.Мохият иктисодиёти давраи гузариш ва моделхои он.***
***2.Механизми иктисодиёти давраи гузариш ва хусусиятхои он.***

***1.Мохият иктисодиёти давраи гузариш ва моделхои он.***

Тачрибаи «ислохот» дар мамлакатхои собики ИЧШС, Европаи Шарки ва Хитой имконияти баровардани якчанд хулосахои умумиро нисбат ба мазмун (максад), мархалахо ва моделхои тагйироти (шакливазкунии) собик иктисодиёти «сотсиалисти» медихад. Бе чуну чаро, ин чамъбасткуни хислати пешаки (тахмини) ва то андозае гипотетики (фарзи) дорад, чунки хулосахои асоснок кардашудаи назариявиро нисбат ба шакливазкунии хозира, факат дар холати ба итмом расидани худи шакливазкуни баровардан имконпазир мегардад.

Сохтори молии амалиёти тичорати хоричии дохили Иттиход на он кадар тагйир ёфта истодааст. Дар вай махсулоти минерали, махсулоти металургияи ранга ва сиёх, саноати кимиёви, ва нафтукимиёви, махсулоти мошинсози ва молхои истеъмоли зиёдтар мебошанд. Россия дар хачми калон нафт, махсулоти нафт ва гази табии; Белорус-автомобилхои боркаш, тракторхо, чарххо, нахи кимиёви; Казокистон-ангишт, нафт, металлхои сиёх, галла; Киргизистон – спирти нушоки, тамоку; Молдова-чуворимакка, тамоку, вино; Точикистон – алюминий, нахи пахта, тамоку, колинхо; Туркманистон – гази табии; Узбекистон – нахи пахта, гази табии; Украина - металлхои сиёх, кубурхои охани, галла, канд, равгани офтобпараст содир мекунанд. Дар содироти Белорус, Киргизистон, Молдова, Россия ва Украина хиссаи нисбатан баланди махсулоти мошинсози боки мондааст.

Дар мобайни солхои 90-ум бакияи (салдои) амалиёти тичорати хоричи бо мамлакатхои Иттиход дар хамаи мамлакатхо, ба истиснои Казокистон, Россия ва Туркманистон манфи гаштанд.

**3.Ташкили ИИОМ ва СҲШ**

Давлатхои минтакаи Осиёи Маркази, ки Казокистон, Киргизистон, Точикистон ва Узбекистонро муттахид мекунад, сиёсати фаъоли воридшавиро ба фазои чахонии иктисоди пеш гирифтаанд. Иштироки интенсивии мамлакат дар таксимоти байналхалкии мехнат яке аз омилхои пуриктидори рушду нумуи иктисоди мебошад.

Дар худуди собик Иттифоки Шурави чумхурихои ИИОМ асосан захирахои моддию ашёиро интикол мекарданд, ки минбаъд дар кисмати

Европоии мамлакат аз нав кор карда мешуданд. Бар ивази ин махсулоти тайёр аз ашёи худи бо нархи баланд харид карда мешуд. Дар натича, чумхурихои Осиёи Маркази доимо баланси тичоратии манфи доштанд: дар соли 1990, масалан, хиссаи онхо дар гардиши тичорати хоричии Иттифок хамаги 6,9% - ро ташкил кард. Хусусияти ашёвии давлатхои Осиёи Маркази иктисодиёти яктарафа ва гипертрофиро ба миён овард.

Баробари мустакил шудан чумхурихо аз руи шартхои пештара бо якдигар тичорат карда наметавонистанд. Дар шароити таназзули тези иктисоди истехсолкунандагон тачрибаи тичорати хоричиро надошта, мачбур буданд харидоронро дар бозорхои хоричи чустучу намоянд. Хохиши ба даст овардани асъор дар бисёр холат ба он меовард, ки мол бо нархи аз нархи миёнаи чахони пасттар фурухта мешуд, ё ин ки бо молхои таъиноти истеъмоли доштаи такозои бозори дохили иваз карда мешуд.

То соли 1995 аксарияти мамлакатхои ИДМ асъори миллии худро чори карданд ва системаи хисоббаробаркунии байниякдигари тагйир дода шуд, ки мувофики он муносибатхои тичоратии онхо дар шароити бозори чахони ба амал бароварда мешуд. Дар ин шароит баркарор кардани бозори умумииттифоки барои мамлакатхои ИДМ, рохи ягонаи рахои ёфтан аз бухрони умумии иктисоди буд ва хохиши муттахидшавии давлатхои нав дар халли масъалахои иктисоди ихтиёри буда, бар асари омилхои объективи сар мезад.

30 апрели соли 1994 Шартнома оид ба ташкили фазои ягонаи иктисоди ба имзо расонида шуд, Чумхурии Казокистон, Чумхурии Узбекистон, Чумхурии Киргизистон хамчун аъзо бо он шомил шуданд. Мохи июни соли 1998 тибки карори сарони давлатхо номгуи кории иттиходияи минтакави-Иттиходи иктисодии Осиёи Маркази (ИИОМ) тасдик карда шуд. Дар хамон сол Чумхурии Точикистон аъзои ин Иттиход гардид.

Ташкил кардани Иттиходи иктисодии Осиёи Маркази аз кушиши чумхурихо барои баркарор кардани робитахои иктисодии кандашуда ва ноил

шудан ба солимсозии умумии иктисоди дар хамаи мамлакатхои ба ин Иттиход воридшуда бармеояд.

Бо максади таквият додани тичорати дохилиминтакави дар худуди ИИОМ як катор хуччатхои бисёртарафа ба имзо расонида шуда, Барномаи интегратсияи иктисоди ва барномахои кутохмуддати амалиёти хукуматхо барои ташкил кардани фазои ягонаи иктисоди татбик шуда истодааст. Байни мамлакатхои аъзои иттиходи созишномахои дутарафа оид ба тичорати озод, оид ба химояи тарафайнии сармоягузори, хамчунин оид ба аз байн бардоштани андозбандии такрории даромадхо ва молу мулк ба имзо расидаанд. Хамаи ин заминахои мусоидро барои ташаккули хамкории иктисоди дар минтака ба вучуд меоварад. Умуман, барои давлатхои иштирокчии ИИОМ холатхои зер дар сохаи ислохоти фаъолияти иктисодии хоричи характернок мебошанд:

- демонополизасия ва десентрализасия гузаронида шуд;
- базаи конунгузори-нормативии татбикнамоии фаъолияти иктисодии хоричи ба нормахо ва стандартхои байналхалки мувофикаткунанда баркарор карда шуд;
- гузариши мархала ба мархала аз усулхои маъмурии танзимкуни бо истифодаи литсензияхо ва хиссахо (квотахо) ба усулхои иктисодии асоснокшудаи танзимкунии тарифи таъмин карда шуд;
- мавкеи хосро хамкории тичорати-иктисоди дар худуди ИДМ ишгол мекунад. Бо баробари ин дар муддати ду соли охир тагйири тамоюли зиёди тичорати хоричи ба мамлакатхои хоричаи дур ба миён омад;

Таъсири боздоштанро ба робитахои давлатхои иштирокчии ИИОМ омилхои зерин мерасонанд;

- камсамараноки, камустувори, сохтори воридот ба тагйирёбии вазъи бозори чахони ва пастшавии ракобатнокии он;
- чой надоштани мувофикат дар сиёсати гумруки, чори кардани чорахои химоявии яктарафа бе мувофикатнамоии пешаки ва огохинома;

- табдилёбии махдуди асъорхои милли, кобилияти пасти пардохтии ахоли ва корхонахо.

Тачрибаи чахонии тараккиёти мамлакатхои дар иттиходияхои иктисоди муттахидшуда нишон медихад, ки барои фаъолгардонии робитахои иктисодии хоричи дар худуди гурух, хал кардани бисёр вазифахои комплекси ва мувофикашуда зарур аст. Бинобар ин ояндаи ИИОМ ба татбикнамоии бисёр чорабинихо вобаста аст.

10- октябри соли 2000 дар рафти вохӯрии расми президентони Россия, Белорусия, Ќирѓизистон ва Точикистон дар шахри остона бо назардошти муваффаќиятхои дар солхои охир ба даст омада дар бахши масъалахои тичоративу иќтисодии аз байни бардоштани махдудиятхои тарафхои гумрукии умуми нисбати ба давлатхои сеюм, бунёди минтаќаи якчояи худ- созмони нави байналмилали- Иттиходи иќтисодии Евроосиё тамоми чахонро бохабар карданд. Дар програмаи Евроосиё барои солхои 2001-2005 ба сифати вазифахои аввалиндарача чунин муйян шуда буд: а) муваффаќ шудан ба натичахои муайян дар сохаи сиёсати тичорати беруни ва гумрук: б) инкишофи хаќиќии иќтисодиёт бо воситаи гузаронидани сиёсати сохтории мутобиќшуда: в) ташкил кардани бозори умумии хадамоти наќлиёт ва системахои ягонаи наќлиёт: д) амали гардонидани сиёсати мутобиќшуда дар сохаи андозситони ва сиёсати молиявию асъорӣ ва бонкӣ: е) ташкил кардани системахои пардохти умуми, ба як шакл даровардани тартиби танзими аъсор, хамохангкунии ќонунгузории бонки ж:) ба амал баровардани хамкори дар сохаи ичтимоию гуманитари: з) таъминоти бехотираии иќтисодии мамлакатхои иттиход: и) бехтар гардонидани масъалаи наздикшави ва хамохангии ќонунгузории миллии мамлакатхои аъзои иттиход.

Ичро намудани вазифахои дар боло номбаршуда самаранокии чараёни интегратсияро на танхо дар иќтисодиёт, балки дар дигар сохахои хаёти чамъиятии мамлакатхои итиходи иќтисодии Евроосиёро таъмин менамояд.

Афзалиятҳои Тоҷикистон дар тиҷорати беруна, ҷалби инвеститсияҳои хориҷӣ бояд ҳаматарафа таҳлил ёфта истифода бурда шавад. Дар

муносибатҳои иқтисодӣ бо мамолики хориҷӣ, пеш аз ҳама дар доираи гурӯҳи интегратсионӣ сиёсати давлатӣ барои таъмини инкишофи иқтисодии Тоҷикистон равона карда шавад. Ин масъала нисбати муносибатҳои Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Халқии Хитой бояд ба инобат гирифта шавад.

Барои баромадан аз ин мушкил сиёсати беруниқтисодиро мукаммал кардан мебояд. Соҳаҳои саноатии тамоюли содиротидоштаро дастгирӣ кардан ва диверсификатсияи сохтори содиротиро гузаронидан, баланд бардоштани сатҳи техникии истеҳсолот ва таъминоти иттилоотӣ лозим аст. Дар ин самт дараҷаи иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар иттиҳодияҳои гуногуни ҳамгирой хеле ҷанбаи муҳим дониста мешавад. Яке аз ин гуна иттиҳодҳо Созмони ҳамкории Шанхай мебошад, дар доираи он кишварҳои аъзо дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва ғайра ҳамкориҳоро ба роҳ мондаанд. Созмони мазкур ҳоло дар бахши иқтисодӣ чандон фаъол нест, аммо иқтидору имкониятҳои зиёд дорад. Аз ин лиҳоз густариш додани фаъолияти он барои ҳама иштирокчиёнаш манфиатбахш хоҳад буд. Ҷумҳурии Тоҷикистон, чун ҳамаи мамолики Осиёи Марказӣ, ки қадқади сарҳадоти ғарбии ҶХХ ҷойгир шудааст ба минтақаҳои ҳадафҳои стратегии ин мамлакат дохил мешавад. Устуворӣ ва оромиро дар сарҳади худ таъмин намуда (пойдорӣ ва посдории муносибатҳои дӯстона бо давлатҳои ҳамсоя расман ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати берунаи мамлакат эълон шудааст), инчунин ба наздикӣ ё мувофиқатии мавқеъ аз рӯи як қатор проблемаҳои байналхалқӣ ва минтақавӣ, Хитой мақсаднок инкишофи интегратсияи иқтисодиро бо Созмони Ҳамкории Шанхай 15 июни соли 2001 бо ба имзо расидани Эъломияи таъсиси «Созмони ҳамкории Шанхай» арзи ҳастӣ намуд. Ин созмон аз рӯи нуфуз ва захираҳои иқтисодӣ, демографӣ, ҳудудӣ ва табиӣ бузургтарин дар минтақаи Евразия дониста мешавад. Муассисони ин созмон Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Халқии Чин, Қазокистон, Қиргизистон, Точикистон ва Узбекистон буда, хамчунин мақоми нозирро

дар ин созмон Хиндустон, Эрон, Покистон ва Мугулистон сохибанд. Бояд таъкид намуд, ки танхо дар кишварҳои узви ин созмон зиёда аз 1,6 млрд ахоли, ки такрибан 61% нуфузи Евразияро ташкил медихад, зиндагони мекунанд ва аз чихати худуд бошад вай фарогири 20,5 млрд км кв мебошад.

Вазифахои асосии Созмон, тибқии Оинномаи дар вохурии сарони давлатхои узви Созмон дар Санкт-Петербург кабул шуда (7 июни соли 2012) ин:

- таҳкими  равобити тарафайни дустона байни кишварҳои узв;

- густариши хамкорихои гуногунчабха бо максади дастгирии сулх, амният ва суббот дар минтака, мусоидат ба таъсиси низоми нави байналхалкии демократи, боадолат ва аз чихати сиёсиву иктисоди маъкул;

- муборизаи якчоя алайхи хама гуна зухуроти терроризм, ҷудоихоҳӣ, ифротгароӣ, мубориза алайҳи қочоқи маводи мухаддир ва ярок, дигар навъхои фаъолияти Хитойояткории фаромиллӣ ва хамчунин мухочирати гайриконуни;

- хавасмандгардонии хамкорихои минтакавии босамари сиёси, иктисодию тичоратӣ, мудофиави, фарханги[1], илми-техники, энергетики, наклиёти, карзӣ-молияви ва гайра, ки боиси тавваччухи умум хастанд.

- мусоидат ба болоравии иктисодии хаматарафа, инкишофи ичтимоиву фарҳангӣ дар минтака тавассути фаъолияти якчоя дар асоси шарикии баробархукук бо максади боло бурдани сатх ва шароити зисти мардумони давлатҳои аъзо;

- мавзунгардонии муносибатхо дар рафти ҳамгароӣ ба иктисодиёти чахони;

- мусоидат ба таъмини хукук ва озодихои инсон мувофики ухдадорихои байналхалки ва конунгузории миллии давлат-аъзоён;

- дастгири ва густариши равобит бо дигар созмонхои байналхалки ва кишварҳои ҷаҳон;

- хамкорихо дар пешгирии низоъхои минтакавию байналхалки ва халли мусолихатомези онхо;

- ҷустуҷуи муштараки роҳҳои халли масоиле, ки дар асри XXI пайдо мешавандмамолики Осиёи Марказӣ дастгирӣ менамояд ва дар доираи Созмони ҳамкории Шанхай ва дар доираи муносибатҳои дуҷониба устувории онро таъмин менамояд. Ҳамин тариқ, низ ин мамлакат кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки иштироки ҳарбии худро дар минтақаи Осиёи Марказӣ нигоҳ дорад.

Майлкунии Хитой ба Осиёи Марказӣ аз рӯи ҳадафҳои иқтисодӣ шарҳ дода мешавад. Захираҳои бойи нафту газ дар Қазоқистон, Туркманистон ва Узбекистон, инчунин захираҳои гидроэнергетики Тоҷикистону Қирғизистон Хитойро ҷалб менамояд. Чумхурии Точикистон яке аз муассисони СХШ мебошад. Албатта аз рузхои авали фаъолияти хеш Точикистон тавонист, ки дар боробари дигар кишвархо масоили гуногунро хал намояд. Барои Точикистон маълум буд, ки таъсиси чунин созмон («Панчгонаи Шанхай») масъалаи руз аст, зеро ки масоили муайян намудани сархадот бо кишвархои хамчавор дар вазъияти бесуботии дохилидавлати мебоист халли худро меёфт.

Албатта, барои кишваре монанди Точикистон халли чунин маъалаи хассос бо кишваре монани Хитой, кори миёншикан буд, лекин дар чахорчубаи созмон расидан ба созиши каноатмандона имкониятхои бештари одилона хал гаштани масъала буд. Бинобар ин Точикистон аввал дар «Панчгонаи Шанхай» ва баъд дар Созмони Ҳамкории Шанхай (СҲШ) фаъолияти пурсамар дорад.

Фаъолияти пурсамари ин созмон сабаб шудааст, ки бархе аз марказхои кудрати минтакави аз кабили Покистон, Хиндустон, Эрон чун самти улувиятноки сиёсати хоричии хеш аъзогии комилхукуки ин созмонро дастраси доранд.

Албатта аъзоёни нав дар симои Дехли ва Исломобод обру ва манзалати онро боло мекунад, алалхусус дар бахши мубориза алайхи терроризм, ифротгарои ва чудоихохи, ки боиси нигарони ва таваччухи хосаи чи аъзоён, чи нозирони ин созмон гаштааст.[9]

Фаъолияти шашсолаи созмон нишон дод, ки принсипхои сулх, хамкори, зидди тарафи сеюм набудан ва «Рухияи Шанхай», ки дар «боварии тарафайн, машваратхои тарафайн, баробари, эхтиром ба гуногунрангии фархангхо ва кушиш барои инкишофи тарафайн» зохир мегардад, чавобгуи манофеи милли ва хохишу ормонхои халкхои давлат-аъзоёни созмон мебошад. Махз хамин сифаташ кафили он гаштааст, ки новобаста ба хама гуна даъватхои нав ва тагиротхои кулли дар ҷаҳон ин Созмон худро ҳифз намуд ва ба дастовардхои назаррас ноил гашт. Ҳамкории фаъол ва муассири Точикистон бо Созмони ҳамкориҳои Шанхай аз фаъолияти муштараки аъзои ин ташкилот дар мавриди мубориза бар зидди терроризм, экстремизм, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва ҷинояткории трансмиллии муташаккил оғоз шуда, идома ёфтааст.

Аҳамияти муҳимро дар байни робитаҳои иқтисодӣ бевосита робитаҳои тиҷоратӣ бо мамлакатҳои аъзои СҲШ доранд. (ҷадвали 1)

**Ҷадвали 1**

**Гардиши савдои берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо шарикон аз рӯи СҲШ дар солҳои 2012-2017 (млн. доллари ИМА)**

| мамлакатҳо | **2012** | **2013** | **2014** | **2015** | **2016** | **2017** |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **ҳамагӣ** | 345,3 | 394,3 | 542,5 | 649,3 | 1145,8 | 1914,2 |
| **Россия** | 251,0 | 230,3 | 301,3 | 339,3 | 489,1 | 911,0 |
| **Хитой** | 9,7 | 32,4 | 63,1 | 98,2 | 158,9 | 283,6 |
| **Қазоқистон** | 75,7 | 100,4 | 156,1 | 188,0 | 214,6 | 356,8 |
| **Узбекистон** | - | - | - | - | 243,8 | 300,9 |
| **Қирғизистон** | 8,9 | 31,2 | 22,0 | 23,8 | 39,4 | 61,9 |

Сарчашма: Тартиб дода шудааст: Внешнеэкономическая деятельность Республики Таджикистан. Статистический сборник. Душанбе, 2008.С.16,19.

Дар бахши содирот вазъияти нисбатан ноустувоор ба назар мерасад барои маълумоти пурратар ба рақамҳои ҷадвал рӯ меоварем.

**Ҷадвали 2**

**Содироти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи СҲШ дар солҳои 2012-2017(млн. доллари ИМА)**

| мамлакатҳо | 2012 | 2013 | 201<br>4 | 2015 | 2016 | 2017 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **ҳамагӣ** | 96,8 | 66,2 | 80,7 | 191,5 | 181,9 | 219,9 |
| **Россия** | 87,5 | 52,2 | 60,5 | 82,2 | 65,4 | 97,3 |
| **Хитой** | 2,1 | 5,7 | 6,1 | 5,7 | 10,0 | 8,3 |
| **Қазоқистон** | 3,5 | 4,6 | 3,5 | 19,7 | 27,9 | 24,0 |
| **Узбекистон** | - | - | - | - | 67,4 | 87,0 |
| **Қирғизистон** | 3,7 | 3,7 | 4,4 | 3,2 | 11,2 | 3,3 |

Сарчашма: Тартиб дода шудааст: Внешнеэкономическая деятельность Республики Таджикистан. Статистический сборник. Душанбе, 2018.С.22,24.

Рақамҳои ҷадвал гувоҳи он мебошанд, ки содироти мамлакат ба ин давлатҳо дорои тамоюли устувори зиёдшавӣ намебошад. Нисбати воридот бошад ваъзят тамоман баръакс мебошад.

**Ҷадвали 3**

**Воридоти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи СҲШ дар солҳои 2012-2017**

**(млн. доллари ИМА)**

| мамлакатҳо | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **ҳамагӣ** | 248,5 | 328,1 | 468,0 | 537,9 | 963,9 | 2658,2 |
| **Россия** | 163,5 | 178,1 | 240,8 | 256,5 | 423,7 | 813,7 |
| **Хитой** | 7,6 | 26,7 | 57,0 | 92,5 | 148,9 | 275,3 |
| **Қазоқистон** | 72,2 | 95,8 | 152,6 | 168,3 | 186,7 | 332,8 |
| **Узбекистон** | - | - | - | - | 176,4 | 213,9 |
| **Қирғизистон** | 5,2 | 27,5 | 17,6 | 20,6 | 28,2 | 58,6 |

Сарчашма: Тартиб дода шудааст: Внешнеэкономическая деятельность Республики Таджикистан. Статистический сборник. Душанбе, 2018.С.27.,30.

Воридоти мамлакат бошад аз давлатҳои аъзои Созмон сол аз сол зиёд шуда истодааст. Дар ин ҷо ҳаҷми асосии воридот ба ҳиссаи Россия ваХитойрост меояд. Воридот аз Россия тамоюли устувори афзуншавӣ дорад мисол агар ҳаҷми он дар соли 2012 ба 163,5 млн. доллари ИМА баробар бошад дар соли 2017 он ба 813,7 млн. доллари ИМА баробар шудааст. Ҳаҷми воридот низ дар марҳилаи таҳлилшуда бо суръати балнд зиёд шуда истодааст. Агар дар соли 2012 ҳаҷми воридот азХитойба 7,6

млн. доллари ИМА баробар бошад дар соли 2017 он аллакай ба 275,3 млн. доллари ИМА баробар шудааст.

. Сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ аз рӯи мамлакатҳои аъзои СҲШ оварда дар ҷадвал шудааст.

**Ҷадвали 4**

**Маълумот оиди сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ аз рӯи шарикони СҲШ дар соилҳои 2012-2017** (ҳазор доллари ИМА)

| **номгӯи** | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **ҳамагӣ** | **36 066,4** | **31 649,7** | **22 355,2** | **54 479,3** | **385178,5** | **388436,1** |
| **Россия** | **8 452,6** | **10 949,0** | **303,9** | **2770,1** | **231736,6** | **160173,3** |
| **Хитой** | **-** | **0,5** | **2 056,1** | **2543,9** | **34893,6** | **6406,5** |
| **Қазоқистон** | **-** | **1,0** | **-** | **3,9** | **2423,4** | **10856,3** |
| **Узбекистон** | **-** | **-** | **-** | **-** | **-** | **-** |
| **Қирғизистон** | **-** | **-** | **82,0** | **35,4** | **-** | **32,1** |
| **Дигар мамлакатҳо** | **27 613,8** | **20699,2** | **19913,2** | **49051,3** | **116124,9** | **210967,9** |

Сарчашма: Маълумотҳои Вазорати Рушди Иқтисод ва Савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Аз рақамҳои ҷадвал дидан мумкин аст, ки шарики асоси дар бахши сармоягузории мустақим дар байни мамлакатҳои аъзои Созмон бевосита Федератсияи Россия мебошад ва ҳаҷми сармоягузориҳо сол аз сол зиёд шуда истодааст. Дар соли 2017 аллакай ҳачми сармоягузориҳои мустақими хорҷӣ ба 160173,3 ҳазор доллари ИМА барабар шудааст. Дар маҷмӯъ дар солҳои истиқлолият дар байни Тоҷикистону Россия ба ҳисоби миёна 187 корхонаи муштарак таъсис дода шудааст. Самтҳои асосии сармоягузорӣ ин пеш аз ҳама соҳаи энергетика соҳаи металлургия: коркарди пахта ва ғайраҳо мебошад. Дар соҳаи амалисозии лоиҳаҳои сармоягузорӣ Россия аллакай якчанд лоиҳаро амалӣ карда истодаст (сохтмони неругоҳи обӣ - барқии Сангтуда). Дар баробари ин қайд намудан лозим аст, ки гарчанде ки дар ин самт дар шароити имрӯза корҳои муайян рафта истодаанд аммо онҳо ба имконияттҳои потенсиалии мамлакт мувофиқат намекунанд ва дар ин ҷо монеаҳои муайян мавҷуд ҳастанд, ки бо чунин қисматҳо алоқаманд мебошанд: 1) консенсус дар

раванди гуфтушунидҳо; 2) дарёфт намудани шарикон оиди лоиҳои инвеститсионӣ; 3) манфиатҳои сиёсӣ.

Дар ҷои дуюм аз рӯи ҳаҷми сармоягузориҳои хориҷӣ Хитой меистад, ҳаҷми сармоягузорӣ аз ин мамлакат низ зиёд шуда шуда истодааст ва ҳаҷми он дар соли 2016 ба 34893,6 ҳазор доллари ИМА расидааст новобаста аз он ки дар соли 2017 камшавии ҳаҷми воридшавии сармоя ба назар мерасад. Шумораи корхонаҳои муштараки дар якҷоягӣ бо Хитой ташкил карда шуда ба 70 адад баробар мебошад. Воридшавии сармоягузории мустақими хориҷӣ аз Ҷумҳурии Қазоқистон низ рӯ ба афзоиш дорад.

**4. Робитахои иктисодии ЧТ: содирот ва воридот, муносибатхо дар доираи ИДМ, ИИОМ ва СҲШ**

Ташаккулёбии фаъолияти иктисодии хоричии Чумхурии Точикистон дар бисёр холат ба вазъи сиёсии дохили дар мамлакат вобаста буд. Асоси хукукии гузаронидани фаъолияти иктисодии хоричи ва интегратсияи мамлакатро ба системаи иктисоди чахони Конун «Дар бораи фаъолияти иктисодии хоричи Чумхурии Точикистон», ки 27 декабри соли 1993 имзо шудааст, ташкил мекунад.

Сиёсати иктисодии хоричии Точикистон барои устуворнамоии вазъи иктисодии мамлакат ва хал кардани масъалаи шугли пурраи ахоли бо воситаи афзун кардани тичорати хоричи ва ворид шудан ба робитахои хочагии чахони нигаронида шудааст.

Ба ин максад дар Точикистон чараёни либерализатсияи фаъолияти тичорати хоричи бо нигохдории чорахои химояи истехсолкунандаи ватани бо рохи дар тичорати хоричи истифода кардани чорахои танзимкунии тарифи ва гайритарифи гузаронида шуда истодааст. Дар соли 1996 ба максади зиёд кардани хачми содирот хатман фурухтани даромади асъори, ба хисса (квота) - дарори ва литсензиягири, бочхои содироти гумруки бекор карда шуданд.

Аз вакти гирифтани истиклолият Чумхурии Точикистон зиёда аз 200 шартнома ва созишномахои дутарафаи байнидавлати ва байнихукуматиро ба

имзо расонид, аз он чумла, зиёда аз нисфи онхо – бо давлатхои ИДМ. Точикистон хамчунин иштирокчии микдори зиёди шартномахо ва созишномахои бисёртарафа мебошад. Бо мамлакатхои Осиёи Маркази, Шарки Наздик ва Осиёи Чануби Шарки робитахои иктисоди баркарор карда шудаанд.

Дар солхои охир амалиёти тичорати беруни равнак ёфтаистода, гардиши молии чумхури якчанд маротиба зиёд шуд.

Аммо кайд кардан зарур аст, ки сохтори содироти асосан аз содироти захирахои ашёви иборат аст, ки 90%-и хачми умумии содиротро ташкил мекунад. Содироти фаъоли захирахои  ашёви ба хорича дар шароити таназзули истехсолоти дохили вазъи мураккаби иктисодии давлатро боз хам вазнинтар мегардонад.

Вобастагии калони бозори дохили аз кашонидани бисёр намудхои махсулоти хуроквори ва молхои саноати боки монд. Дар солхои наздик дар Точикистон бояд базаи мустахками истехсоли дар асоси технологияи нави муосири замонавигардонии иктидорхои мавчудбуда ва нихоятан зиёдгардонии хиссаи махсулоти тайёр дар содирот ташкил карда шавад. Хамин тавр воридоти бисёр молхо кам карда мешавад, онхоро истехсолоти худи иваз мекунад. Дар доираи ҳадафи саноатикунонии босуръати кишвар ва татбиқи имтиёзҳои қайдшуда дар ҷумҳурӣ истеҳсоли молҳои ниёзи аввал афзоиш ёфта,талаботи бозори дохилӣ таъмин ва сохтори содирот бо тадриҷ васеъ мешавад.

Дар давраи татбиқи Барнома содироти молу маҳсулот аз 898,7 млн. доллари соли 2016 ба 1174,4 млн. доллар дар соли 2019 расонида шуд. Дар маҷмӯъ давоми солҳои 2016 - 2019 ҳиссаи содирот дар сохтори гардиши савдои хориҷии кишвар аз 22,8 фоиз то 26,0 фоиз афзоиш ёфт.




Сохтори содирот аз 342 то 450 номгӯи молу маҳсулот зиёд гардид. Дар ҳамкорӣ бо сармоягузорони хориҷӣ дар соҳаҳои гуногун корхонаҳои истеҳсолӣ бо технологияи муосир таъсис дода шуд, ки ҳаҷми истеҳсоли онҳо талаботи бозори истеъмолиро қонеъ мегардонад ва дар таҳкими иқтидори содиротии кишвар саҳми назаррас доранд.

Дар соли 2019 содироти 1527,3 ҳаз. тонна семент бо арзиши умумии 68,0млн. доллар ба қайд гирифта шудааст, ки дар қиёс ба соли 2016 1237,4 ҳаз. тонна ё 52,7млн. доллар зиёд мебошад. Содироти семент асосан ба Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, Ӯзбекистон ва Қирғизистон сурат мегирад.

Бо мақсади тақвияти содироти ин намуди маҳсулот аз ҷониби корхонаҳои ватанӣ хонаҳои савдо дар кишварҳои қайдгардида таъсис дода шудаанд.




Содироти нахи пахта дар ташаккули иқтидори содиротии кишвар характери мавсимӣ дошта, асосан дар моҳҳои октябр-декабри соли ҳисоботӣ ва январ-марти соли оянда сурат мегирад.

Дар соли 2019 ҳаҷми содироти нахи пахта 94,1 ҳаз. тоннаро ташкил дод, ки назар ба соли 2016 6,7 ҳаз. тонна ё 18,6 млн. доллар зиёд мебошад.

Дар баробари натиҷаҳои бадастомада дар самти коркарди маҳсулоти пахтагин имкониятҳо зиёд аст ва нишондиҳандаҳои Барнома низ дар заминаи ҳамин захираҳо таҳия шуда аст.




Бинобар маълумоти Вазорати саноат ва технологияҳои нав ҷиҳати коркарди нахи пахтаи истеҳсолшуда дар кишвар 18 корхонаи ресандагӣ бо иқтидори лоиҳавии коркарди зиёда аз 80 ҳаз. тонна нахи пахта мавҷуд

мебошанд. То соли 2022 иловатанбарои коркарди 15 ҳаз. тонна иқтидорҳои иловагӣ сохта ба истифода дода мешаванд.




Дар соли 2019 ба хориҷи кишвар 18,5 ҳаз. тонна ресмони пахтагӣ бо арзиши 40,6 млн. доллар содирот гардида, нишондиҳандаи мазкур нисбат ба соли 2016 13,8 ҳаз. тонна ё 29,7 млн. доллар зиёд мебошад.

Ҳамзамон содироти либос ва қисмҳои он 15,9 млн. долларро ташкил намуда, нисбат ба соли 2016 - ум 1,3 млн. доллар афзоиш ёфтааст.

Маъдану консентратҳо дар сохтори содирот ҳиссаи назаррас доранд. Тибқи маълумоти оморӣ дар соли 2019 аз ҷониби ширкатҳои саноати кӯҳӣ 316,5 ҳаз. тонна бо маблағи 296,9 млн. доллар маъдану консентратҳо содирот шудааст, ки дар муқоиса ба соли 2016 19,2 ҳаз. тонна ё 57,8 млн. доллар афзоиш ёфтааст.

Дар сохтори содироти маъданҳо ҳисаи асосиро консентрати рӯҳ ташкил намуда, дар соли 2019 содироти он 179,6 ҳаз. тонна бо арзиши 128,5 млн. доллар ба қайд гирифта шудааст. Нишондиҳандаи мазкур нисбат ба соли 2016 15,0 ҳаз. тонна ё 34,2 млн. доллар афзоиш ёфтааст.




Дар доираи ҳадафу афзалиятҳои Ҳукумати ҷумҳурӣ вобаста ба таъмини истиқлолияти энергетикӣ ва сарфаҷӯии энергия нишондиҳандаҳои истеҳсол ва содироти нерӯи барқ пайваста тамоюли афзоишро касб намуда истодаанд. Дар соли 2019 истеҳсоли нерӯи барқ дар ҷумҳурӣ 20676,2 млн. кВт. соатро ташкил дод, ки нисбат ба соли 20163479,2 млн.кВт. соат ё 20,2 фоиз зиёд истеҳсол гардидааст.

Ҳаҷми содироти қувваи барқ 3175,0 млн. кВт. соат бо арзиши 93,1 млн. долларро ташкил намуда, мутаносибан ба соли 2016 1747,7 млн. кВт. соат 41,4 млн. доллар афзоиш ёфтааст.




Дар соли 2019 аз ҷумҳурӣ 3,9 ҳаз. тонна пӯсту чарм ва ашёи хоми он бо арзиши 2,6 млн. доллар содирот гардидааст, ки нисбат ба соли 2016 1,3 ҳаз. тонна ё 0,1 млн. доллар афзоиш ёфтааст. Дар доираи ҳадафҳои муайяннамудаи барнома таваҷҷӯҳи бештар ба коркади ниҳоӣ ва истеҳсоли маҳсулоти воридотивазкунанда дода шудааст, зеро ки зиёда аз 90 фоизи талаботи аҳолӣ бо пойафзол аз ҳисоби воридот таъмин карда мешавад.




Тибқи маълумоти оморӣ дар ҷумҳурӣ 7 адад корхонаҳои истеҳсоли қолин ва маснуоти қолинӣ ба қайд гирифта шуда, соли 2019 6 адади онҳо дар ҳаҷми 4,4 млн. метри мураббаъ қолин ва маҳсулоти қолинӣ истеҳсол намудаанд, ки нисбат ба соли 2016 2,6 маротиба ё 2,7 млн. метри мураббаъ зиёд аст. Татбиқи имтиёзҳои андозӣ вобаста ба воридоти технологияи муосири истеҳсолӣ, татбиқи чораҳои муҳофизатӣ тавассути фишангҳои тарифию ғайритарифӣ имкон дод, ки содироти маҳсулоти қолинӣ ба роҳ монда шавад.




Андешида шудани тадбирҳо дар самти ташкили истеҳсолоти воридотивазкунанда имкон дод, ки талаботи бозори истеъмолӣ аз ҳисоби истеҳсолоти ватанӣ бо молҳои асосии хӯрокворӣ, асбобҳои рӯзгор ва

масолеҳи сохтмонӣ таъмин гардад,инчунин ҳиссаи молу маҳсулоти воридотӣ сол аз сол коҳиш дода шавад.

Дар шароити муосири баркароргаштаи сохтори робитахои хочагии чахони Чумхурии Точикистон, гумон меравад, ки афзалияти баланди нисби ва хусусан мутлак дошта метавонад. Дар ояндаи миёнамуддат, дар шароити таназзули истехсолот ва фаъолияти сусти сармоядори корхонаю сохахои чумхури, ки бо махсулоти содироти монанди нахи пахта, хулаи алюминий, маъданхо ва консентратхо, тамоку ва пуст сару кор доранд, накши «нуктаи махаллии рушди иктисодиро» ичро карда наметавонад ва дар онхо чамъ кардани сармояи хоричи имконнопазир аст.

Дар солхои тараккиёти мустакил режими иктисодии хоричи чумхури се мархалаи асоси – аз катъи марказонидан то нисбатан либерализатсияи амалиёти асъор ва содиротиро гузаштааст. Барои мархалаи аввал монополияи хакикии давлати ба содирот характернок буд, ки ба воситаи хиссахо (квотахо), супоришхои давлати, литсензияхо, андозхои содироти ва хатман супоридани даромадхои асъори ба Фонди давлатии асъор амали гардонида шуданд. Чунин тачрибаи танзимкунии фаъолияти иктисодии хоричи ба камшавии содирот аз хиссаи хакикии хачми муайяншуда, зиёдшавии муомилоти тичорати дар асоси бартер, кушодани хисобхои асъори берун аз марзи чумхури мусоидат кард. Дар мобайни соли 1995 якбора тагйирёбии афзалиятхо –гузаштан ба усулхои иктисодии танзимнамоии фаъолияти иктисодии хоричи ба воситаи танзимкунии тарифию гумруки ба вучуд омад. Бочхои гумруки содироти чори карда шуданд ва тартиби фуруши хатмии кисми даромадхои асъори аз фурухтани махсулоти содироти ба захирахои тиллоию асъории Бонки милли амал мекард. Хамин тарик, мархалаи дуюм бо истифодаи усулхои «мулоими» танзимнамоии фаъолияти иктисодии хоричи тавсиф мешавад, ки дарояндаи миёна ва дарозмуддат самара оварда метавонад. Баробари ин зиёдшавии ноустувори макроиктисоди, хачми карзи хоричи ва касри баланси пардохти чумхури, зарурияти чустучу кардани кумаки молиявиро аз хорича талаб

мекарданд. (Мувофики бахои экспертхои ФБА барои баркарорнамоии иктисодиёти Точикистон сатхи маблаггузории хоричи дар як сол бояд 260-280 млн долл ШМА бошад). Чунин кумак аз чониби ФБА дар намуди карзи «стэнд-бай» (барои дастгири кардани баланси пардохт), Бонки умумичахони дар шакли карзи офиятии (реабилитатсионии) Ассосиатсияи байналхалкии тараккиёт (барои бо маблаг таъмин кардани барномаи устуворсози) пешниход шуда буданд, аммо дар сурати ичро кардани шартхои муайян, ба монанди - либерализатсияи минбаъдаи савдо ва системаи асъор гирифтани онхо имконпазир аст. Дар натича, аз бахори соли 1996 мархалаи сеюми фаъолияти иктисодии хоричии чумхури огоз гардид, ки сифатхои  хоссаи онро пурра бекор кардани бочхои гумрукии содироти ва тартиби фуруши хатмии кисми даромадхои асъори ба захирахои тиллоию асъории Бонки милли, аз байн бардоштани махдудияти асъори аз болои амалиёти чории хоричи бо фарогирии репатриатсияи сармояхои мустаким ташкил мекунанд.

Мушкилот ва масъалахое, ки ба онхо Чумхурии Точикистон (мисли хамаи мамлакатхои ИДМ) хангоми татбик кардани манфиатхои иктисодии хоричии худ дучор шуд, яке аз сабабхои тамоюли зохиршудаистода барои таквият додани чараёнхои интегратсиони дар худуди ИДМ мебошад. Заминаи объективии ин тамоюл хислати хакикии комплекси ягонаи хочагии халки собик ИЧШС ва хавасмандии иктисодии кисмати бисёри корхонахои хамаи чумхурихои ИДМ барои кор дар бозори ягона  мебошад.

Реинтегратсияи чумхурихои баъдишурави ва татбик кардани идеяи иттифоки иктисодии мамлакатхои ИДМ – ин чараёни мураккабу тазоднок аст. Вале аз нуктаи назари таъмин кардани манфиатхои иктисодии хоричии Чумхурии Точикистон муайян кардани чихат-хои асосии ин чараён имконпазир аст.

**Якум**, ин баркарорнамои ва таъмини муттасили чараёни такроristехсол дар сатхи субъектхои хочаги мебошад. Имруз аллакай хамагон кабул доранд, ки дар шароити гузариш аз системаи накшави ба муносибатхои бозори ва сохибихтиёрии иктисодии давлатхо интегратсия дар асоси ташкил кардани

гуруххои молияви-саноати, хамчун модели базавии ширкатхои фаромилали бо хамаи хислатхои барои чунин ширкатхо хосбуда ташаккул ёфта метавонад.

**Дуюм**, ин хал кардани масъалаи карзи хоричи. Кисми асосии карзи хоричии Чумхурии Точикистон ба мамлакатхои ИДМ (асосан Россия ва Узбекистон) рост меояд, ки аз хисоби буча асосан таъмин шуда истодааст. Дар баробари ин, ташкили ширкатхои фаромилали барои дар амал татбикшавии ин чараён, ба монанди бадалшавии карз ба сармоя, ба хисоби карз гирифтани сахмияхои корхонахо ва бонкхои давлати, нимдавлати мусоидат мекунад.

**Сеюм**, ояндаи дарозмуддати фаъолияти иктисодии хоричии дар худуди мамлакатхои ИДМ. Рохи эволютсионии интегратсия якчоя кардани муносибатхои дутарафа ва бисёртарафаро бо ин мамлакатхо дар назар дорад ва аз ташкили минтакахои озоди тичорат, ба воситаи Иттифокхои Гумруки ва Пардохти ба иттифоки иктисодии давлатхои мустакил сурат мегирад.

Дар сохтори содироти нахи пахта ба мамлакатхои ИДМ, мавкеи пешсафро Федератсияи Россия, ,збекис-тон ва Украина ишгол мекунанд. Агар ба Федератсияи Россия фурухтани нахи пахта дар худуди созишномаи байнихукумати гузаронида шуда бошад, ба Узбекистон содироти он асосан барои пардохтани карз, гази табиии харидшаванда ба амал баровварда шудааст. Украина пахтаи Точикистонро барои таъмини истехсолоти корхонахои нассочии худ харид мекард.

Тамоюли ба ин монанд дар содироти хулаи алюминий низ ба чашм мерасад. То либерализатсияи фаъолияти иктисоди хоричии Чумхурии Точикистон, содироти хулаи алюминий дар асоси литсензия сурат мегирифт, яъне мисли нахи пахта монополияи давлат буд. Истеъмолкунандагони асосии алюминии Точикистон дар худуди ИДМ Федератсияи Россия, Украина ва Узбекистон мебошанд.

**Адабиёт:**

1. Бабурина, О. Н. Мировая экономика и международные экономические отношения : учебник / О.Н. Бабурина. – Москва : ИНФРА-М, 2021. – 275 с.

2. Васильева, Т. Н. Мировая экономика : конспект лекций / Т. Н. Васильева, Л. В. Васильев. – 4 -е изд., стер. – Москва : ФЛИНТА, 2021. – 161 с.
3. Дерен, В. И. Мировая экономика и международные экономические отношения : учебник и практикум для вузов / В. И. Дерен. – 2-е изд., испр. иБабурина, О. Н. Мировая экономика и международные экономические отношения : учебник / О.Н. Бабурина. – Москва : ИНФРА-М, 2021. – 275 с.
4. Васильева, Т. Н. Мировая экономика : конспект лекций / Т. Н. Васильева, Л. В. Васильев. – 4 -е изд., стер. – Москва : ФЛИНТА, 2021. – 161 с.
5. Дерен, В. И. Мировая экономика и международные экономические отношения : учебник и практикум для вузов / В. И. Дерен. – 2-е изд., испр. и доп. – Москва : Издательство Юрайт, 2021. – 588 с.
6. Заволокина, Л. И. Мировая экономика : учебное пособие для вузов / Л. И. Заволокина, Н. А. Диесперова. – Москва : Издательство Юрайт, 2021. – 182 с.
7. Кузнецова, Г. В. Россия в системе международных экономических отношений : учебник и практикум для вузов / Г. В. Кузнецова. – 2-е изд., перераб. и доп. – Москва : Издательство Юрайт, 2021. – 393 с.
8. Ломакин, В.К. Мировая экономика: учебник для студентов вузов, обучающихся по экономическим специальностям и направлениям / В.К. Ломакин. – 5-е изд., перераб. и доп. – М. : ЮНИТИ-ДАНА, 2019. – 687 с.
9. Любецкий, В. В. Мировая экономика и международные экономические отношения : учебник / В.В. Любецкий. – М. : Инфра-М, 2019. – 350 с.
10. Международные экономические отношения в глобальной экономике : учебник для вузов / И. Н. Платонова [и др.] ; под общей редакцией И. Н. Платоновой. – Москва : Издательство Юрайт, 2021. – 528 с.
11. Международные экономические отношения. Активные методы обучения: Уч. пос. / Л. В. Новокшонова, М. Л. Горбунова, Т. С. Морозова и др.; Под ред. Л. В. Новокшоновой – М.: Магистр: НИЦ Инфра-М, 2019. – 128 с.
12. Мировая экономика в 2 ч. Часть 1 : учебник для вузов / Б. М. Смитиенко [и др.] ; под редакцией Б. М. Смитиенко, Н. В. Лукьянович. – 4-е изд., перераб. и доп. – Москва : Издательство Юрайт, 2021. – 216 с.

13. Мировая экономика в 2 ч. Часть 2 : учебник для вузов / Б. М. Смитиенко [и др.] ; под редакцией Б. М. Смитиенко, Н. В. Лукьянович. – 4-е изд., перераб. и доп. – Москва : Издательство Юрайт, 2021. – 236 с.
14. Мировая экономика в 2 ч. Часть 1. : учебник для вузов / Р. И. Хасбулатов [и др.] ; под редакцией Р. И. Хасбулатова. – 2-е изд., перераб. и доп. – Москва : Издательство Юрайт, 2021. – 689 с.
15. Мировая экономика в 2 ч. Часть 2. : учебник для вузов / Р. И. Хасбулатов [и др.] ; под редакцией Р. И. Хасбулатова. – 2-е изд., перераб. и доп. – Москва : Издательство Юрайт, 2021. – 691 с.
16. Мировая экономика и международные экономические отношения : учебник для бакалавров / под ред. д.э.н., проф. И. П. Николаевой, д.э.н., проф. Л. С. Шаховской. – 2-е изд., стер. – Москва : Издательско-торговая корпорация «Дашков и К°», 2020. – 240 с.
17. Мировая экономика и международные экономические отношения : учебник / под ред. В. К. Поспелова. – Москва : ИНФРА-М, 2021. – 370 с. доп. – Москва : Издательство Юрайт, 2021. – 588 с.
18. Заволокина, Л. И. Мировая экономика : учебное пособие для вузов / Л. И. Заволокина, Н. А. Диесперова. – Москва : Издательство Юрайт, 2021. – 182 с.
19. Кузнецова, Г. В. Россия в системе международных экономических отношений : учебник и практикум для вузов / Г. В. Кузнецова. – 2-е изд., перераб. и доп. – Москва : Издательство Юрайт, 2021. – 393 с.

**Тестхо оиди мавзуи 7.2.**

**1. Иттиҳоди давлатҳои мустақил-ИДМ(СНГ) кадом сол ва дар куҷо таъсис дода шуда буд?**A) соли 1990 дар Минск;B) соли 1990 дар Москва;C) соли 1991 дар Минск;D) соли 1991 дар Москва;E) соли 1993 дар Киев.

**2.Иттиҳоди иқтисодии Осиё ва Аврупо(ЕвроАзЭэ)**

A) соли 1999 аз тарафи 2-давлат;B) соли 1998 аз тарафи 3-давлат;C) соли 2000 аз тарафи 5-давлат;D) соли 2001 аз тарафи 5-давлат;

E) соли 2002 аз тарафи 5-давлат.

**3.Ташкилотҳои интегартсионие, ки Тоҷикистон аъзои онҳо мебошад, кадомҳоянд?**

A) НАФТА, СЕФТА, МЕРКОСУР;B) СММ, БИР, ХБА;C) ОПЕК, Клуби Лондон;D) созмони ҳамкории Шанхай ва ИДМ;E) Иттифоқи Аврупо, СММ, ХБА, НАФТА.

**4.Мақсадҳои асосии танзими тиҷорати берунӣ ин?**

A) Ҷори намудани сиёсати протексионистӣ аз ҷониби давлат;B) Танзими буҷети давлат;C) Таҳияи балансי пардохт;D) Танзими тиҷорати берунаи мамлакат;E) Озод гардонидани тиҷорати берунии мамлакат.

**5.Инкишофи муносибатҳои иқтисодии байналхалқӣ аз чунин омилҳо вобаста мебошанд;**

A) вазъи табиию-иқлимӣ, демографӣ, истеҳсолӣ, илмию-техникӣ, сиёсӣ, ичтимоӣ, миллию-этникӣ;B) Инкишофи тиҷорати берунӣ, содироти сармоя, мубодилаи иттилоотӣ, ҳамкории байналхалқии илмию-техникӣ;C) мавқеи мамлакат дар хоҷагии ҷаҳон;D) тақвиятёбии тақсимоти байналхалқии меҳнат;E) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд.

**6.Дар шароити иқтисодиёти кушод?**

A) Инкишофи истеҳсолоти содиротӣ;B) Иқлими мусоиди инвеститсионӣ;C) Нест кардани марзи миллӣ;D) Тобеъ кардани иқтисодиёти миллӣ ба манфиати иқтисодии ширкатҳои фаромиллалӣ;

E) Пайдо шудани роҳ ба бозори хориҷӣ ба вуҷуд меояд.

**7.Тақсимоти байналхалқии меҳнат чиро ба вуҷуд меорад?**

A) Кам намудани маҷмӯи хароҷотҳои иқтисоди миллӣ;B) Ташкили истеҳсолоти содиротиро;C) Гузаронидани як қисми омилҳои истеҳсолотро ба соҳаи содиротии иқтисодиёт;D) Зиёд гардонии талабот ба молхои хоричиро;E) Ҳамаи ҷавобҳои овардашударо ба вуҷуд меорад.

**8.Назарияҳои асосии тиҷорати байналхалқӣдар пайдарпаии зерин аз тарафи олимони иқтисодчӣ ба миён оварда шудаанд?**

A) Назарияи бартарияти нисбӣ, назарияи бартарияти мутлақ, назарияи таносуби омилҳои истеҳсолот ва парадокси Леонтьев;

B) Назарияи таносуби омилҳои истеҳсолот, назарияи бартарияти нисбӣ, назарияи бартарияти мутлақ, ва парадокси Леонтьев;

C) Назарияи бартарияти мутлақ, назарияи бартарияти нисбӣ, назарияи таносуби омилҳои истеҳсолот ва парадокси Леонтьев;

D) Назарияи бартарияти мутлақ, назарияи бартарияти нисбӣ, парадокси Леонтьев ва назарияи таносуби омилҳои истеҳсолот;

E) Назарияи баробаршавии нархҳои омилҳои истеҳсолоти Хекшер-Олин-Самуэльсон, назарияи таносуби омилҳои истеҳсолоти Хекшек-Олин, парадокси Леонтьев.

**9.Кадоме аз инҳо ба омилҳои асосии ТБМ дохил мешаванд?**

A) омилҳои ҷугрофию табиӣ;B) омилҳои иҷтимоию фарҳангӣ;

C) омилхои микроиқтисодӣ;D) омилҳои илмӣ;E) омилҳои сиёсӣ.

**10.Тиҷорати ҷаҳонӣ ин?**

A) Ҷамъи содирот ва воридоти соҳаҳои хизматрасонии мамлакат;

B) Ҷамъи содирот ва воридоти молҳои хоҷагии қишлоқ;

C) Ҷамъи содирот ва воридоти махсулотҳои ташкилотҳо;

D) Ҷамъи содирот ва воридоти махсулотҳои давлат;

E) Ҷамъи тиҷорати берунии мамлакатҳои хоҷагии ҷаҳон.

# МАВЗӮИ №7.3.

## Хитой дар иктисодиёти чахон

**1.Хусусиятхои иктисодии ЧХХ дар нимаи аввали асри 20 то давраи ислохот. Ислохоти иктисодии ЧХХ.**

**2. Мавкеи ЧХХ дар иктисодиёти чахони ва робитахои берунииктисодии он.**

### 1.Хусусиятхои иктисодии ЧХХ дар нимаи аввали асри 20 то давраи ислохот. Ислохоти иктисодии ЧХХ.

Аз замони эъломияи Чумхурии Халкии Хитой (ЧХХ) дар соли 1949 ва алалхусус дар давраи сиёсати ислохот ва кушодашави, ки аз соли 1979 огоз

шудааст, муваффакиятхои Хитой дар сохтмони иктисоди таваччухи тамоми чахонро ба худ мекашад.

Дар солхои ислохот Хитой ба озодшавии минбаъдаи куввахои истехсолкунанда ва афзоиши хеле калони мачмуи иктидори давлат ноил шуд. Аз руи нишондихандахои мутлаки як катор намудхои мухими махсулоти саноати ва хочагии кишлок Хитой ба чои аввал дар чахон баромад.

Дар сохтмони иктисоди ва азнавсозии Хитой се мархала пешбини шуда буд. Дар мархалаи якум, зиёд кардани МММ ду маротиба дар соли 1987 назар ба соли 1980 ва хал кардани талаботи ахоли ба молхои истеъмоли. Дар мархалаи дуюм, дар интихои асри XX ба чор маротиба зиёд кардани МММ нисбат ба соли 1980 ноил шудан ва бардоштани некуахволии халк то сатхи миёнаи таъминот. Дар мархалаи сеюм, яъне тахминан дар миёнаи садаи XXI асосан ба охир расонидани азнавсозии мамлакат ва расонидани нишондихандаи МММ ба як нафар то ба сатхи мамлакатхои миёнатаракки пешбини шудааст.

Аз солхои 80-ум ходисаи аз хама ба назар намоёни хаёти иктисодии Хитой ислохоти системаи иктисоди мебошад. Дар давраи аз ибтидои солхои 50-ум то интихои солхои 70-ум Хитой системаи иктисодии баландтамаркузи накшави дошт, ки накши мусбатро дар чараёни тамаркузи захирахои модди ва молияви, воситахои техники барои сохтмони объектхои умумидавлати дошта ичро кард. Вале бо баробари пайваста зиёдшавии хачми истехсолот ва мураккабшавии сохтори иктисодиёт, тарафхои сусти чунин системаи хочагидори бараъло зохир шудан гирифтанд. Ва махз: яктарафа баланд бардоштани сатхи чамъиятигардонии ба дарачаи тараккиёти куввахои истехсолкунанда мувофикатнакунанда; чой надоштани тафрикаи аники вазифахои байни дастгохи маъмури ва корхонахо, ки барои худсарона дахолат кардан ба кори корхонахо овард; бартарияти номавриди маъмурии дар идоракунии иктисодиёт, ки фишангхои иктисоди ва хукукиро инкор мекунад. Ислохот аз дехот огоз гардида, хамчунин шаклхои гуногуни пудрати оилави ва ташкили системаи хизматрасонии чамъиятиро дарбар гирифтааст; пайваста

аз байн бардоштани харидкунии марказонидашуда ва аз руи накша фурухтани махсулоти  хочагии кишлок ва корхонахои ёрирасон, либерализатсияи кисми зиёди нарх ба махсулоти хочагии кишлок ва махсулоти корхонахои саноатии ёридиханда; ба тартиб даровардани сохтори истехсолот дар дехот, таракки додани хочагихои бисёрсоха ва корхонахои волостию шахраки ва дигархо.

Бомуваффакият гузаронидани ислохот дар дехот шароити мусоидаткунандаро баркарор кард ва ба чамъ кардани тачриба барои гузаронидани ислохоти системаи иктисоди, умуман, ёри дод ва баромадани ислохотро ба мархалаи нав шаходат медихад, вакте гузаронидани ислохот дар шахр дар маркази диккат чой мегирад. Ин танзим кардани сохтори моликият, яъне дар шароити  бартари доштани моликияти чамъияти мусоидат кардан ба тараккиёти секторхои гуногуни иктисоди; зиёд кардани хукуки корхонахои давлати; хавасмандгардонии системаи чавобгарии пудрати; ташкил кардани иттиходияхои корхонахо ва сахоми гардонидани онхо; ислохоти системаи банакшагири, системаи молия ва муомилоти пули, такмил додани идоракунии макроиктисодии иктисодиёт; гузаронидани ислохот дар тичорати хоричи; тагйироти куллии системаи музди кор ва системаи таъминоти ичтимоиро ифода мекунад.

Дар асоси ислохоти зикршуда ба сифати максади ислохоти системаи иктисодии Хитой, ташкили системаи сотсиалистии иктисоди бозори пешбини шуда буд. Тарафхои мухими вай: тараккиёти якчояи секторхои гуногуни иктисоди дар шароити бартари доштани моликияти чамъияти; дигаргун шудани механизми хочагии корхонахои давлати, ташкил кардани режими корхонахои муосири ба талаботи иктисодиёти бозори мувофикаткунанда ва муайяниро дар масъалаи моликият, хукукхо ва чавобгарихо, дар фарккунии вазифахои хукумат ва корхонахо пешбиникунанда; дар микёси мамлакат баркарор кардани системаи ягонаи бозорхои кушод, ки бо хам пайвастани бозори дохили ва чахониро пешбини мекунад, хавасмандгардонии чойгиркунонии оптималии захирахои модди; куллан тагйир додани вазифахои

хукумат оид ба идоракунии иктисодиёт ба максади ташкил кардани системаи комили макротанзимкунии асосан ба усулхои гайримустаким асосёфта.

Хамин тарик, барои мамлакатхои калони осиёгии дорои иктисодиёти фармонфармоию директиви варианти гузариши тадричи гузоштан хос гардид. Дар вакти хозира оид ба баркароршавии модели ба худ хоси хитоии иктисодиёти давраи гузариш сухан гуфтан чоиз аст, ки он самаранокии баланди худро тасдик кардааст. Чунин хислатхои хоси ин моделро чудо кардан мумкин аст;

- ибтидои ислохоти бозори баркарорнамоии мувозинати динамики дар бозори истеъмоли мебошад, илова бар ин, на он кадар бо ёрии системаи нархxои чандири, балки ба туфайли афзоиши босуръати истехсоли хуроквори ва дигар молхои истеъмоли ва бо онхо пур кардани бозор (аз хисоби зиёд кардани маблаггузори ба ин соха, аз он чумла аз хисоби кам кардани маблаггузори ба саноати вазнин);

-чой доштани пайдарпаии ба худ хос дар баркарорнамоии иктисодиёти бозори: пеш аз хама муносибатхои бозори доираи истехсол ва фуруши молхои ис-

теъмолиро аз хочагии кишлок фаро гирифта, баъд ба сохахои истехсоли воситахои истехсолот мегузарад;

-либерализатсияи нарх хамчун мархалаи минбаъдаи ислохот баромад мекунад;

-дар як вакт дар ин ё он сатх пешгири кардани инфлятсия ва афзоиши баланди нарх боки мемонад;

-инфрасохтори бозор фаъолона бо дарбаргирии сохибкории хусуси баркарор карда мешавад.

Сохибкории хусуси асосан на ин ки аз хисоби хусусигардонии моликияти корхонахои давлати, балки аз хисоби тараккиёти динамикии сектори мустакили хусусии сохибкори ба вучуд омада истодааст, хамин тавр, иктисодиёти омехтаи ба таъсири мутакобили секторхои давлати ва хусуси асосёфта баркарор шуда истодааст.

Дар баркароршавии иктисодиёти омехта накши калонро бомуваффакият чалб кардани сармоягузории хоричи ичро мекунад, ки ба Хитой на факат бо сабабхои иктисоди, балки дар вобастаги ба устувории ичтимои-сиёси бо «майлу рагбати» калон омада истодааст.

Махз хамин моделро аз соли 1978 бомуваффакият истифода карда, Хитой гузаштанро ба иктисоди бозори таъмин кард ва ба музаффариятхои назаррас дар ин рох ноил шуд. Афзоиши миёнасоли МММ наздик 9 фоизро ташкил мекунад.

**2. Мавкеи ЧХХ дар иктисодиёти чахони ва робитахои беруниикисодии он.** Ислохот, кушодаги ва тараккиёти ичтимои ба якдигар дар чараёни гузаронидани тагйироти кулли дар РХХ мусоидат мекунанд.

Ин дар тараккиёти босуръати куввахои истехсолкунанда ва пешрафти хаматарафаи хаёти чамъияти ифода меёбад. Дар давраи солхои 1979-1997 афзоиши миёнасолии мачмуи махсулоти дохили 9,8%-ро ташкил карда, суръати инфлятсия (таваррум) аз 21,7% дар соли 1994 то 0,8% дар соли 1997 паст шуд. Вазъияти мусоидаткунандаи рушди босуръати иктисоди дар шароити сатхи пасти инфлятсия ба вукуъ омад. Сохтор ва самаранокии иктисодиёт бехтар гардид.

Дар замони хозира аз руи мачмуи иктидори иктисоди Хитой дар чахон аз чои 10-ум дар соли 1991 ба чои 7-ум баромада, факат аз ШМА, Япония, Германия, Фаронса, Италия ва Англия кафо аст.

Тичорати беруни устувор тараккi карда истодааст. Дар солхои 90-ум истифодаи хакикии сармоягузории хоричи 64 млрд. доллари ШМА-ро ташкил карда, захираи асъории Хитой ба 140 мрлд. доллар расид. Аз руи ин нишондиханда Хитой ба чои дуюм дар чахон баромад.

Дар таносуби байни такозо ва арза тамоюли табдилёбии бозори фурушанда ба бозори харидор хис карда шуд.

Дар 20 соли сипаришуда бо баробари таквияти ислохот дар Хитой асосан мархалаи тараккиёти иктисоди ба анчом расид, ки бо камчинии молхо ва афзоиши микдори тавсиф дода мешавад. Иктисодиёти Хитой ба мархалаи нав

шомил шуд, ки бо оптимизатсияи сохтори хочаги ва умуман баландшавии сифатии нишондихандахои хочагии халк фарк мекунад.

Дар давраи гузаронидани сиёсати ислохот ва кушодаги дар ЧХХ доимо сохтори молхои содиротшаванда такмил ёфтааст. Дар миёнаи солхои 80-уми асри XX Хитой аз содироти бартариятдоштаи молхои коркарди аввал, асосан ба содироти махсулоти тайёри саноати гузашт.

Муваффакиятхои тичорати хоричии Хитой дар соли 1997 таваччухи тамоми чахонро чалб кард. Маблаги умумии воридот ва содироти мамлакат дар як сол 325,1 млрд. доллари ШМА ташкил кард, ки аз руи ин нишондиханда Хитой бори аввал ба чои 10-ум дар руйхати мамлакатхои бузурги тичоратии чахон, ки аз тарафи Созмони умумибашарии тичорат тартиб дода мешавад, дохил карда шуд.

Дар солхои 90-ум гардиши тичорати хоричии Хитой 15,7 маротиба нисбат ба соли 1978 зиёд шуд. Аз соли 1983 сар карда дар ин соха доимо афзоиш ба кайд гирифта мешавад.

Барои тичорати хоричии Хитой хислатхои зерин мансуб аст:

- содирот тезтар зиёд шуда ба хавасмандкунандаи мухими рушди иктисодиёти Хитой мубаддал гардид. Дар солхои 90-ум суръати афзоиши тичорати хоричии Хитой 7 фоиз аз афзоиши тичорати чахони пеш гузашта буд. Афзоиши солонаи содирот 20,9 фоизро ташкил кард.

- воридот бо субот ва суръати начандон баланд зиёд шуд. Ин маънии афзоиши начандон зиёди сармоягузори, такозои начандон баланди истеъмоли, зудтар иваз кардани молхои воридоти бо ватани, яъне дар бозор зиёд кардани хиссаи молхои истехсоли ватаниро дорад.

- стратегияи диверсификатсияи бозори хоричи натича дод.

Дар замони хозира ба катори дах шарики калони тичоратии Хитой давлатхои зерин ба монанди Япония, Гонконг, ШМА, Иттифоки Европа, Чумхурии Корея, Тайван, Сингапур, Россия, Австралия ва Индонезия дохил мешаванд. Хачми умумии тичорат бо онхо 272,16 млрд. доллари ШМА, ё ин ки 83,7 фоизи гардиши умумии тичорати берунии мамлакатро ташкил кард.

Ба максади фарохам овардани шароити зарури барои минбаъд ташаккул додани ислохот ва зиёдкунии робитахои хоричи аз соли 1980 сар карда Хитой 5 нохияи махсуси иктисодиро (НМИ) созмон дод: Шэнчжен, Чжухай ва Шантоу, Сямэн ва Хайнан. Дар соли 1984 хукумати Хитой кадами навро барои боз хам кушодтар кардани мамлакат ба чахони беруна гузошт: 14 шахрхо – Долян, Синхуандао, Тянсзин, Янтай, Синдао, Лянюиган, Нантун, Шанхай, Нинбо, Вэнжоу, Фучжоу, Гуанчжоу, Чжансзян ва Бэйхай – макоми шахрхои кушоди сохили бахриро сохиб шуданд.

Максади ташкил кардани НМИ аз чалби техника ва технологияи хоричии навтарин, истифодаи усулхои муосири идоракуни, гирифтани ахборот оид ба вазъи бозор дар чахон иборат аст. Ба онхо накши калон барои зиёд кардани содирот, зиёд кардани даромадхои асъории мамлакат, иштирок дар хамкории техники-иктисодии байналхалки, тайёр кардани мутахассион дар сохаи хамкории байналхалкии тичорати-иктисоди ва илми-техники дода шудааст. Баъд аз баркарор кардани панч НМИ иктисодиёт дар онхо назар ба дигар нохияхои мамлакат тезтар тараккид кард.

Чордах шахрхои кушоди сохили бахр дар рафти тараккиёти иктисодиёти ба бозори хоричи нигаронидашуда накши «равзана» ва миёнаравро ичро мекунанд ва минтакахои техники-иктисодии азхудкунии дар худуди онхо ташкил кардашуда аллакай ба «нуктахои гарми» сармоягузори дар мадди назари сармоягузорони хоричи табдил ёфтанд.

Ташкили минтакахои бебоч кадами нави мухим мебошад, ки аз тарафи хукумати Хитой барои васеъ кардани робитахои хоричии мамлакат ва чалби сармояи хоричи гузошта шудааст. Минтакаи бебочи Хитой территорияи махсус, пурра чудо кардашударо дарбар мегирад, ки «бандари кушод» ё ин ки «минтакаи тичорати бебоч»-и як катор мамлакатхои чахонро мемонад. Дар ин минтака асосан саноати маснуотбарории махсулоти содироти истехсолкунанда ва тичорати хоричи таракки меёбад, сиёсати махсуси гумруки гузаронида мешавад ва тартиботи махсуси идоракунии гумруки ва назорат чори карда мешавад. Аз соли 1990 дар ЧХХ 14 минтакаи бебоч ташкил карда шудааст.

Мувофики дурбинии мутахассисони СММ дар асри XXI (ба солхои 2015-2020) Хитой дорои аз хама зиёди МММ ва хачми содирот аз руи арзишаш мегардад.

Накши афзудаи омили иктисодии хоричи ба майли сахех ифодаёфтаи содиротии сохахои зиёди хочагии халк, чалби сармояи хоричи асос хохад ёфт.

**Адабиёт:**


1. Бабурина, О. Н. Мировая экономика и международные экономические отношения : учебник / О.Н. Бабурина. – Москва : ИНФРА-М, 2021. – 275 с.
2. Васильева, Т. Н. Мировая экономика : конспект лекций / Т. Н. Васильева, Л. В. Васильев. – 4 -е изд., стер. – Москва : ФЛИНТА, 2021. – 161 с.
3. Дерен, В. И. Мировая экономика и международные экономические отношения : учебник и практикум для вузов / В. И. Дерен. – 2-е изд., испр. и доп. – Москва : Издательство Юрайт, 2021. – 588 с.
4. Заволокина, Л. И. Мировая экономика : учебное пособие для вузов / Л. И. Заволокина, Н. А. Диесперова. – Москва : Издательство Юрайт, 2021. – 182 с.
5. Кузнецова, Г. В. Россия в системе международных экономических отношений : учебник и практикум для вузов / Г. В. Кузнецова. – 2-е изд., перераб. и доп. – Москва : Издательство Юрайт, 2021. – 393 с.
6. Ломакин, В.К. Мировая экономика: учебник для студентов вузов, обучающихся по экономическим специальностям и направлениям / В.К. Ломакин. – 5-е изд., перераб. и доп. – М. : ЮНИТИ-ДАНА, 2019. – 687 с.
7. Любецкий, В. В. Мировая экономика и международные экономические отношения : учебник / В.В. Любецкий. – М. : Инфра-М, 2019. – 350 с.
8. Международные экономические отношения в глобальной экономике : учебник для вузов / И. Н. Платонова [и др.] ; под общей редакцией И. Н. Платоновой. – Москва : Издательство Юрайт, 2021. – 528 с.

9. Международные экономические отношения. Активные методы обучения: Уч. пос. / Л. В. Новокшонова, М. Л. Горбунова, Т. С. Морозова и др.; Под ред. Л. В. Новокшоновой – М.: Магистр: НИЦ Инфра-М, 2019. – 128 с.
10. Мировая экономика в 2 ч. Часть 1 : учебник для вузов / Б. М. Смитиенко [и др.] ; под редакцией Б. М. Смитиенко, Н. В. Лукьянович. – 4-е изд., перераб. и доп. – Москва : Издательство Юрайт, 2021. – 216 с.
11. Мировая экономика в 2 ч. Часть 2 : учебник для вузов / Б. М. Смитиенко [и др.] ; под редакцией Б. М. Смитиенко, Н. В. Лукьянович. – 4-е изд., перераб. и доп. – Москва : Издательство Юрайт, 2021. – 236 с.
12. Мировая экономика в 2 ч. Часть 1. : учебник для вузов / Р. И. Хасбулатов [и др.] ; под редакцией Р. И. Хасбулатова. – 2-е изд., перераб. и доп. – Москва : Издательство Юрайт, 2021. – 689 с.
13. Мировая экономика в 2 ч. Часть 2. : учебник для вузов / Р. И. Хасбулатов [и др.] ; под редакцией Р. И. Хасбулатова. – 2-е изд., перераб. и доп. – Москва : Издательство Юрайт, 2021. – 691 с.
14. Мировая экономика и международные экономические отношения : учебник для бакалавров / под ред. д.э.н., проф. И. П. Николаевой, д.э.н., проф. Л. С. Шаховской. – 2-е изд., стер. – Москва : Издательско-торговая корпорация «Дашков и К°», 2020. – 240 с.
15. Мировая экономика и международные экономические отношения : учебник / под ред. В. К. Поспелова. – Москва : ИНФРА-М, 2021. – 370 с.
16. Мировая экономика и международные экономические отношения : учебник для вузов / О. В. Игнатова [и др.] ; под редакцией О. В. Игнатовой, Н. Л. Орловой. – Москва : Издательство Юрайт, 2021. – 358 с.

## Тестхо оиди мавзуи 7.3.

**1.Кадоме аз асьорҳои зерин асьори миллии Ҷумҳурии Халқии Чин мебошад?**

A) Юнан;B) Юан;C) Юйан;D) Юван;E) Юена.

**2.Кадом мамлакат аъзои Созмони Ҳамкории Шанхай намебошад?**

A) Қирғизистон;B) Украина;C) Тоҷикистон;D) Россия;E) Хитой.

**3.Дар кадом маврид тақсимоти байналмилалии меҳнатро ҳамчун ҷанбаи «содиротӣ» шарҳ медиҳанд?**

A) ҳангоме, ки дар мамлакатҳо ва ноҳияҳои алоҳида хаҷми истеҳсолот аз талаботи дохилӣ барзиёд аст;B) вақте ки аз ҳисоби воридоти маҳсулот хаҷми истеъмол аз имкониятҳои дохилии истеҳсолӣ зиёд мешавад;C) ҳангоми ба таври афзалиятнок ворид намудани молу махсулот;D) ҳангоми ба берун баровардани миқдори зиёди асъори миллӣ;E) ҳангоме ки ҳаҷми талабот ба асъори хориҷӣ афзун мегардад.

**4.Ислоҳоти иқтисодии Хитой дар фарқият аз дигар мамлакатҳои дар давраи гузариш қарор дошата аз куҷо оғоз ёфта буд?**

A) аз марказҳои асосии саноатии мамлакат;B) аз шаҳрҳои бузурги мамлакат;C) аз деҳот;D) аз шаҳрҳои хурд;E) аз минтақаҳои наздисарҳадӣ.

**5.Иттиҳоди иқтисодии Осиё ва Аврупо кадом сол ташкил шуда буд?**

A) соли 1999;B) соли 1998;C) соли 2000;D) соли 2001;E) соли 2002.

**6.Дар кадом маврид тақсимоти байналмилалии меҳнатро ҳамчун ҷанбаи «воридотӣ» шарҳ медиҳанд?**

A) ҳангоме, ки дар мамлакат ва ноҳияҳои алоҳида хаҷми истеҳсолот аз талаботи дохилӣ барзиёд аст;B) ҳангоме, ки дар мамлакат ва ноҳияҳои алоҳидаи давлат хаҷми истеъмолот аз имкониятҳои дохилии истеҳсолӣ зиёд мешавад;C) ҳангоми ба таври афзалиятнок ворид намудани молу махсулот;D) ҳангоми ба берун баровардани миқдори зиёди асъори миллӣ;E) ҳангоме ки ҳаҷми талабот ба асъори хориҷӣ афзун мегардад.

**7.Дар сохтори хоҷагидории бештари мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ кадом соҳа ҳиссаи бештарро доро мебошад?**

A) соҳаи хизматрасонӣ;B) соҳаи хоҷагии қишлоқ;C) соҳаи саноат; D) соҳаи истихроҷ ва хоҷагии қишлоқ;E) соҳаи чорводорӣ.

**8.Асоси назарияи «такони калонро» чӣ ташкил медиҳад?**

A) ногузири ҳатмии такони беруниро барои тараққиёт иқтисодиимамлакатҳои сусттараққикарда асоснок мекунанд;B) истифодабари сарчашмаҳои дохилии тараққиёти иқтисодиро асоснок

мекунанд;C) баргаштани мамлакатҳоиро ба низоми мустамлика асоснок мекунад;D) ҷавобҳои овардашуда нодуруст;E) ҳаракати ҳаматарафаи сармоя аз мамлакатҳои мутараққии иқтисодӣ ба рӯ ба тараққӣ ташкил кардааст.

**9.Асоси назарияҳои инкишофи мамлакатҳои рӯ ба инкишофро чӣ ташкил медиҳад?**

A) ногузири ҳатмии такони беруниро барои тараққиёт иқтисодиимамлакатҳои сусттараққикарда асоснок мекунанд;B) истифодабари сарчашмаҳои дохилии тараққиёти иқтисодиро асоснок мекунанд;C) баргаштани мамлакатҳоиро ба низоми мустамлика асоснок мекунад;D) ҷавобҳои овардашуда нодуруст;E) ҳаракати ҳаматарафаи сармоя аз мамлакатҳои мутараққии иқтисодӣ ба рӯ ба тараққӣ ташкил кардааст.

**10.Барои мамлакатҳои рӯбаинкишоф кадом проблемаҳои асосӣ хос мебошанд?**

A) проблемаи сармоя, проблемаи истифодаи технологиҳои нав, проблемаи истифобарии захираҳои табии, проблемаи захираҳои инсонӣ;B) проблемаи оби тоза, проблемаи касалиҳои сирояткунда, проблемаи энергетикӣ, проблемаи дарёфт намудани сарчашмаҳои нави асъори хориҷӣ;C) проблемаи паҳншавии яроқи ядроӣ, проблемаи фарсудашавии пулҳои қоғазӣ, проблемаи пешгирӣ намудани беқурбшавии пулӣ миллӣ, проблеами азхудкунии оқёнусҳо;

D) ҷавобҳои овардашуда нодуруст;E) ҷавобҳои овардашуда дурустанд.

## МАВЗӮИ 8.

### Проблемахои умумибашарии иктисодиёти чахони

**1.Хусусиятхои муосири тараккиёти иктисодиёти чахони ва норасоихои он.**
**2.Проблемаи экологи ва роххои халли он.**
**3.Проблемаи камбизоати дар иктисодиёти чахони.**

**4.Накши созмонхои байналхалкии иктисоди ва сиёси дар халли проблемахои умумибашарӣ.**

**1.** Глобализацияи фаъолияти хочагидори ба он овард, ки ба механизми хочагии чахони таъсири боз хам зиёдро проблемахои нав ба миён омада расонида истодаанд. Иттиходияи чахони дар бораи ин проблемахо нахустин бор дар охири солхои 60-ум ибтидои солхои 70-уми асри 20 сухан ронда буд. Ин проблемахоро проблемахои глобали номида, дар ин мафхуми «глобалистика» хамчун равияи тадкикотхои байналхалкии иктисоди дохил карда шуд.

Аз ин нуктаи назар проблемахои глобали чунин проблемахои инкишофи чахониро дохил мекунанд:

-бартараф намудани кашшоки ва кафомондаги;

-проблемаи сулх ва беяроккуни;

-бартараф намудани чанги чахонии ядрой;

-проблемаи озука;

-проблемаи захирахои табии, ки хамчун ду проблемаи алохида дида баромада мешавад;

-проблемаи энергетики ва ашёи хоми;

-проблемаи экологи ё хифзи мухити зист;

-проблемаи демографи ва инкишофи иктидори инсони;

Масъалаи мукаррар намудани аввалияти проблемахои глобали ахамияти на танхо илми, балки ахамияти мухими амали низ дорад. Аз руи баходихи ба проблемахои глобали, ки дар марказхои гуногуни тадкикоти гузаронида шудаанд, харочотхои харсолаи инсоният барои халли онхо бояд на камтар аз 1трлн. долларро ташкил диханд. Ин маблаг 2,5% мачмуи махсулоти дохили ММД-и чахониро дар охири солхои 90-уми асри 20 ташкил медод, ки аз руи паритети кобилияти харидори хисоб карда шудааст. Аз ин чо ахамияти мухимро рейтинги ин ё он проблема ва молиякунонии халли он мувофики рейтинги гузаронидашуда сохиб мешаванд. Аксари тадкикотчиён ба он акидаанд, ки ба фаркияти проблемахои

умумибашари_нигох накарда, хамаи онхо дорои хусусияти умуми мебошанд. Ин хусусияти умумии проблемахои умумибашари онхоро дар катори дигар проблемахои иктисодиёти чахони махсусан кайд мекунанд. Чунин хусусияти проблемахои умумибашари дар як катор аломатхои умумии онхо меёбад:

-характери умумичахони доранд, яъне манфият ва такдири тамоми инсониятро дахлдор мебошад;

-ба инсоният бо таназзули чидди дар шароитхои зиндаги ва инкишофи минбаъдан куввахои истехсолкунанда (ё хатто бо махв ёфтани тамаддуни инсони) тахдид мекунанд;

-халли фаври ва таъхирнопазирро талаб менамоянд;

-байни якдигар зич алокаманд мебошанд;

-барои пурра халли худро ёфтан фаъолияти муштараки тамоми иттиходияи чахониро талаб мекунанд.

**2.** Аз солхои 60-уми асри XX мутахассисон вазъияти экологии сайёраи моро фалокатовар мешумориданд.

Байни зухуроти асосии вазъияти бухрони экологи, ки пеш аз хама мамлакатхои тараккикарда ва баъд мамлакатхои ру ба инкишофро фаро гирифтааст, деградацияи хок, кам шудани чангалхо, норасоии об барои обёринамои ва эхтиёчоти маиши, ифлосшавии хаво ва дигарон чудо шуда меистанд.

Истифодаи гайриокилонаи фонди замин дар нохияхои хочагии кишлок ба он оварда расонидааст, ки бодиси хок хайтхои тахдидкунандаро ба худ гирифтааст. Дар замони хозира кариб 23 млрд. тонна хок хар сол бо шудгор аз даст меравад. Бо давом ёфтани чунин тамоил то охири асри чори кариб 1\5 хиссаи заминхои худобёршавандаи киштукор дар мамлакатхои ру ба инкишоф аз даст мераванд.

Масъалаи нобудшавии чангалхо низ масъалаи чидди шуда истодааст, ки он бештар ба обхезихо, бодлеси замин, лагжида

фуромадани кабати замин, ботлокшави ва лойканокшавии хавзхо кам шудани иктидори гидроэнергетики оварда мерасонад.

Махфи нест, ки шудани чангалхо бо микёси калони истифодаи чубу тахта ба сифати намуди асосии сузишвори дар нохияхои кишлок (махз, хамин тарик кариб 1,3 млрд.одам дар мамлакатхои ру ба инкишоф талаботи худро ба энергия конеъ мегардонад) асоснок карда мешавад. Сабаби дигари васеъ пахншудаи буридани чангалзорхо зарурияти аз худ намудани заминхои иловаги барои истифодаи хочагикишлоки ( дар мамлакатхо афро-осиёи аз хисоби буридани чангалзорхо заминхои киштзор ба 50% васеъ карда шуданд) мебошад.

Масъалахои халли проблемахои озука ва энергетика дар шароитхои усулхои экстенсивии хочагидори ба буридани чангалзорхо водор мекунад, ки ин дар навбати худ ба деградацияи хок, аз даст додани заминхои корам ва имконпазирии хали масъалахои дар ибтидо гузашташуда оварда мерасонад.Дар назар бояд дошт, ки буридани чангалзорхо ба масохатхои калон метавонад ба вайрон шудани мувозиноти экологи дар сатхи регионали ва хатто глобали оварда расонад.

Вазъияти мушкил солхои охир бо оби нушоки руй дода истодааст, ки захирахои он факат 3%-ро аз захирахои умумии об ташкил медихад. Дар баробари ин 3\4 хиссаи оби нушоки дар Арктикаю Антрактида буда, 1\5 хиссаашро обхои зеризамини ташкил намуда кисми бокимондаро дар дарёхо, кулхо, ботлогзор ва абрхо гардиш меёбад. Лекин холати муосири дарёхои бузурги чахон чунин аст, ки оби нушокиро факат ба воситаи технологияхои гаронбахо ба даст овардан мумкин аст. Дар як катор нохияхои сайёра, мувофики акидаи олимон, 80% тамоми беморихо аз истифодаи оби нушокии пастсифат сар мезананд.

Мутахассисон огох мекунанд, ки агар набудихои чангалхои Амазонка катъ нагардад (аз руи хисобхои минимали наботот дар

майдони масохаташ 12 млн. га нест карда шудааст, ки ин 1\4 хиссаи хамон чангалхои Амазонкаро ташкил медихад), иклими ин минтака боз хам хушк мегардад. Аз даст додани чангалхо хамчун сарчашмаи солонаи 50%-и истехсолоти оксиген ба шоки глобали экологи баробар аст.

Самтҳои асосии бартараф кардани бӯҳрони экологиро одатан чунин меноманд:

Аввалан, баромадан аз истифодаи заминҳои андозаҳояшон афзоянда (майдонӣ), заминҳои корами дар натиҷаи истифодаи аз ҳад зиёди нуриҳои кимёвӣ, шӯршавии замин (хок), эрозияи шамол ва намудӣ.

Дуюм, таъсири ҳар чи бештари кимёвӣ ба маҳсулоти заминӣ ва ҳайвонот, об, муҳити истиқомати инсон, нобуд сохтани ҷангалҳо ва ғайра. Ҳамаи ин оқубат ба ҳаёт ва саломатии тамоми одамон таъсир мерасонад, дар бораи бевосита нобуд кардани иқтидорҳои аз нав ба вуҷуд овардани муҳити табиат сухан намеравад.

Сеюм, ҳаҷми афзояндаи ба атмосфераи замини партофтани ифлоскунандаҳо (садҳо ҳазор тонна оксидҳои карбон, карбоҳидрогенҳо, ангидриди сулфат ва ғайра).

Чорум, босуръат зиёд шудани партовҳо, ба макони консетратсияи партовҳои гуногуни саноатӣ тадбил ёфтани қисми майдонҳо.

Панҷум, зиёд шудани шумораи истгоҳҳои барқии атомӣ барои ҳаёти инсон ва табиат хатари зиёд дорад. «Сенария»-и тақрибан чунин истгоҳҳо дар натиҷаи Фоҷеаи Чернобил муайян гардид: марги одамон, карахт шудани шаҳрҳо, замину ҷангалҳо, об, ба воситаи ҳаво ба ҳазорҳо километр паҳн шудани ифлоскунандаҳои радиатсионӣ ва дар шакли партов афтодани онҳо ба шаҳру деҳот.

Проблемаи экологӣ айни ҳол ба қатори он проблемаҳое марбут мебошад, ки метавонад пурра ба проблемаҳои зинда мондани инсон – ҳифзи сулҳ баробар бошад, зеро расидан ба бӯҳрони глаболии

экологӣ метавонад аз ҷиҳати таъсираш натиҷаи ҳамаро фарогиранда дошта бошад, чунки ҷанги атомӣ, ба охир расидани тамаддун аст.

Ҷомеаи ҷаҳонӣ бояд тафаккури нави экологиро дар асоси пешниҳоди ҳақиқии вазъи корҳо дар ин соҳа кор карда барояд. Як қисми маблағи аз кам кардани буҷаҳои мудофиа бадастомада ба ҳисоби чунин созмонҳои байналхалқии экологие, ки пеш аз ҳама дар системаи СММ амал мекунанд, равона карда шавад.

Ҳарчанд проблемаҳои экологӣ рӯз то рӯз зиёд мешаванд, вале алҳол «буҷаҳои экологӣ» он қадар зиёд нест, он ба ҳаҷми масъалаҳои ҳалшаванда комилан мувофиқат намекунад. Соли 1970 барои тадбирҳои ҳифзи табиат инсоният 40 миллиард доллар, соли 1980 қариб 75 миллиард доллар, соли 1990 тақрибан 150 миллиард доллар ва соли 2000 қариб 250 миллиард доллар масраф намуд.

Самти асосии мубориза алайҳи босуръат бад шудани сифати муҳити зист, коркарди маҳакҳои амнияти экологӣ ва ба таври ҷиддӣ ҷорӣ намудани технология амнияти экологӣ мебошад. Барои ин пеш аз ҳама ҳамкории хело зичи байналхалқӣ лозим аст.

Таҳдиди экологие, ки давлатҳо ба он дучор шудаанд, баробар вайрон шудани системаҳои маҳдуди экологӣ ва системаҳои глаболии экологӣ мебошад.

Яке аз тадқиқотҳои ҷиддитари таҳдиди экологӣ барои кишварҳои рӯ ба тараққӣ ба об вобаста аст. Норасоии об ҳар чи бештар сабаби задухӯрдҳои қавмию сиёсӣ мешавад.

Соли 1990 қариб 1,3 миллиард нафар одамон дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ аз истифодаи оби тоза маҳрум монданд. Ба дараҷаи зиёд ифлос шудани об натиҷаи синтарии бад мебошад. Қариб 2 миллиард нафар одамон дар шароити зиддисанитарӣ умр ба сар мебаранд.

3. Проблемаи некӯаҳволӣ бо проблемаи қашшоқӣ, ки боиси ташвиши умумии тамоми одамон мешавад, баробар аст. Дар даҳсолаҳои баъдиҷангӣ ҳалли проблемаи анъанавии таъмини ғизоии қисми зиёди сокинони курраи замин ба тамаддун муяссар нагардид.

Ин проблема танҳо барои 10 кишвари саноатии ҷаҳон муҳим буду халос. Ҳарчанд дар солҳои баъди ҷанг талабот ба ғизо дар тамоми минтақаҳо ба таври умум меафзояд, вале он дар қитъаҳо ва давлатҳои алоҳида ба таври нобаробар тақсим шудааст. Бар зимни ин болоравии истехсолот қариб ба болоравии дахлдори шумораи аҳолӣ баробар меояд.

Дар 40 соли охир ҷамъоварии маҳсулоти ғалла 2 баробар зиёд шудаасту аҳолии замин бошад 1,8 баробар.

Дар даҳсолаҳои баъдиҷангӣ минтақаҳои ҷуғрофие, ки аз нуқтаи назари сатҳи таъмини ғизо дорои хусусиятҳои муайян мебошанд, аниқ карда шудаанд. Инҳо аз як ҷиҳат минтақаҳои саноатии ҷаҳони сармоядорӣ мебошанд, ки Аврупои Шарқӣ ва Шимолӣ, Амрикои Шимолӣ ва Ҷопон- минтақаҳое, ки на ба норасоии ғизои баландсифат, балки ба фаровонии он рӯ ба рӯ шудаанд, фаро мегиранд.

Аз ҷиҳати дуюм, минтақаҳои Ҷануби Аврупо ва Осиёи Пеш, аз ҷумла Юнон, Португалия, Туркия, инчунин қисми зиёди кишварҳои Амрикои Лотинӣ, кишварҳои Мағриб мебошанд, ки дар онҳо таъмини ғизо аз нуқтаи назари Созмони умумиҷаҳонии нигаҳдории тандурустии СММ дар сатҳи наздик ба меъёр аст.

Сеюм, кишварҳои Аврупои Шарқӣ ва собиқ Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиалистӣ, ҳамчунин Ҳиндустон, Миср, Индонезия мебошанд, ки сатҳи таъмини ғизо дар онҳо аз рӯи стандартҳои Созмони умумиҷаҳонии нигоҳдории тандурустии СММ дар сатҳи «имконпазир» қарор дорад.

Чорум, кишварҳои рӯ ба инкишоф мебошанд, ки аҳолии қисми зиёди онҳо душвориҳои бӯҳрони ғизоро аз сар мегузаронад.

Мувофиқи маълумоти Созмони озуқа ва кишоварзии СММ шумораи умумии одамоне, ки аз гуруснагии сахт азият мекашиданд,

дар аввали солҳои 70-ум 400 миллион нафарро ташкил медод, соли 1980 он ба 500 миллион нафар наздик шуд, дар солҳои 1984 – 1985 бошад, вобаста ба вазъи бӯҳрони ғизоӣ дар Африқо он тақрибан аз 600 то 700 нафарро ташкил медод.

Барои он ки хусусияти гуруснагӣ ҳамчун зуҳуроти ҷамъиятӣ фаҳмо гардад, ба назар гирифтан муҳим аст, ки он дар ду шакли гуногун зуҳур мекунад: Шаклҳои «пӯшида» (давомнок, хроникӣ) ва кушода (возеҳ) – дар намуди якбора авҷ гирифтани гуруснагии зиёд бар асари беҳосилӣ ё пурра нобуд шудани ҳосил бо сабаби офатҳои табиӣ ё низоъҳои ҳарбӣ. Намуди якум – гуруснагии давомнок ё хроникӣ камбағалӣ ё бемаҳсулии хок ва мувофиқан хеле паст будани иқтидори харидории анбӯҳи мардум мебошад, ки он дар шакли худ ҳамчун бӯҳрони «ноаён» зуҳур мекунад, ки ҳамеша боиси ҷисман аз байн рафтани садҳо миллион одамон дар қатори наслҳои ҳамдигарро ивазкунанда мебошад.

Пародоксалӣ ба назар мерасад, ки аз гуруснагӣ ё бехӯрокӣ худи истеҳсолкунандагони ғизо – деҳқонони безамин ё камзамин, иҷоракорон ва кормандони соҳаи кишоварзӣ зарар мебинанд.

Гуруснагии хроникӣ ё давомнок ба мардуми кишварҳои озодшаванда хисороти бебозгашт меорад, умри одамро кӯтоҳ мекунад ва боиси баланд шудани сатҳи фавт мегардад. Вобаста аз зиёд будани ҳосили ҷамъшуда ва вазъи хазинаи ғизои миллӣ сарчашмаҳои иҷтимоии ин қашоқӣ ба таври хеле возеҳ ва мунтазам омӯхта мешавад.

Азбаски қисми зиёди ахолии кишварҳои рӯ ба инкишоф ба кишоварзӣ машғул аст, проблемаи асосӣ дар ин кишварҳо камзаминии қисми зиёди заҳматкашони хоҷагии қишлоқ мебошад.

Мувофиқи маълумоти Созмони озуқа ва кишоварзии СММ, аввали солҳои 80-ум майдони заминҳои коркардшуда (дар якҷоягӣ бо заминҳои дамдодашуда) дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ 774

миллион гектарро ташкил медод, ки ин назар ба кишварҳои мутараққӣ (393 миллион гектар) 7,8 маротиба зиёд аст, чуноне ки истеҳсоли хӯрока дар кишварҳои мутараққӣ назар ба кишварҳои рӯ ба тараққӣ чоряк маротиба зиёд мебошад.

Проблемаи ғизоӣ дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ боиси ба вуҷуд омадани ҳамкории як қатор комплексҳо чи шароиту сабабҳои дохилӣ ва чи берунӣ гардид. Яке аз сабабҳои муҳимтарини дохилӣ умуман яктарафагӣ ва қафомондагии иқтисоди ин кишварҳо, яктарафагӣ ва қафомондагӣ дар соҳаи хоҷагии қишлоқ, бахусус нигоҳ доштани муносибатҳои кӯҳнаи аграрӣ мебошад.

Маҳз ҳамин шартмониҳои талаботи ҷамъиятӣ ба ғизо ва соҳаи озуқаи маҳаллии истеҳсолоти ҷамъиятӣ боис мегардад, ки ин талабот қонеъ гардонда шавад.

Дар проблема омилҳои гуногуншакл – иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, демографӣ, аграрию технологӣ, иқлимӣ, захиравӣ, экологӣ ва маданию этникӣ ба таври хеле зичи диалектикӣ ҳамкорӣ мекунанд. Ҳамаи ин омилҳо ба таври худ ба вазъи мушаххаси кишварҳои алоҳида ва минтақаҳо даромехта, дар вазъи истехсолот, мубодила, тақсимот ва талаботи маҳсулоти ғизоӣ инъикос меёбанд.

Самти асосии ҳалли проблемаҳои ғизоӣ дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ баланд бардоштани ҳосилнокӣ дар ҳар воҳиди майдони замини коркардшуда, зиёд кардани миқдори шири дӯшидашуда ба ҳар сари чорво мебошад, яъне омили дохилӣ дар ниҳояти кор муайян аст. Дар қарорҳои Конфронси умумиҷаҳонии озуқаи СММ дар соли 1974, қарорҳои сершумори Созмони озуқа ва кишоварзии СММ, конфронсҳои ҳаракати ҳамроҳнашавӣ, ки дар солҳои 80-ум баргузор шуда буданд, маҳз чунин масъала гузошта шуда буд. Ҳамзамон барои он ки омили дохилӣ дар ҳаҷми пурра «кор кунад» ёрии ҷиддии байналхалқӣ зарур аст. Масалан, ба қатори монеаҳои техникӣ барои баланд бардоштани самаранокии маҳсулоти хоҷагии

қишлоқ дар навбати аввал зарур аст, ки тараққиёти суст аз байн бурда шавад ё ба набудани обёрӣ ё механизатсияи зарурӣ, норасоии нуриҳои мнералӣ ва заҳрхимикатҳо, инчунин тараққиёт ва паҳншавии нокифояи навъҳои баландҳосили растанӣ ва наслҳои сермаҳсули чорво хотима дода шавад. Аз байн бурдани ин сабабҳо бе кӯмаки байналхалқӣ барои кишварҳои рӯ ба тараққӣ ғайриимкон аст.

Муваффақияти сохторҳои аз нав ташкилёфтаи дохилӣ ҳам дар миқоси кишварҳои рӯ ба тараққии Аврупои Шарқӣ ва ҳам дар миқёси қисми зиёди дигар кишварҳои рӯ ба инкишоф аз бисёр ҷиҳат аз омилҳои берунӣ, аз ҳолати муносибатҳои иқтисодиву сиёсии байналхалқӣ вобаста аст. Байналмиллаликунонии шароит, шиддати бавуҷудомадаи вазъи ғизоӣ дар ҷаҳон, байналмиллаликунонии заминаҳои моддиро низ тақозо мекунад, ки имкон медиҳад ин шиддат бартараф карда шавад. Дар минтақаҳои кишварҳои рӯ ба тараққӣ яке аз заминаҳои муҳимтарини ҳалли қатъии проблемаҳои ғизоӣ муттаҳид кардани ҷидду ҷаҳди онҳо дар мубориза барои азнавсозии системаҳои мавҷудаи тақсими байналхалқии меҳнат мебошад, ки хоҷагии қишлоқ низ шомили он аст. Ҳалли қатъии проблемаҳои ғизоӣ бо мубориза барои сулҳ, барои паст кардани шиддати байналхалқӣ, маҳдуд ва кам кардани аслиҳа, халъи силоҳ, бунёди амнияти иқтисоди байналхалқӣ ба таври хеле зич алоқаманд мебошад.

Мавҷуд будани мусаллаҳшавии бошитоб имкон намедод, ки як қисми маблағи бо мақсадҳои ғайриистеҳсолӣ пешбинишуда барои бартараф кардани гуруснагӣ ва ҳалли дигар проблемаҳои ҳатман муҳими инсоният ҷудо карда шавад. Мутахассисон чунин меҳисобанд, ки барои расондани кӯмак бо мақсади расидан ба худтаъминкунии ғизоии кишварҳои рӯ ба инкишоф ҳамагӣ 0,5 %-и ҳаҷми ҳозираи хароҷоти ҷаҳонии истеҳсоли силоҳу муҳимоти ҷангӣ зарур асту халос.

Қашшоқӣ ҷиддитарин хатари ҳифзи мӯътадилии сиёсӣ, муттаҳидӣ ва солимии муҳими табии кишвари мост. Яқин аст, ки стратегияи паст кардани сатҳи қашшоқӣ тамоми ҷанбаъҳои сиёсати давлатиро фаро мегирад.

Мана, инак, баъзе хулосаҳое муҳимтарине, ки аз таҷрибаи кишварҳои алоҳида баровардан мумкин аст:

- Ҳадамоти асосии иҷтимоӣ – давлат бояд дар таъмини васеъи ёриҳои асосии дастраси иҷтимоӣ барои камбағалон, бахусус барои маълумоти ибтидоӣ ва ёрии ибтидоии тиббӣ пайдарҳам мусоидат кунад.
- Ислоҳоти Кишоварзӣ – Азбаски қисми зиёди қашшоқӣ дар кишварҳои рӯ ба инкишоф дар деҳот мавҷуд аст, стратегияи паст кардани сатҳи қашшоқӣ бештар тақсими боадолатонаи замин ва дигар захираҳои кишоварзиро талаб мекунад.
- Қарз (кредит) барои ҳама – Яке аз роҳҳои бештар амалкунандаи кушодани бозорҳо барои камбизоатон таъмини боадолатонатари истифодаи қарзҳо (кредит) мебошад. Маҳаки иқтидори қарздеҳӣ бояд тағйир дода шавад, институтҳои қарздеҳӣ бошанд бояд ҳавасмандиро ғайримарказӣ кунонанд – бо роҳҳои беҳтар натиҷаҳои сусти болоравии иқтисодиро вусъат бахшанд ва ҷалб кардани онҳо барои вусъати истеҳсолот, васеъшавии якбораи имкониятҳои ҳавасмандии ғизоӣ ва бунёди системаи таъмини ҳар як сарчашмаи устувори маблағ барои мавҷудият мебошад.
- Иштирок – Ҳар як системаи қобили ҳаётии кам кардани сатҳи қашшоқӣ бояд ғайримарказӣ кунонда шуда бошад ва барои иштироки инфиродӣ ба назар гирифта шуда бошад. Агар камбағалону қашшоқон дар дастовардҳои рушди иқтисодӣ иштирок надошта бошанд, аз ин дастовардҳо ҳеҷ манфиате намебинанд.

- Шабакаи амнияти иҷтимоӣ – Ҳар як кишвар ба шабакаҳои комилан мувофиқи амнияти иҷтимоӣ эҳтиёҷ дорад, то онҳоеро, ки бозорро ғасб мекунанд, дастгири кунад.
- Болоравии иқтисодӣ – Дар баробари меҳнати умумии истеҳсолӣ маркази диққати ҷидду ҷаҳд оид ба инкишоф бояд ҷалби меҳнати истеҳсолии камбағалон бошад. Ин ба он мусоидат мекунад, ки камбағалон натанҳо аз болоравии иқтисодӣ фоида ба даст меоранд, балки саҳми худро дар он мегузоранд.

Устуворӣ – Қашшоқӣ имконияти одамонро барои ба таври мӯътадил истифода бурдани захираҳо кам карда, фишорро ба муҳити зист пурзӯр менамояд. Барои таъмини устуворӣ бояд мундариҷаи рушд иваз карда шавад – он бояд масолеҳғунҷойтар, энергияғунҷойтар бошад, он бояд дар соҳаи тақсимот адолатнок бошад.

4. Яке аз Созмонҳои муҳимтари ғайриҳукуматии нав Шӯрои Замин мебошад, ки соли 1992 баъди Мулоқоти Умумиҷаҳонӣ дар Бразилия ташкил ёфтааст, ки дар ин мулоқот қариб 10000 созмонҳои байналхалқӣ нақши муҳим бозида буданд. Шӯрои Замин дар нақши нозири глаболӣ оид ба проблемаҳои муҳити зист ва рушд баромад мекунад. Он ҳисоботи солона пешниҳод менамояд, то ҷомеаи ҷаҳониро дар бораи комёбиҳои муҳим ва нокомиҳо дар соҳаи рушд хотирнишон намояд ва ба сиёсати ҷаҳонӣ таъсир расонад.

Яке аз проблемаҳои муҳим дар фаъолияти Созмонҳои ғайриҳукуматӣ дар сатҳи миллию байналхалқӣ проблемаи коррупсия мебошад, ки дар тамоми ҷаҳон – дар байни мансабдорони давлатӣ, дар байни лидерони сиёсӣ, дар байни садрнишинони ҳарбӣ, дар Корпоратсияҳои странсмиллӣ, дар соҳаи байналхалқии бонкӣ ҳамчун бемории сирояткунанда паҳн мешавад.

Институтҳои идоракунии глаболӣ, ки дар солҳои 40-ум ташкил шудаанд (СММ, Бонки Умумиҷаҳонӣ, Хазинаи байналхалқии асъор, ГАТТ) дар панҷ даҳсолаи охир барои дастгирии сулҳи глобалӣ барои тезондани рушди иқтисоди ҷаҳонӣ ва барои либерализатсияи тиҷорат нақши бисёр муҳим бозидаанд. Дар ҳақиқат канорагирӣ аз таҷрибаи ҳузновари солҳои 40-ум ба онҳо муяссар гардид. Ҷанги ҷаҳонӣ аз нав сар нашуд. Касодии умумиҷаонӣ ба вуҷуд наомад. Вале онҳо барои аз байн бурдани нобаробарии иқтисоди ҷаҳонӣ ва қашшоқии глобалӣ ба комёбиҳои камтар ноил шуданд.

Тақозоҳои амнияти глаболии инсон ва рушди он дар асри XXI навигариҳои бисёри эҷодиро талаб мекунад, ба монанди он ки дар солҳои 40-ум ба вуҷуд омада буд.

Ҳадди ақал ба се тағйироти институтӣ талаботи зарурӣ мавчуд аст:

- Таҳкими нақши Созмони Миллали Муттаҳид барои рушди рузафзуни инсоният.
- Бунёди Шӯрои Амнияти иқтисодӣ, ки ба фаъолияти худ дар мафҳуми васеътари амният бояд роҳбарӣ кунад.
- Иваз кардани сохтор ва таҳкими институтҳои глаболии мавҷудаи идораи иқтисодӣ.

Стратегияи ягонаи ҳаётан муҳими ин тағйироти стратегияи давра ба давра васеъ кардани соҳаи фаъолияти институтҳои аллакай амалкунанда мебошад, то онҳо проблемаҳои асри XXI-ро ҳал карда тавонанд.

«Соябон» - и СММ барои рушди инсоният менамоянд, ки барои мусоидат ба рушди рӯзафрузии инсоният нақши Созмони Миллали Муттахид пурқувват карда шавад. Баъзе унсурҳои чунин кӯшиш аллакай дар амал санҷида шуда истодааст. Унсурҳои дигарро бошад дар асоси усули мувафикашудаи давра

ба даврагӣ кор карда баромадан мумкин аст. Ҳадафи ниҳоӣ бояд он чиз бошад, ки Созмони Миллали Муттаҳад ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамчун такягоҳи пуриқтидори рушди инсоният хизмат кунад.

Барои расидан ба ин ҳадафҳо ба чунин таҳаввулот эҳтиёҷ мавҷуд аст:

- Парадигми рузафзуни рушди инсоният. Сохторҳои манфиатдори СММ – ро лозим аст, вазифаҳои умумии ҳамдигарро пурракунондаи роҳу усулҳоро бо мақсади он, ки ба кишварҳои алоҳида кӯмак расондан ҳадафҳои асосии онҳо дар рушди афзояндаи инсоният мебошад, муайян намоянд. «Рӯзнома дар соҳаи рушд» - Муншии умумии СММ ва дигароне, ки айни ҳол фаъолият доранд, омили рӯз мешаванд, ки самти умумии вазифаҳо ва мавзӯоти онҳоро муттаҳидкунанда ба таври дақиқ муайян карда шавад.
- Ҷидду ҷаҳди аҳлона (якҷоя)-и фондҳои рушд. Фондҳои рушди СММ (Барномаи Рушди СММ, ЮНИСЕФ, фонди аҳолии СММ, фонди байналхалқии рушди кишоварзӣ, барномаи умумиҷаҳонии озуқа) ба кишварҳои рӯ ба инкишоф захираҳои хеле фаровон – қариб 5 миллиард доллар дар як сол пешниҳод мекунанд. Захираҳои якҷояи ин фондҳо тақрибан бо фондҳои Ассосиатсияи байналхалқии тараққиёт (МАР – шӯъбаи Бонки Умумиҷаҳонӣ, ки қарзҳои имтиёзнок пешниҳод мекунанд) баробар аст.

Дар оянда ҳамкории ниҳоят зичи роҳбарияти ин институтҳо, ҳам дар сатҳи қароргоҳи СММ ва ҳам дар сатҳи кишварҳои алоҳида, ҳамчунин дар баробари ҳамкорӣ бо роҳбарияти Шӯрои Иқтисодиву Иҷтимоӣ зарур аст.

- Захираҳои иловагӣ ва масъулияти иловагӣ.

Дар ҳолате, ки агар ба дастгирии стратегияи рушди инсоният захираҳои нав ҷамъоварӣ карда шавад, он гоҳ такмили

сохторҳои СММ оид ба проблемаҳои рушд метавонад ин захираҳои иловагиро пурра идора кунад, ҳамчунин оид ба он масъалаҳое, ки метавонанд дар натиҷаи Кунгураи масоили иҷтимоӣ бархезанд, барои худ ӯҳдадориҳои нав бигирад.

Баъзе таҳлилкорон он қадар дур рафтаанд, ки ташкили Ожонсии рушди инсониятро пешниҳод намудаанд. Хеле хуб мебуд, вале, истифода бурда шудани афзалиятҳои нисбатан қавии ҳар як ҷанбаи фондҳои рушди СММ дар асоси сохтори васеъи онҳо ва ваколотҳои иловагӣ дар соҳаи рушд ташкил шудааст, ки ҳар яки он назар ба он ки ба муттаҳидшавии пурра кӯшиш намояд, тавонистааст онҳоро бунёд кунад. Назар ба он ки ким кадом муттаҳидии сунъии маъмурӣ, интегратсияи сохторҳои сиёсии фондҳои рушд, ки бозсозии муайяни сохторӣ ва ислоҳоти идоракунии ҳамчун «Соябон»-и умумии рӯзафзуни рушди инсониятро ҳамроҳӣ мекунанд, ин хеле муҳим аст. Вале ин мулоҳизаҳо барои ҳамаи фондҳои мавҷудаи рушди СММ оид ба коркарди платформаи муштараки умумӣ ва сохторҳои ҷиддан фикркардашудаи Шурои Амнияти Иқтисодӣ масъулияти калонро талаб мекунанд.

Икдомҳои минбаъда барои таҳкими накши СММ дар рушди башарият бунёди Шӯрои Амнияти Иқтисодӣ – Созмони дар сатҳи ниҳоят баланд қарорқабулкунанда мебошад, ки таҳдидҳои амнияти глобалии инсонро дида мебаромад ва фаъолиятҳои заруриро мувофиқа мекунад.

Ин Шӯро бояд сершумор ва идорашаванда бошад. Дар ҳайати он метавонад 11 аъзои доимӣ шомил бошад, ки кишварҳои асосии аз ҷиҳати саноат тараққикарда ва кишварҳои сераҳолитари рӯ ба инкишофро намояндагӣ кунанд. Ҳамчунин мумкин аст боз 11 аъзо дар асоси ротатсия аз созмонҳои минтақавию сиёсӣ илова гардад.

Алтернативаи мобайнии тавсеъаи ваколатҳои Шӯрои Амнияти мавҷуда бояд ба ҳамон дараҷае бошад, ки он тавонад на танҳо таҳдиди ҳарбӣ, балки тахдидҳои бавуҷудовардаи қарзҳои иқтисодиву ичтимоиро низ дида бароят.

Барои ин дар ҳайати Шӯро эҳтимол мавқеи алохида, мавқеъ бо баланд бардоштани аъзогӣ ва нақши нав дар соҳаи амнияти иҷтимоиву иқтисодӣ зарур бошад.

Имконияти дигар метавонад истифодаи Шӯрои Иқтисодиву Иҷтимоӣ барои дар чаҳорчӯбаи он ташкил кардани мақоми хурди идоравӣ ва иҷроия бошад, ки тавонад иҷлосияҳои доимиро баргузор намоянд ва қарорҳои ба ратификатсияи минбаъдаи ҳама аъзои Шуро тааллуқдоштаро қабул кунад.

Системаи овоздиҳӣ дар Шӯрои Амнияти Иқтисодӣ набояд аз вето бархӯрдор бошад.

Вале барои он ки ҳамаи гурӯҳҳои бовар намоянд, ки манфиатҳои қонуниашон ҳифз карда хоҳанд шуд, системаи овоздиҳӣ бояд чунин ҳолатеро дар бар гирад, ки ҳамаи қарорҳо на танҳо аз ҷониби аксарияти аъзо, балки инчунин аз ҷониби қисми кишвархои аз ҷиҳати саноат тараққикарда ва рӯ ба инкишоф тасдиқ карда хоҳанд шуд.

Бонки Марказии Умумиҷаҳонӣ

Бонки Марказии Умумиҷаҳонӣ дар асри XXI барои идораи боақлонаи макроиқтисодӣ, барои мӯътадилии глобалии молиявӣ ва барои мусоидат ба рушди иқтисодии кишварҳои як андоза қошшоқ ҳатман муҳим аст. Он метавонад панҷ вазифаро иҷро кунад:

- Ба мӯътадилии фаъолияти глобалии иқтисодӣ кӯмак расонад.
- Барои суғурта (бима)-и институтҳои молиявӣ ба ҳайси қарздеҳ (кредитор) хизмат кунад.

- Вакте ки дар бозарҳои молиявӣ шиддат ва бесарусомонӣ ба вуҷуд меоянд, онро ба тартиб оранд.
- Фаъолияти институтҳои молиявӣ, аз ҷумла фаъолияти бонкҳои амонатиро ба танзим дарорад.
- Ликвидҳои нави байналхалқӣ барорад ва онҳоро ба танзим дарорад.

Пешниҳод гардида буд, ки ин вазифаро Хазинаи Байналхалқии Асъор иҷро хоҳад кард, вале кишварҳои аз ҷиҳати саноат тараққикарда ба он додани чунин ваколатро суст карданд, ки дар натиҷа нақши он дар ду дахсолаи охир хеле суст гардид.

Трости Инвеститсионии Байналхалқӣ

Тавре дар боло гуфта шуд, бозори сармояи хусусӣ маблағи худро ба бозорҳои пайдошудаистодаи кишварҳои рӯ ба инкишоф равона намуда фаъолияти калон зоҳир намуд. Вале қисми зиёди ин маблағ ба як қатор кишварҳои қобили адои қарз, аз ҷумла ба кишварҳои Осиёи Шарқӣ ва Амрикои Лотинӣ ворид мешавад.

Бонки Умумиҷаҳонӣ ба кишварҳои рӯ ба инкишоф кӯмак карда барои ворид шудан ба ин фондҳои бозорӣ нақши муҳим мебозад, махсусан дар он кишварҳое, ки қаблан бо сабаби қабили пардохти баланд набуданашон наметавонистанд ин маблағро ба даст оранд. Дахолати Бонки Умумиҷаҳонӣ ба ин бозор ба кишварҳои рӯ ба инкишоф бо роҳи пешниҳод кардани қарзҳои арзонтар ба мӯҳлатҳои дароз, қарздеҳӣ ба сектори масоили шакли идораи макроиқтисодӣ ба кишварҳои ру ба инкишоф кӯмак мекунад.

Азнавтақсимкунии захираҳо ба усули нави эҷодӣ эҳтиёҷ дорад, ки он барои фиристодани маблағҳои зиёдатӣ ба кишварҳои рӯ ба инкишоф имкон медиҳад. Бонки Умумиҷаҳонӣ бо роҳи ба кишварҳои маблағи иловагидошта фурӯхтани облигатсияҳо (қоғазҳои қиматнок) ва ба ҳайси кредитор ба кишварҳои рӯ ба

инкишоф пешниҳод кардани пули бадастовардашуда метавонад нақши Трести Инветсионии Байналхалқиро дошта бошад.

**Адабиёт:**


1. Мировая экономика. Экономика стран и регионов. Учебник / ред. Колесов В. П., Осьмовой В. Н. — М.: Юрайт. 2017. 520 с.
2. Миронова В. Н., Орлова Н. Л., Сидоренко Т. В. Мировая экономика и международные экономические отношения. Практикум. — М.: Инфра-М, Вузовский учебник. 2016. 136 с.
3. Пашковская М. В., Господарик Ю. П. Мировая экономика. Учебник. 5-е изд., стер. — М.: Юрайт. 2019. 768 с.
4. Раджабова З. К. Мировая экономика. Учебник. — М.: Инфра-М. 2015. 352 с.
5. Смитиенко Б. М., Лукьянович Н. В. — М.: Юрайт. 2019. 236 с.
6. Сутырин С. Ф. Мировая экономика. Учебное пособие. — М.: Юрайт. 2016. 172 с.
7. Хасбулатов Р. И. Международные корпорации в мировой экономике. Учебник. — М.: Юрайт. 2020. 396 с.
8. Хасбулатов Р. И. Мировая экономика. Учебник для вузов. В 2 частях. Часть 2. — М.: Юрайт. 2019. 692 с.
9. Чеботарев Н. Ф. Мировая экономика и международные экономические отношения. Учебник. — М.: Дашков и Ко. 2020. 350 с.
10. Шимко П. Д. Мировая экономика и международные экономические отношения. Практикум. Учебно-практическое пособие. — М.: КноРус. 2020. 276 с.
11. Шимко П. Д. Мировая экономика и международные экономические отношения. Учебник. — М.: КноРус. 2020. 366 с. Бабурина, О. Н. Мировая экономика и международные экономические отношения : учебник / О.Н. Бабурина. – Москва : ИНФРА-М, 2021. – 275 с.

12. Васильева, Т. Н. Мировая экономика : конспект лекций / Т. Н. Васильева, Л. В. Васильев. – 4 -е изд., стер. – Москва : ФЛИНТА, 2021. – 161 с.

13. Дерен, В. И. Мировая экономика и международные экономические отношения : учебник и практикум для вузов / В. И. Дерен. – 2-е изд., испр. и доп. – Москва : Издательство Юрайт, 2021. – 588 с.

14. Заволокина, Л. И. Мировая экономика : учебное пособие для вузов / Л. И. Заволокина, Н. А. Диесперова. – Москва : Издательство Юрайт, 2021. – 182 с.

15. Кузнецова, Г. В. Россия в системе международных экономических отношений : учебник и практикум для вузов / Г. В. Кузнецова. – 2-е изд., перераб. и доп. – Москва : Издательство Юрайт, 2021. – 393 с.

16. Ломакин, В.К. Мировая экономика: учебник для студентов вузов, обучающихся по экономическим специальностям и направлениям / В.К. Ломакин. – 5-е изд., перераб. и доп. – М. : ЮНИТИ-ДАНА, 2019. – 687 с.

17. Любецкий, В. В. Мировая экономика и международные экономические отношения : учебник / В.В. Любецкий. – М. : Инфра-М, 2019. – 350 с.

18. Международные экономические отношения в глобальной экономике : учебник для вузов / И. Н. Платонова [и др.] ; под общей редакцией И. Н. Платоновой. – Москва : Издательство Юрайт, 2021. – 528 с.

19. Международные экономические отношения. Активные методы обучения: Уч. пос. / Л. В. Новокшонова, М. Л. Горбунова, Т. С. Морозова и др.; Под ред. Л. В. Новокшоновой – М.: Магистр: НИЦ Инфра-М, 2019. – 128 с.

20. Мировая экономика в 2 ч. Часть 1 : учебник для вузов / Б. М. Смитиенко [и др.] ; под редакцией Б. М. Смитиенко, Н. В. Лукьянович. – 4-е изд., перераб. и доп. – Москва : Издательство Юрайт, 2021. – 216 с.

21. Мировая экономика в 2 ч. Часть 2 : учебник для вузов / Б. М. Смитиенко [и др.] ; под редакцией Б. М. Смитиенко, Н. В. Лукьянович. – 4-е изд., перераб. и доп. – Москва : Издательство Юрайт, 2021. – 236 с.

22. Мировая экономика в 2 ч. Часть 1. : учебник для вузов / Р. И. Хасбулатов [и др.] ; под редакцией Р. И. Хасбулатова. – 2-е изд., перераб. и доп. – Москва : Издательство Юрайт, 2021. – 689 с.

23. Мировая экономика в 2 ч. Часть 2. : учебник для вузов / Р. И. Хасбулатов [и др.] ; под редакцией Р. И. Хасбулатова. – 2-е изд., перераб. и доп. – Москва : Издательство Юрайт, 2021. – 691 с.

24. Мировая экономика и международные экономические отношения : учебник для бакалавров / под ред. д.э.н., проф. И. П. Николаевой, д.э.н., проф. Л. С. Шаховской. – 2-е изд., стер. – Москва : Издательско-торговая корпорация «Дашков и К°», 2020. – 240 с.

25. Мировая экономика и международные экономические отношения : учебник / под ред. В. К. Поспелова. – Москва : ИНФРА-М, 2021. – 370 с.

26. Мировая экономика и международные экономические отношения : учебник для вузов / О. В. Игнатова [и др.] ; под редакцией О. В. Игнатовой, Н. Л. Орловой. – Москва : Издательство Юрайт, 2021. – 358 с.

27. www.economics.ru

28. www.faorus.ru

29. www.vtorus.ru

**Тестхо оиди мавзуи 8.**

**1.Ба проблемаҳои умумибашарӣ дохил мешаванд?** A) Проблемаи камбизоатӣ, даромади паст ва гендерӣ дар Тоҷикистон;

B) Проблемаи экологӣ, проблемаи қашоқӣ, камбизоатӣ, проблемаи сулҳ, об, бомбаи ядрои;C) Проблемаи бекурбшавии пули миллӣ;D) Проблемаи бекорӣ дар Тоҷикистон;E) Проблемаи истифодаи телефонҳои мобилӣ ва даромади аҳолӣ.

**2.Яке аз сабабҳои сар задани проблемаҳои глобалии хусусияти экологидошта аз чӣ иборат мебошад?** A) Рушди босуръати тиҷорати хориҷи молҳои хоҷагии қишлоқ;B) Рушди баланди ММД бо такя ба истихроҷи ангишт;C) Зиёдшавии ҳаҷми партовҳо ва камшавии майдони ҷангалзорҳо дар табиат;D) Рушди босуръати киштукори заминҳои бекорхобида;E) Рушди босуръати истифодаи технологияҳои информатсионӣ.

**3.Кадоме аз проблемаҳои дар поён овардашуда ба проблемаҳои глобалӣ дохил карда мешаванд?** А) Проблемаи рушди тиҷорати хориҷӣ ва кам будани музди меҳнат;

В) Проблемаи обхезӣ, заминҷунбӣ, барф ва борон;С) Проблемаи бекорӣ ва паст будани нафақа;D) бартараф намудани қашшокӣ ва кафомондагӣ, проблемаи сулх ва беяроқкунӣ, бартараф намудани ҷанги ҷахонии ядроӣ, проблемаи озуқа;Е) Проблемаи истифодаи технологияҳои информатсионӣ ва зиёдшавии ҳаҷми истеҳсоли молҳо.

**4.Оё проблемаи норасоии озуқа проблемаи глобалӣ шуда метавонад?** А) Ин хел проблема мавҷуд нест;В) Не, наметавонад;

С) Метавонад, агар сатҳи бекорӣ паст бошад;D) Метавонад. агар як ҳудуди як давлатро фарогир бошад;Е) Метавонад агар минтақа ва ё гурӯҳи давлатҳоро фарогир бошад.

**5.Дар кадом ҳолат проблемаҳо хусусияти глобалиро соҳиб мешаванд?** А) Ин хел проблемаҳо мавҷуд нестанд;В) Агар давлатҳои мутараққиро фарогир набошанд;С) Агар дар дохили давлатҳо сатҳи бекорӣ паст ва сатҳи инфлятсия зиёд бошад;D) Агар ин проблема ҳудуди як давлатро фарогир бошанд;Е) Агар ин проблемаҳо минтақа ва ё гурӯҳи давлатҳоро фарогир бошанд.

**6.Объекти асосии пайдошавии проблемаҳои демографиро муайян кунед?**

А) Одамон;В) Ҳайвонот;С) Наботот;D) Дипломатҳо;Е) Ҳукуматҳои давлатҳо.

**7.Таъмини ахолӣ бо оби тоза аз рӯи меъёрхои мукарраршуда бо микдори лозимии об, ҳадафи танзими кадом проблемаи глобалӣ мебошад?** А) Бартараф намудани қашшокӣ ва кафомондагӣ;В) Проблемаи сулх ва беяроккунӣ;С) Бартараф намудани ҷанги ҷаҳонии ядроӣ ва проблемаи озука;D) Проблемаи экологӣ ё ҳифзи мухити зист;Е) Проблемаи истифодаи оқилонаи оби нушокӣ.

**8.Усули асосии баҳогузории проблемаи озуқаворӣ кадом мебошад?** А) Нест кардани ҷангалҳо ва ифлоснамоии уқёнуси ҷаҳонӣ;В) Сатҳи пасти

даромади аҳолӣ;C) Сатҳи баланди бекорӣ;D) Таъмин набудан аз оби нушиданӣ;E) Таъмин набудан аз хӯроки комилан серғизо.

**9.Сababи асосии глобалӣ ном гирифтани бархе аз проблемаҳои ҷаҳони муосирро бо чӣ асоснок кардан мумкин ҳаст?**

A) Характери миллӣ доранд;B) Характери дохилӣ доранд;C) Халли фавриро тақозо надоранд;D) Характери умумиҷаҳонӣ доранд;E) Характери мавсимӣ доранд.

**10.Ба марҳилаҳои системаи ҷаҳонии асъор кадоме аз ин системаҳои зерин дохил нестанд?** A) системаи асъории Париж;B) системаи стандарти тиллоӣ;C) системаи асъории Бреттон-Вудс;D) системаи асъории Генуя;E) системаи доллари Аврупо.

**Мавзуоти**
**корҳои курсӣ аз фанни «Иқтисодиёти ҷаҳонӣ» барои донишҷӯёни курси 2-юми ихтисоси 25010300-иқтисодиёти ҷаҳонӣ, гурӯҳи тоҷикӣ**

| № | Номгӯи мавзӯъ | Ному насаби донишҷӯ | имзо |
|---|---|---|---|
| 1. | Иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар гурӯҳҳои минтақавии интегратсионӣ | | |
| 2. | Мавқеи ОПЕК дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ | | |
| 3. | Сохтори соҳавии иқтисодиёти ҷаҳонӣ | | |
| 4. | Гурӯҳбандии мамлакатҳои ҷаҳон аз рӯи сатҳи инкишофи иқтисодӣ ва даромад ба сари аҳолӣ | | |
| 5. | Иқтидорҳои илмию техникии хоҷагии ҷаҳонӣ | | |
| 6. | Тақсимоти байналхалқии меҳнат: моҳият, шаклҳо ва омилҳои инкишоф | | |
| 7. | Иқтисодиёти ИМА, ҳолат, таркиб ва қонуниятҳои инкишоф. | | |
| 8. | Мавқеи мамлакатҳои нави саноатии Осиёи Ҷануби Шарқӣ дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ | | |
| 9. | Мамлакатҳои нави саноатии Америкаи Лотинӣ ва нақши онҳо дар хоҷагии ҷаҳонӣ | | |
| 10. | Проблемаҳои умумибашарӣ ва роҳҳои ҳалли онҳо. | | |
| 11. | Иттифоки Аврупо дар низоми робитаҳои хоҷагии ҷаҳонӣ. | | |
| 12. | Проблемаҳои камбизоатӣ дар ҷаҳон ва роҳҳои ҳалли он. | | |
| 13. | Проблемаҳои рушди иқтисодӣ ва роҳҳои бартараф намудани он. | | |
| 14. | Мавқеи Тоҷикистон дар хоҷагии ҷаҳонӣ | | |
| 15. | Бӯҳрони экологӣ ҳамчун масоили умумибашарӣ | | |
| 16. | Мавқеи давлатҳои мутараққии ҷаҳон дар тиҷорати байналхалқӣ | | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 17. | Асосҳои илмии модели иқтисодии Япония ва хусусиятҳот он | | |
| 18. | Бӯҳрони ҷаҳонии энергетикӣ ва омилҳои баон таъсиррасонанда | | |
| 19. | Ислоҳоти иқтисодии Хитой, хусусиятҳои гузариш ва натиҷаҳо | | |
| 20. | Корпоратсияҳои байналмилалӣ дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ | | |
| 21. | Моҳияти иқтисодиёти рушди устувор ва моделҳои он | | |
| 22. | Ҷанбаҳои иқтисодии амнияти озуқаворӣ дар ҷаҳон | | |
| 23. | Иттифоқи Аврупо: принсипҳо ва марҳилаҳои ташаккули он | | |
| 24. | Мавқеи Россия дар хоҷагии ҷаҳонӣ | | |
| 25. | Масоили глобалии муосир ва роҳҳои ҳалли он | | |
| 26. | Созмонҳои иқтисодии байналхалқӣ дар низоми танзими иқтисодиёти ҷаҳонӣ | | |
| 27. | Модели иқтисодии инкишофи Ҳиндустон ва хусусиятҳои асосии он | | |
| 28. | Модели иқтисодии кишварҳои Африка, аломатҳои умумӣ ва хусусияти онҳо | | |
| 29. | Модели иқтисодии кишварҳои Шарқи Наздик ва Миёна, аломатҳои умумӣ ва хусусияти онҳо | | |
| 30. | Модели иқтисодии кишварҳои пешрафтаи Иттифоқи Аврупо ва хусусиятҳои фарққунандаи онҳо | | |
| 31. | Бозори ҷаҳонии сармоя, иштироккунандагон ва таснифоти он | | |
| 32. | Дараҷа ва нишондиҳандаҳои иштироки давлатҳо дар тақсимоти байналхалқии меҳнат | | |
| 33. | Махсусгардонии байналхалқӣ ва кооператсияи истехсолот: моҳият ва шаклҳо | | |
| 34. | Модели иқтисодии кишварҳои навбаромади саноатии Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ва камбудиҳои он. | | |
| 35. | Моҳият ва мақсади ташкили МОИ. | | |
| 36. | Минтақаҳои оффшорӣ: нақш ва аҳмияти онҳо дар таҷрибаи байналхалқӣ | | |
| 37. | Мавқеи Хитой дар хоҷагии ҷаҳонӣ. | | |
| 38. | Нақши рақобати байналхалқӣ дар шароити муосир. | | |
| 39. | Нақш ва аҳамияти ШФМ дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёт | | |
| 40. | Проблемаи озуқаворӣ дар хоҷагии ҷаҳонӣ | | |
| 41. | Бухрони демографӣ дар мамлакатҳои рубаинкишоф ва роҳҳои баромадан аз он. | | |
| 42. | Проблемаҳои демографии давлатҳои тараққикарда. | | |
| 43. | Вазъи хоҷагии қишлоқи давлатҳои давлатҳои тараққикарда ва проблемаҳои он | | |
| 44. | Сохтори соҳаи хизматрасонӣ ва сабабҳои боло бардоштани нақши он дар хоҷагии ҷаҳонӣ | | |
| 45. | Илм –ҳамчун омили рушди иқтисодиёти ҷаҳонӣ | | |
| 46. | Самтҳои асосии танзими давлатии иқтисодиёт. | | |
| 47. | Мавқеи Россия дар хоҷагии ҷаҳонӣ | | |
| 48. | Масоили глобалии муосир ва роҳҳои ҳалли он | | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 49. | Содироти сармоя ва шаклхои асосии он | | |
| 50. | Нақши рақобати байналхалқӣ дар шароити муосир. | | |
| 51. | Буҳрони демографӣ дар мамлакатҳои рубаинкишоф ва роҳҳои баромадан аз он. | | |
| 52. | Проблемаҳои демографии давлатҳои тараққикарда. | | |
| 53. | Созмони Ҳамкории Шанхай, хусусият, мақсадҳо ва самтҳои асосии ҳамкориҳо. | | |
| 54. | Қарзи берунии Ҷумҳурии Тоҷикистон, сохтор ва хизматрасонии он. | | |
| 55. | Шӯрои иқтисодӣ ва Иҷтимоии СММ (ЭКОСОС), вазифаҳои асосӣ ва сохтори он. | | |
| 56. | Хичрати байналхалкии кувваи корӣ | | |
| 57. | Мубодилаи байналхалкии технология | | |
| 58. | Муносибатхои байналхалкии асъорӣ ва қарзӣ | | |